**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

***ВБД: 33 (575.3)***
***ТБК: 65.2/4-65.9 (2Т)***
***С-14***

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**САДИҚОВА ШУКРОНА КАРЧАЕВНА**

# ТАШАККУЛИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ - ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

**Роҳбари илмӣ:** д.и.и., профессор
Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович

**ДУШАНБЕ – 2024**

## М У Н Д А Р И Ҷ А


**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО.......................................................3**

**МУҚАДДИМА .......................................................................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ-ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ**

1.1. Асосҳои назариявии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ.........................................................................................16

1.2. Ҷанбаҳои методии таҳқиқи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ.........................................................................................34

1.3. Механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ……………………..................……………....50

**БОБИ 2. ТАҲАВВУЛОТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ МУҲИТИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таълимӣ........................................69

2.2. Ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ........................................................................................................87

2.3. Равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ.......................................................................................102

**БОБИ 3. САМТҲОИ РУШДИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

3.1. Рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ................118

3.2. Хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт...130

3.3. Консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ……...........................................................147

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ.........……….......…………………164**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА…..........………………...168**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....................189**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АИДНПҶТ – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ – Базаи моддию техникӣ
ББМ – Бозори байналхалқии меҳнат
БҶ – Бонки ҷаҳонӣ
БДС – Барномаи давлатии сармоягузорӣ
БМР – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВАО – Васоити ахбори омма
ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ДДМИТ – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ИИТ – Институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ
ИА – Иттиҳоди Аврупо
ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
КИТ – Корҳои илмию таҳқиқотӣ
МТОК – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
МТИ – Муассисаю ташкилотҳои илмӣ
МММ – Маҷмуи маҳсулоти миллӣ
ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
НТҶ – Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ
ПИТ – Пешрафти илмию техникӣ
СИ – Сармояи инсонӣ
СММ – Созмони Миллали Муттаҳид
СМР–2030 – Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030
СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо
СҲИР – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд
ТИК – Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
ШАМК – Шумораи аҳолии машғули кор
ШУК – Шумораи умумии кормандон
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Сармояи инсонӣ омили калидӣ ва захираи муҳимтарини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба шумор меравад, ки нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории рушди онро муҳити институтсионалӣ муайян менамояд. Қобили қайд аст, ки муҳити институтсионалӣ фарогири раванди комили такрористеҳсолии сармояи инсонӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ заминаи муҳимми ноил гардидан ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ модели инноватсионии рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи принсипҳои асосии он самти афзалиятноки ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар барои давраи дорозмуддат мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Дар ҳуҷҷати мазкур таъкид шудааст, ки «Дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди устувори кишвар бе истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Дар даҳсолаи наздик силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан коҳиш медиҳад. Мо бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва аз имрӯз самтҳои модели рушди ояндаро муқаррар намуда, хусусиятҳои сифатии онро муайян созем. Омили такондиҳандаи чунин модели рушд захираи инсонӣ бо ҷузъҳои асосии таркибии он – маориф ва илм, ҳамчун шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Нақши давлат дар муайянкунӣ ва дастгирии самтҳои афзалиятноки илму техника бояд тақвият дода шавад»[1].

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. – Душанбе: «Контраст», 2016 – С.7.

Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи мақсадноки рушди сармояи миллии инсониро дар асоси такмили муҳити институтсионалии он бо назардошти ислоҳоти низоми маориф, таҷдиди соҳаи тандурустӣ, таъмини ҳамоҳангии бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ татбиқ намуда истодааст. Қобили қайд аст, ки дар ҷумҳурӣ ба тарбияи томактабӣ ва мактабӣ, тайёр кардани кадрҳо дар мактабҳои миёнаи касбӣ ва олӣ, фароҳам овардани шароит барои тайёр кардани донишҷӯёни болаёқат дар муассисаҳои олии касбии хориҷа, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо ҳангоми фаъолияти касбии онҳо ва ғайра диққати махсус дода мешавад. Натиҷаҳои ба дастомада таносуби талабот ва таклифотро дар бозори меҳнати дохила хеле беҳтар карданд.

Бо вуҷуди ин, сатҳи инкишофи сармояи инсонӣ дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта хеле поин аст. Таҳлили муқоисавии рушди сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо, аз ҷумла давлатҳои ИДМ, аз қафомонии назарраси нишондиҳандаҳои асосӣ, ки неруи инноватсионии рушди захираҳои инсониро ташкил медиҳанд, гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи индекси рушди инсонӣ дар байни давлатҳои ИДМ дар сатҳи поён (ҷойи 125-ум) қарор дорад. Ӯзбекистон дар ҷойи 106, Туркманистон – 111 ва Қирғизистон дар ҷойи 120 қарор доранд. Тоҷикистон тибқи шохиси ҷаҳонии инкишофи инноватсионӣ дар ҷойи 103-юм қарор дорад (Ӯзбекистон ҷойи 86-ум ва Қирғизистон ҷойи 98-ум, мутаносибан). Инчунин, Тоҷикистон дар шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ низ дар байни кишварҳои ИДМ ҷойи нисбатан поинтарро ишғол мекунад.

Вазъияти кунунӣ тақозо менамояд, ки ҷиҳати фаъолгардонии институтҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ бо назардошти татбиқи барномаи стратегии гузариши кишвар аз навъи аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ чораҳои таъхирнопазир андешида шавад. Аз он ҷумла, масоили рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии

ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ, таъмини мутобиқшавии ҳомилини сармояи инсонӣ ба шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва мушкилоти рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ аз аҳаммияти бориз бархурдор мебошанд ва гузаронидани тадқиқотҳои густардаро тақозо менамоянд. Аз ҷониби дигар, гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба сифати омода намудани кадрҳои дорои қобилиятҳои инноватсионӣ талаботҳои комилан навро пеш меоварад. Масъалаҳои дар боло зикргардида аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти рисоларо муайян кардаанд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Солҳои охир масъалаи ташаккулёбӣ ва нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мавзуи мубрам гардида, мавриди таҳқиқи олимони зиёди хориҷиву ватанӣ қарор гирифтааст. Онҳо дар коркарди асосҳои назариявии инкишофёбии сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт, нақши сармояи инноватсионӣ дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ саҳми арзанда гузоштаанд, ки инро метавон манбаи муҳими назариявӣ ва амалии таҳқиқи муаммои мазкур ҳисобид.

Назария ва методологияи сармояи инсонӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз қабили: Г. Беккер, Т. Шулс, Л. Войсман, Э. Денисон, Дж. Кендрик, С. Кузнес, Р. Лукас, Ҷ. Минсер, Р. Солоу, Л. Туроу, Э. Ханушек, Ҷ. Хекман, Л. Абалкин, А. Асалиев, С. Дятлов, И. Корогодин, М. Критский, Е. Ленчук, Л. Симкина, И. Фрумин ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҷанбаҳои мухталифи муаммоҳои марбут ба идоракунии рушди инноватсионии низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар таҳқиқоти Н.Қ. Қаюмов, С.Ҷ. Комилов, М.Қ. Файзулло, А.Ҳ. Ҳакимов, Ҷ.Р. Раҳмонов, П.У. Бобомуродов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Методологияи баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионӣ мавзуи таҳқиқоти олимони зерин мебошад: С.Ҷ. Комилов, Усманова Т.Дж., Д.А. Ҳодиев, Р.М. Бобоҷонов, А.

Богатова, Е. Валишин, И. Гурбан, Ф. Мамедов, А. Мызин, А. Моргунов ва дигарон.

Масоили рушди сармояи инсонӣ дар асарҳои илмии намояндагони назарияи институтсионализм – Т. Веблен, Ҷ.Р. Коммонс, В.К. Митчелл, Ҷ.К. Галбрейтро ва дигарон ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Барандагони Ҷоизаи Нобел Р. Коуз ва Д. Норт дар ташаккул ва рушди назарияи институтсионализм саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои муайяни ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ дар корҳои илмии М. Нурмаҳмадов, С.Ҷ. Комилов, Х.У. Умаров, Л.Ҳ. Саидмуродов, М.Қ. Файзулло, З.С. Султонов, Д.С. Амонова, Т.Б. Ғаниев, Д.Б. Қодиров, Т.Дж. Усманова, Р. Бобоҷонов, Ш.Ш. Қодиров, Д.А. Ҳодиев, Ф.М. Муминова, А.А. Мирзоалииев, И.С. Хоркашев, С.Ҳ. Ҳамидова, З.Б. Акрамова, Ҳ.Ҳ. Искандаров, С.Н. Давлатов, М.И. Каримов ва дигарон тадқиқ шудаанд.

Бо вуҷуди ин дар Тоҷикистон ҷанбаҳои муайяни ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд. Дар ин замина метавон ба масоили зерини мубрам ва ҳалталаб ишора кард, ки гузаронидани тадқиқотҳои иловагиро дар шароити кунунии рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон тақозо менамоянд:

– асоснок намудани механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ;

– коркард ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

– омузиши қонуниятҳои рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ.

Муаммоҳои зикршуда дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ муҳим

ва мубрам арзёбӣ мегардад ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии номбурда бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ, санадҳои ҳуқуқию меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад. Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** асоснок кардани муқаррароти назариявию амалии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ва таҳияи тавсияю пешниҳодҳо ҷиҳати фаъолгардонии ниҳодҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад. Мувофиқ ба ҳадафи мазкур дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шудаанд:

– поярезии (асоснок кардани) ҷанбаҳои назариявии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ;

– омӯзиши принсипҳо ва омилҳои институтсионалии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ;

– таҳлили ҷанбаҳои институтсионалии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯхтани заминаҳои институтсионалии ташаккули кластерҳои илмию таълимӣ ҳамчун муҳити мусоид ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

– пешниҳоди роҳҳои афзалиятбахши рушди сармояи зеҳнӣ дар заминаи ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ.

**Объекти таҳқиқоти илмӣ** муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ва қонуниятҳои тағйирёбии он дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодие ташкил медиҳанд, ки дар раванди таъсири мутақобилаи ниҳодҳои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он асос ёфтааст, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳамкории муассири институтҳои гуногун барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ, бо дарназардошти фаъолсозии нақши омили инсонӣ дар татбиқи иқтидори инноватсионии муассисаҳои таълимӣ дар асоси такмили низоми таълим, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо, эҷоди афзалиятҳои рақобатӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, мусоидат хоҳад кард.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2023 ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявии** таҳқиқоти диссертатсиониро дастовардҳои илмӣ ва нашрияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти омӯзиши назарияи сармояи инсонӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва иқтисодиёти институтсионалӣ ташкил медиҳад. Дар рафти омӯзиш санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии марбут ба инкишофи захираҳои меҳнатӣ, танзими бозори меҳнат, бозори хизматрасониҳои таълимӣ, идоракунии татбиқи принсипҳои асо-

сии иқтисодиёти инноватсионӣ ва амсоли он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд.

**Асоси методологии** таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ, пеш аз ҳама равишҳои системавӣ, диалектикӣ, таърихӣ ва динамикӣ ташкил медиҳанд, ки имконияти баррасӣ намудани қонуниятҳои раванди рушди муҳити ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсониро фароҳам месозанд. Дар таҳқиқот усулҳои зерин истифода шудаанд: абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлилӣ, синтез, индуксия, дедуксия, таърихӣ, монографӣ, оморӣ, риёзӣ, сотсиологӣ ва ғ.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилоотии Созмони байналмилалии меҳнат, захираҳои иттилоотии «Интернет», инчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил менамоянд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар поярезии муқарраროти назариявии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати фаъолгардонии ниҳодҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон хулоса мегардад.

Аносири муҳимтарини навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқарраროти зерин таҷассум ёфтаанд:

– муқарраროти назариявии механизми такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мушаххас

шуда имкон медиҳад, ки вазифа ва функсияҳои ниҳодҳои иқтисодиву иҷтимоии ташаккули қобилиятҳои инноватсионии захираҳои меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ муайян карда шаванд, омилҳои таъсиррасон ба эҷоди муҳити мусоиди ниҳодии рушди сармояи инсонӣ ошкор карда шаванд. Дар ин замина, нуктаи назари муаллиф дар робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва ҳосилнамудаи шахс таъриф менамояд, ки дар асоси сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ташаккул мeёбад;

– ҷанбаҳои методии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас гардонидани принсипҳои асосии сармоягузорӣ ба рушди он мушаххас шудаанд, ки имкон додаанд ду гурӯҳи принсипҳои нав (принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институсионалии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ва принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фарҳанги навоварӣ) пешниҳод гарданд, ки ба такмили муҳити институсионалию инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд;

– муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои илмию таълимии инкишофи он арзёбӣ гардида, ҷанбаҳои мусбат ва манфии он баҳогузорӣ шудаанд, ки имкон дод хусусиятҳои хоси робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои мухталиф дар раванди такмили тафаккури инноватсионии муҳассилин ошкор карда шуда, таззодҳои сохторӣ, меъёрӣ ва ташкилии ҷараёни ташаккул ва истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ мушаххас гардад;

– ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва меҳнат дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ таҳқиқ шуда, омилҳои муассир ба эҷоди коҳиши ҳамоҳангӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ҷудо карда шудаанд, ки баёнгари тафовути сатҳи омоданамоии мутахассисон ба талаботҳои

бозори меҳнат мебошад. Дар ин замина ба омили “тафовути технологии низоми таҳсил ва бозори меҳнат” ҳамчун сабаб ва натиҷаи халалдор шудани тавозуни арза ва тақозо дар бозори меҳнат таъкид шуда, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ чун роҳи ҳалли масоили бавуҷудомада, пешниҳод гардидаанд;

– механизми институтсионалии ташаккули кластерҳои илмию таълимӣ ҳамчун муҳити мусоид ҷиҳати рушди инноватсионии сармояи инсонӣ коркард ва самтҳои асосии стратегияи ташаккули он дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои сохтории кластерии илмию таълимӣ ва инфрасохтори махсуси зерсистемаҳои инноватсионии минтақавӣ муайян карда шудаанд, ки роҳандозии он аз як тараф ба ташаккули тавонманди-ҳои инноватсионии мутахассисон ва аз тарафи дигар, барои аз байн бурдани тафовутҳои тавозуни арзаву тақозо дар бозори меҳнат мусоидат хоҳад кард;

– маҷмуи тавсияҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба суръат бахшидан ба омӯзиши касбии кормандон, ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии фарогир ва таъмини ангезаи омӯзиш байни муҳассилон пешниҳод гардида консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институт-сионалӣ-инноватсионӣ коркард шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– таърифи мунҳасир ба фарди муаллиф дар робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ, ки ҷараёни такрористеҳсолӣ онро чун натиҷаи алоқаман-дӣ ва ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи расмиву ғайрирасмӣ ва меъёриву сохторӣ ҷиҳати омода намудани неруи рақобатпазири корӣ тавсиф наму-да, нишондиҳандаи асосии самараи ҳамбастагии мазкурро ташаккули тавонмандии инноватсионӣ пешниҳод менамояд;

– сохтори муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳ-солии сармояи инсонӣ, ки қонуниятҳои таъмини ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи инкишофи сармояи инсониро (оила, муассисаҳои таълимӣ,

ширкатҳо, давлат ва ғ.) бо таваҷҷуҳ ба таъмини ангезаи кофӣ ҷиҳати суръат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ нишон медиҳад;

– модели иқтисодиву риёзии муҳосибаи омилҳои муассир ба раванди шаклгирии муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ;

– модели консептуалии кластери илмию таълимӣ, ки микромуҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсониро инъикос менамояд;

– равиши системавии рушди сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ки сармояи зеҳниро дар сохтори омилҳои таъмини мувофиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат ба сифати омили калидӣ таъриф менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат мекунанд: 1.3. Ташаккулдиҳии муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шаклу тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ; 1.21. Такмилдиҳии маблағгузориҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ; 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида

шудааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштаанд. Мафҳуму моҳияти ташаккулёбии сармояи инсонӣ, таъсири сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба вазъи инкишофи сармояи инсонӣ омӯзиши ҳолати кунунии бозори меҳнат, таҳлили рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмиву таълимӣ ва ғ. аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои муҳимми кори диссертасионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод карда шудаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2016-2024, дар маводҳои конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ рӯйи чоп омадаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 22 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 192 саҳифаи матни компютерӣ омода шуда, фарогири 15 ҷадвал ва 22 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт ба мавзуи таҳқиқшаванда мувофиқ буда, 178 номгӯйро дар бар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ БОБҲО ВА ФАСЛҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ шарҳ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян

гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шудааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ»,** масоили асосҳои назариявии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷанбаҳои методии инкишофи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ таҳқиқ шудааст ва механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби дуюм – «Таҳаввулоти институтсионалии муҳити такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** унвон гирифта, он аз баррасии масъалаҳои асосҳои институтсионалии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ иборат мебошад.

**Дар боби сеюм – «Самтҳои рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт тавсиф шудааст ва консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои муаллиф ҷиҳати рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мухтасар баён гардидаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ-ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

## §1.1. Асосҳои назариявии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва таъмини рақобатпазирии он аз дараҷаи самаранокии татбиқи принсипҳои асосии консепсияи инкишофи инноватсионӣ вобаста мебошад. Дар шароити кунунӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ ҷалби сармоягузориҳо ба татбиқи принсипҳои инкишофи инноватсионӣ шуморида мешавад. Иқтисодиёт ҳамон вақте инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки агар рушди иқтисодӣ дар асоси такмили технология, афзоиши истеҳсолот, содироти маҳсулот ва технологияҳои ҷадид таъмин гардида бошад. Дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ фоида асосан на аз ҳисоби захираҳои табиӣ ё ҷараёни маблағгузорӣ, балки бештар аз ҳисоби навоварӣ ва иттилоот ба даст меояд. Иқтисодиёт ҳамон вақт дар роҳи инноватсионии тараққиёт карор мегирад, ки агар дар асоси кашфиёти илмӣ ва рушди нави сифатии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо таваҷҷуҳ ба истеҳсоли молу хизматрасониҳои нав ба пеш ҳаракат намояд. Омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ сармояи инсонӣ мебошанд, ки ба сифат ва миқдори дигар омилҳои рушди инноватсионӣ ва махсусан ба захираҳои иттилоотӣ, ташкилӣ ва маъмурӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Оид ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози андеша намудаанд: «сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои

инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд...»[1]. Инчунин дар СМР-2030 оид ба ҳаллу фасли мушкилоти таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёти миллии кишвар бо таваҷҷуҳ нақши калидии сармояи инсонӣ дар раванди он диққати махсус дода шудааст. Дар баробари ин дар чандин санадҳои меъёрӣ, консепсияҳо, барномаҳо, стратегияҳои рушди соҳавӣ ва ҳудудӣ масоили марбут ба рушди инноватсионӣ дар асоси баланд бардоштани самаранокӣ истифодабарӣ аз сармояи инсонӣ таъкид шудааст. Дар умум таъмини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ бо таваҷҷуҳ ба ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Сохтори амалии иқтисодиёти муосир, асосҳо ва институтҳои он ба тавлид ва татбиқи инноватсияҳо нигаронида шуда, бо равандҳои навҷорисозӣ фаро гирифта мешаванд. Ин аз ҷониби давлат таъмини самаранокии низоми омоданамоии кадрҳо, рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла механизмҳои коҳиш додани хатарҳои соҳибкорӣ), ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи воситаҳои муосири идоракунӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодиёти инноватсиониро талаб мекунад. Худи истилоҳи «иқтисоди инноватсионӣ», агарчӣ имрӯзҳо корбурди хеле васеъ дорад, аммо дар адабиёти иқтисодӣ, дар санадҳои қонунгузории дорои хусусияти барномавӣ дошта ва амсоли он ба таври мухталиф таъриф мешавад.

Муҳаққиқон иқтисодиёти инноватсиониро чунин таъриф мекунанд:

– модели махсуси рушди иқтисодӣ дар асоси навҷорисозӣ;

– марҳилаи рушди ҷомеа ва иқтисодиёт (иқтисоди донишбунёд);

– стратегияи рушди иқтисодӣ;

– омили рушди ҷамъият ё маҷмуи омилҳои рушд;

– иқтисодиёти ба навовариҳо асосёфта;

[1]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023 // [манбаи электронӣ: речаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj.] (санаи мурочиат 05.01.2024).

- татбиқи иқтидори инноватсионии ҷомеа ва ғ.[1].

Иқтисодшиноси австриягӣ Йозеф Шумпетер яке аз асосгузорони назарияи иқтисоди инноватсионӣ маҳсуб мешавад. Ба ақидаи ӯ, «иқтисоди инноватсионӣ маълумоти махсус, илм, соҳибкорони эҷодкор ва давлати манфиатдор ба инноватсияро дар бар мегирад»[2]. Албатта, ин андешаи олими маъруф баъдҳо аз ҷониби пайравони ӯ бештар тафсил дода шуд ва таърифҳои зиёдеро рӯйи кор овард. Бо вуҷуди ин, таърифи Й. Шумпетер куҳна намешавад ва то ҳоло асоси назарияи иқтисоди инноватсиониро дар худ таҷассум менамояд.

Дар айни замон қисми зиёди арзиши иловагиро зеҳни навоварону олимон, дар соҳаи иттилоот ба вуҷуд меоварад, на истеҳсолоти моддӣ (иқтисодиёти саноатӣ) ва на захираҳои молиявӣ (сармоя). Муайян кардани моҳияти иқтисодиёти инноватсионӣ ҳамчун иқтисодиёти дониш-бунёд ба ҳақиқат хеле наздик аст, аммо мукаммал нест, зеро ҳама гуна фаъолияти инсон дар асоси дониш ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, иқтисодиёти инноватсиониро ба таври васеътар таъриф додан лозим меояд.

Ба ақидаи В. Буренин, хусусияти хоси иқтисодиёти инноватсионӣ «дар миқёси миллӣ ҳавасмандгардонии ҳамаи субъектҳои он ба офаридан ва истифодаи инноватсияҳо (навовариҳо), татбиқи раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ба мол табдил додани идеяҳо мебошад, ки дар бозор талабот доранд ва дар муомилоти тиҷоратӣ қарор доранд». Ин равиш нишон медиҳад, ки дар ташаккул ва рушди иқтисоди инноватсионӣ ба давлат нақши калидӣ дода мешавад. Чунин мавқеъро З.К. Зоидов низ таъкид мекунад, ки «иқтисоди инноватсионӣ комилан ба инноватсия асос ёфта, ҳадафи рушди устувори худро барои

---

[1] Курегян, С.В., Елкина, О.С., Елкин, С.Е. Инновационная экономика и экономика инноваций / С.В. Курегян, О.С. Елкина, С.Е. Елкин // Экономическая наука сегодня. – 2018. – № 8. – С.104.

[2] Шумпетер, Й.А. Теория экономического развития / Й.А. Шумпетер. – М.: Прогресс, 1982. – С.32.

муайян кардани ҳама имконот ва фурсатҳо ҷиҳати татбитқи инноватсия пайгирӣ менамояд ва он (яъне ин ҳадаф) аз ҷониби давлат аз насл ба насл мунтақил мешавад. Инчунин истифодаи инноватсия омили калидии рушди иқтисодии давлат шуморида мешавад»[1].

Дар баробари ин, ба гуфтаи академик В. Баутин, мубтакирони асосии иқтисодиёти инноватсионӣ субъектҳои хоҷагидоре мебошанд, ки «навовариҳои ба вуҷудомада ё ба даст овардашударо истифода мебаранд ва дар асоси натиҷаҳои инноватсионӣ ба бозор маҳсулоти нав ё мукаммал пешниҳод мекунанд ва (ё) бозорро бо равандҳои нав ё такмилёфтаи технологӣ таъмин мекунанд»[2].

Н.А. Храмцова бар он ақида аст, ки иқтисодиёти инноватсионӣ на танҳо «бо истифодаи баробарии донишҳои нав ва маҳсулоти инноватсионӣ», балки ҳамчунин «тайёр будан ба татбиқи амалии онҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон» инкишоф меёбад, ки аҳаммият ва нақши шахсро (фард, қувваи корӣ, коргар, мутахассис, корманди касбӣ) ҳамчун субъекти асосии иқтисодиёти инноватсионӣ мушаххас менамояд[3]. Яъне иқтисодиёти инноватсионӣ маҷмуи афроди эҷодкор, навовар бо ғояҳои нав мебошад, ки як системаи умумии занҷираи фаъолияти навҷорисозиро ташкил менамоянд.

Оид ба масъалаи навоварӣ академик Н.Қ. Қаюмов ва Я.П. Довгялло чунин ибрози андеша намудаанд: «Навоварӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошад, ки дар шакли маҳсулоти нав, технологияи нав, таҷҳизот ё шаклҳои ташкили истеҳсолот таҷассум ёфтааст. Маҳсулоти навоварӣ дорои иқтидори баланди илмию техникӣ ва сифатҳои нави истеъмолӣ мебошад. Аммо навоварӣ танҳо дар он сурат зоҳир мегардад, ки агар онҳо

[1] Зоидов З.К. Концептуальные подходы к моделированию, формированию и развитию инновационно-индустриального пояса современного торгового пути. Экономика и управление. 2018. №5. – С.6.

[2] Баутин, В.М. Инновационная экономика: содержание, место и роль инноваций / В.М. Баутин // Известия ТСХА. – 2014. – № 2. – С.110.

[3] Храмцова, Н.А. Инновационная экономика: учебное пособие / Н.А. Храмцова. – Омск: СибАДИ, 2019. – С.23.

тиҷоратӣ шаванд, ба ибораи дигар, дар фаъолияти амалӣ маҳсулоти нав, технологияи нав, техника ё шаклҳои ташкили истеҳсолот истифода шаванд. Танҳо дар ин сурат навоварӣ қувваи пешбарандаи рушди динамикии истеҳсолот мегардад, ки дар он қувваҳои истеҳсолкунанда такмил меёбанд ва дар бозор бартарии рақобатӣ ба даст меорад»[1]. Аз ин бармеояд, ки навоварӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон аст ва он бевосита маҳсули истифодаи самараноки сармояи инсонӣ мебошад.

Профессор С.Ҷ. Комилов иброз медорад, ки «...Тағйироти институтсионалӣ дар соҳаи инноватсионӣ бо дарназардошти ҳамгироӣ ба раванди ягонаи рушди илми фундаменталӣ, таҳқиқоти амалӣ, тиҷоратикунонии технологияҳо, ташкили инфрасохтори тайёр намудани мутахассисон барои ташкили фаъолияти инноватсионӣ бояд сурат гирад. Кормандони баландихтисос ва муҳаққиқони дорои дараҷаҳои илмӣ иқтидори инноватсионии ҳар як кишварро муайян мекунанд» [2]. Дар воқеъ, мо ҳам дар он ақидаем, ки кормандони баландихтисос ва муҳаққиқони дорои дараҷаҳои илмӣ танҳо дар натиҷаи сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ ба камол мерасанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳо ва равишҳои дар боло зикршуда ҷиҳати омӯзиши иқтисодиёти инноватсионӣ дар доираи тадқиқоти мазкур мо истилоҳоти зеринро истифода мекунем. «Инноватсия ин навоварии ҷорӣ (маҳсулот, хидмат, раванд, усул ва ғайра) мебошад, ки ба баланд бардоштани самараи раванди истеҳсолот ва арзиши афзудаи маҳсулот дар асоси истифодабарӣ аз сармояи зеҳнии кормандон равона шудааст». Фаъолияти инноватсионӣ раванди муттасили тағйироти илмию техникӣ, технологӣ, ниҳодӣ ва ташкилӣ (аз ҷумла фаъолияти илмию технологӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ) мебошад, ки ба инкишофи сармояи

---

[1] Каюмов Н.К., Довгялло Я.П. Роль инноваций в развитии экономики Республики Таджикистан // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2023, № 17(1). – С.30.

[2] Комилов С.Дж. Формирование инновационного потенциала как условие индустриально-инновационного развития национальной экономики // Проблемы современной экономики. – 2019. – № 2(70). – С.158.

инсонӣ ва дар заминаи он ҷорӣ намудани инноватсия, ташкили инфрасохтори инноватсионӣ ва таъмини фаъолияти он нигаронида шудааст.

Иқтисоди инноватсионӣ – низоми иқтисодиест, ки ба фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ асос ёфта, мунтазам такмил додани раванди технологӣ тавассути тавлиди пайвастаи донишҳои навро тақозо менамояд. Эҷод ва истифодаи инноватсия вазифаи муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Аз ин лиҳоз, низоми инноватсионии иқтисодӣ системаест, ки дар он дониш, инноватсия ва технология заминаи асосии рушд ҳисобида мешавад. Рушди инноватсионӣ раванди стратегӣ мебошад, ки бо истифодаи самараноки захираҳо, такмили воситаҳо ва усулҳои фаъолият нигаронида шудааст.

Объекти идоракунии иқтисодиёти инноватсионӣ шахсе мебошад, ки қобилияти истеҳсолӣ ва соҳибкориро дорост ва ба талаботи иқтисодиёти инноватсионӣ ҷавобгӯ аст. Ин ҳолат таҳлил ва омӯзиши намуди нави сармояи инсониро, ки ба инноватсия қодир аст, тақозо мекунад. Сармояи инсонӣ манбаи асосии рушди иқтисоди инноватсионӣ аст ва он як падидаи мураккаб, бисёрҷанба ва динамикӣ мебошад. Муҳаққиқони сармояи инсонӣ ба ҷанбаҳои гуногуни он таваҷҷуҳ мекунанд, ки ин боиси тафовути бархӯрдҳо дар муайян кардани моҳият ва мазмуни он мегардад.

Идеяи «сармояи инсонӣ» аз мафҳуми «қувваи корӣ», ки Карл Маркс дар асарҳои худ тавсиф кардааст, бармеояд. Аввалин истилоҳро иқтисодшиноси амрикоӣ Ҷейкоб Минсер соли 1958 дар мақолаи «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва тақсими даромади шахсӣ» пешниҳод кардааст[1]. Бо вуҷуди ин, дар рушди назарияи сармояи инсонӣ саҳми калонтаринро иқтисоддонҳои амрикоӣ – барандагони ҷоизаи Нобел Теодор Шулс ва Ҳари Беккер – намояндагони «мактаби Чикаго»,

---

[1] Mincer, J. Investment in Human Capital and Personal Income Distribution / J. Mincer // Journal of Political Economy. - 1958. - Vol. 66. - N 4. - P. 281-302.

ки асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ ҳисобида мешаванд, гузоштаанд[1]. Масъалаҳои ташаккул ва арзёбии сармояи инсониро иқтисоддонҳои маъруф ба мисли С. Кузнец, Э. Денисон, Ҷ. Кендрик, Р. Солоу, Р. Лукас, Э. Ханушек ва Л.Ҷ. Хекман ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Моҳияти сармояи инсонӣ дар асарҳои онҳо чун маҷмуи сармоягузорӣ ба шахс ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти меҳнатии ӯ таъриф мешавад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни инсон ва умуман ҷомеа истифода мешаванд.

Сармояи инсонӣ танҳо дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ тавассути аз худ кардани дониш, малака ва таҷрибаи амалӣ ташаккул меёбад. Захираҳои меҳнатӣ ва сармояи инсонӣ мазмунан алоқамандии умумӣ ва асосӣ доранд. Азбаски ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва қисман ҷамъшавии он дар раванди фаъолияти меҳнатӣ сурат мегирад, захираҳои меҳнатӣ ҳамчун шакли зуҳури он амал мекунанд. Хулосаи асосии назарияи классикии сармояи инсонӣ, ки аз ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта инҷониб инкишоф меёбад, аз он иборат аст, ки дар кишварҳое, ки аҳолии он дорои маълумоти бештар аст, суръати рушди иқтисодӣ баландтар аст.

Теодор Шулс ва Ҳари Беккер зарурати сармоягузорӣ ба қобилият ва арзиши инсониро таъкид карданд, зеро он захираро ба сармоя табдил медиҳад ва боиси баланд шудани ҳосилнокӣ ва музди меҳнати кормандон мегардад.

Саҳми асосии Ҳ. Беккер ва Т. Шулс дар назарияи сармояи инсонӣ ташаккули схемаи ягонаи дарки рафтори инсон; муайян кардани меъёри даромади сармояи инсонӣ; тартиб додани методологияи баҳодиҳии фоидаи иқтисодии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ҳ. Беккер сармояи инсониро маҷмуи сифатҳои табиии инсон, маълумот, дониш ва саломатии ӯ медонад, ки дар муддати муайян барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ

[1] Schultz T.W., Economic value of education, N.Y.- L., 1963, p. 16.

истифода бурда мешавад[1]. Л.Тuроу қайд карда буд, ки «сармояи инсониро мисли сармояи ҷисмонӣ таҳлил кардан мумкин нест»[2], зеро қобилиятҳои инсон ҳамчун сармоя аз хосиятҳои физикии мошинҳо фарқи калон доранд. Муҳим ин аст, ки дар асарҳои классикони илми иқтисодиёт ва асосгузорони назарияи «сармояи инсонӣ» ин категорияи иқтисодӣ (яъне сармояи инсонӣ) чун омили калидии эҷод ва навоварӣ таъриф мешавад.

М.М. Крицкий мафҳуми «сармояи инсонӣ»-ро ҳамчун «шакли универсалии ҳаёти инсон, ки шаклҳои истеъмолию истеҳсолиро азхуд намуда, дар натиҷаи ҳаракати таърихии ҷамъияти инсонӣ зоҳир мегардад» муайян кардааст[3]. Ташаккули ғояи сармояи инсониро А.М. Асалиев бо тағйир ёфтани нақши одам дар истеҳсолоти имрӯза алоқаманд мешуморад[4].

И.Т. Корогодин механизмҳои фаъолияти соҳаи ҷамъиятию меҳнатиро таҳлил намуда, муҳимтарин меъёри ифодакунандаи моҳияти сармоя, ҷамъшавии онро муайян мекунад. Вай иддао дорад, ки одамон тавассути сармоягузорӣ қобилиятҳои худро афзоиш медиҳанд. Аз ин рӯ, ӯ мафҳумҳои «захираҳои инсонӣ»-ро ҳамчун маҷмуи хосиятҳои модарзодии шахс ва «сармояи инсонӣ»-ро ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва малакаҳои ҷамъшуда ҷудо мекунад[5]. Дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки робитаи байни қобилияти шахс ва дониш, малака ва маҳорат характери шартӣ дорад. Мумкин аст, як нафар, як гурӯҳ, як тим бо вуҷуди қобилиятҳои хуби табиӣ доштан, аз омӯхтани илм, дониш ва малака бебаҳра монад. Дар ин сурат, сатҳи инкишофи сармояи инсонии ӯ низ поин хоҳад буд.

---

[1] Becker G. S. Investment in Human Capital: A. Theoretical Analysis // Journal of Politikal Economy. Supplement. Oct. 1962.

[2] Thurou L. Jnwestment in Human Capital. Belmont, 1970, P.116.

[3] Критский, М.М. Человеческий капитал / М. Критский. – Л.: Изд-во ЛГУ. – 1991. – С.86.

[4] Асалиев, А. М. Актуальные вопросы трудоиспользования / А. М. Асалиев, Е. В. Шубенкова // Вопросы структуризации экономики. – 2012. – № 3. – С.12.

[5] Корогодин, И. Социально-трудовая система: вопросы методологии и теории / И. Корогодин. – М.: ПАЛЕОТИП, 2005. – С.41.

Л.И. Абалкин бошад, сармояи инсониро маҷмуи қобилиятҳои модарзодӣ, таҳсилоти умумӣ ва махсус, таҷрибаи касбии андӯхташуда, эҷодкорӣ, ахлоқ, солимии равонӣ ва ҷисмонӣ, ангезаҳои фаъолияте, ки имкони ба даст овардани даромадро фароҳам меорад, медонист[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ олимон ба мафҳум ва мазмуни истилоҳи сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, профессор С.Ҷ. Комилов қайд менамояд, ки «Сармояи инсонӣ маҷмуи ҷудонашавандаи муносибатҳои иҷтимоии рушд ва худшиносии шахс дар фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (талабот) мебошад. Ба он захираи дониш, малака, таҷрибаи ҳаётӣ ва меҳнатӣ (истеҳсолӣ), маълумот, ҳавасмандӣ хос аст, ки ба фаъол гардонидани имкониятҳои фаъолияти руҳӣ, эҷодии инсон нигаронида шудаанд»[2]. Чуноне ки мебинем, муаллиф ба хусусияти фаъол гардонидани қобилиятҳои эҷодии сармояи инсонӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд. Яъне сармояи инсонӣ омили калидии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ шуморида мешавад. Инчунин, дар асарҳои илмии профессор С.Ҷ. Комилов ва дигар олимон оид ба мушкилоти ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти навоварона баҳсҳои муфассал оварда шудааст[3].

Т.Б. Ғаниев ба масъалаҳои ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва таъсири он ба рушди касбии шахсият диққати хос зоҳир намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки: «Барои таъмини фаъолнокии сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолӣ ва тиҷорату хизматрасониҳо моро зарур аст, ки

---

[1] Абалкин, Л.И. Использование интеллектуального и экономического потенциала для будущего России // Экономист. – 1999. – №8. – С.5.

[2] Комилов, С.Дж. Формирование человеческого капитала и развития интеллектуальной собственности в условиях перехода к инновационной экономике// Таджикистан и современный мир (Научный журнал). – Душанбе: «СИНО», 2015. – № 4 (47). – С.19.

[3] Ниг. масалан: Комилов, С.Дж. Кадровое обеспечение сферы инновационной деятельности национальной экономики // Вестник университета. Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета.–Душанбе, 2016. – №2(53). – С.115.; Комилов С.Дж., Шодибеки С., Шарипов Б.К. Управление занятостью населения в условиях инновационного развития промышленности // Монография. – Душанбе: ГУП «Матбаа», 2021. – С.61.

сармоягузориҳои стратегии дарозмуддатро дар бахши рушди неруи зеҳнии инсонӣ равона намоем. Ин равишро бо роҳи додани маълумоти олии касбӣ ва таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ тарбияи хуби ахлоқӣ гирифтани инсоният, рушди пайвастаи соҳибкориву ҳунармандӣ, ташаккули пешвоӣ, таъмини бехатарии фаъолияти касбиву ҳунарӣ ва муҳити озоди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву санъати волои инсонӣ муҳайё созем». Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мутахассиси касбӣ дар навбати худ бояд пеш аз ҳама ақидаҳои нававарона дошта бошад. Дар чунин ҳолат сармояи инсонӣ метавонад ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ замина гузорад.

Т.Б. Ғаниев ақидаи худро оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ чунин пешниҳод намудааст: «Сармояи инсонӣ дар асоси истеъдоди ҳунарии нотакрори модарзодӣ инчунин хароҷоти муайяни молиявию пулӣ ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ ва муҳити таъсиррасони касбиву ҳунарӣ, инчунин фаъолияти созандаи касбиву эҷодиву кашфиётӣ бозташаккулёбиву пурқувватшавӣ дорад. Дар навбати худ ин ганҷинаи бузурги ташаккули фарҳанги навини рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад»[1].

Ҳамин тавр маълум мегардад, ки рушди сармояи инсонӣ заминаи асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ буда, имкониятҳои зиёди амалисозии эҷодиёт, ихтироот ва тавонмандиву ҳунарҳои нотакрори инсонро доро аст. Аз дигар ҷониб, иқтисодиёти инноватсионӣ дар навбати худ муҳити созандаи касбиву ҳунарӣ, имконоти васеи амалисозии истеъдоду тавонмандии касбиву ҳунарии ташаккулёбии сармояи инсонӣ мебошад. Ин ду равиш бо ҳам алоқамандии зич дошта, ҳам рушди сармояи инсонӣ ва ҳам рушди иқтисодиёти инноватсиониро таъмин сохта, пойдевори рушди иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба нақши сармояи инсонӣ ба сатҳу сифати зиндагӣ Д.А. Ҳодиев дар рисолаи илмии худ оид ба назарияи сармояи инсонӣ чунин

[1] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Сармояи инсонӣ. – Душанбе: «Ирфон». – 2017. – С.132.

иброз менамояд: «Сармояи инсонӣ – ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва таълими кӯдакон ҷамъ оварда шуда, бо мақсади даромад дар оянда истифода мешавад»[1].

Аз нигоҳи Д.А. Ҳодиев, барои он ки шахс дар оянда зиндагии арзандаро соҳиб бошад, бояд, ки дорои дониши баланди тахассусӣ, дараҷаи хуби саломатӣ, сифатҳои баланди касбӣ ва қобилияти навоварона бошад. Ҳамчунин дар шароити муосири иқтисодӣ, ки талаботҳои истеъмолкунандагон ба молу хизматҳои навоваридошта нигаронида шудааст, тавонад талаботи онҳоро қонеъ гардонад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Р.М. Бобоҷонов дар асарҳои илмии худ қайд менамояд, ки ташаккул ва фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди инноватсионӣ муҳим мебошад. Чунки асоси рушди соҳаи саноатро тараққиёти инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ ташаккул медиҳанд.

Р.М. Бобоҷонов ақидаи худро оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ чунин шарҳ медиҳад: «Сармояи инсонӣ дар иқтисод – ин қобилияти иштироки шахс дар раванди истеҳсолоти мол ва хизматрасонӣ мебошад. Усулҳои идоракунии сармояи инсонӣ бошад дар интихоби беҳтарин кормандон, омодасозии онҳо, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии кори онҳо нақши муҳим мебозад»[2].

---

[1] Ходиев, Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан) // дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 – Ходиев Дадахон Абдуллоевич. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. – С.27.

[2] Бабаджанов, Р.М. Институциональные основы формирования и функционирования человеческого капитала Республики Таджикистан // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2022. – №1. – С.42.

Аз ин ҷо бармеояд, ки сармояи инсонӣ дар қатори дигар хусусиятҳояш инчунин барои рушди соҳаи саноат дар асоси ҷорисозии навовариҳо заминагузор мебошад.

Ҳамин тавр, мафҳуми «сармояи инсонӣ» мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллифони гуногун ба таври мухталиф шарҳ дода шудааст. Албатта, таърифҳои овардашуда ба ҳам хеле наздиканд, вале байни худ тафовутҳои ҷузъӣ ҳам доранд. Аммо дар таърифҳои мавҷуда ва овардашуда як хусусияти хоси умумӣ мушоҳида мешавад, ки қобилиятҳои эҷодӣ ва навҷорисозии сармояи инсониро махсус таъкид месозад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло ва ба низом даровардани хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ, ки муҳаққиқон дар марҳалаҳои гуногун назарияи рушди онро қайд кардаанд, мо ***сармояи инсониро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва азхуднамудаи шахс (дар асоси таҳсилоти умумӣ, махсус ва обутоби ҷисмонӣ) муайян менамоем, ки ба воситаи сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ҳосил мешавад. Раванди шаклгирии сармояи инсониро муҳити институтсионалии такрористеҳсолии он муайян менамояд.***

Хусусияти сармояи инсонии инфиродӣ, ки онро аз сармояи дигар сатҳҳои ҷамъшавӣ фарқ мекунад, таҷдиднопазирии он (барқарор нагардидан) аст, зеро барандаи он шахси инфиродӣ мебошад. Шахс бемор мешавад, солхӯрда мешавад, мемирад, ва сармояи инсонии анбоштаи ӯ ҳам коста мегардад ва ё аз байн меравад.

Таснифоти мазкур аз рӯйи хусусияти сармоягузорӣ ба таҳлили сохтори сармояи инсонӣ аз рӯйи сармоягузориҳое, ки барои рушди қобилиятҳои инсонӣ сармоягузорӣ карда мешаванд, асос ёфтааст ва он имкон медиҳад намудҳои нави унсурҳои таркибдиҳандаи сармояи инсонӣ дар тадқиқот мусбат ва манфӣ арзёбӣ карда шаванд.

Таъсири сармоягузориро ба неруи ташаккулёфтаи инсонӣ баҳо дода, иқтисоддонҳои амрикоӣ Д. Ачемоғлу ва Д. Робинсон муайян

кардаанд, ки таъсири ғайримустақим ба сармояи инсонӣ (муҳити иҷтимоӣ, тарбияи фарзандон, беҳбудии саломатӣ, коҳиши сатҳи ҷинояткорӣ) аз таъсири мустақим чандин маротиба зиёдтар аст[1].

Муаллифони муосир вариантҳои зерини таснифи намудҳои сармояи инсониро вобаста ба мақсадҳои худ пешниҳод мекунанд (ҷадвали 1.1.1.).

**Ҷадвали 1.1.1. – Таснифи намудҳои сармояи инсонӣ**

| АЛОМАТИ ТАСНИФОТ | НАМУДҲОИ САРМОЯИ ИНСОНӢ |
|---|---|
| Аз рӯйи сатҳи анбоштан | – инфиродӣ (наносатҳӣ);<br>– ташкилӣ/корпоративӣ (сатҳи микро);<br>– сармояи инсонии минтақа, саноат;<br>– миллӣ (сатҳи макро);<br>– универсалӣ (сатҳи мега). |
| Аз рӯйи доираи таъсир ба ҷараёнҳои иқтисодӣ | – истеҳсолот;<br>– истеъмолкунанда;<br>– зеҳнӣ. |
| Аз рӯйи дараҷаи пардохтпазирӣ | – бегонашаванда;<br>– ҷудонашаванда |
| Аз рӯйи шаклҳои таҷассум | –зинда, ҷорӣ;<br>– захиравӣ (потенсиалӣ);<br>– институтсионалӣ. |
| Аз рӯйи соҳаи татбиқ | – иҷтимоӣ;<br>– технологӣ |
| Аз рӯйи соҳаҳои ташаккул ва истифодабарӣ | – умумӣ;<br>– махсус. |
| Аз рӯйи табиати бозгашт аз сармоягузориҳо | – мусбат;<br>– манфӣ (пассив). |
| Табиати такрористеҳсол | – барқароршаванда;<br>– барқарорнашаванда. |
| Аз рӯйи намуди бозгашт | – зеҳнӣ;<br>– сарфаи саломатӣ. |
| Аз рӯйи мундариҷаи фаъолияти инсон дар иқтисодиёт | –сармояи инсонии иқтисодиёти анъанавӣ;<br>– сармояи инсонии иқтисодиёти саноатӣ;<br>– сармояи инсонии иқтисодиёти фаросаноатӣ;<br>– сармояи инсонии иқтисодиёти инноватсионӣ. |

[1] Schulz T. W. Investment in Human Capital: The Role of Education and of Rearch / T. W. Schulz. – New York: Free Press, 1971. – N 1. – P. 62; 64-65.

Бояд қайд намуд, ки сармояи инсонии махсус дар ҷойи кори мушаххас татбиқ мешавад ва бо маҳорату малакаҳои муайяни касбӣ алоқаманд аст (ҷадвали 1.1.2). Инчунин сармояи инсонии махсус дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар доираи барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ, курсҳо ва омӯзишҳо ташаккул меёбад. Сармояи умумии инсонӣ (универсалӣ) бошад барои доираи васеи корҳо татбиқ карда мешавад. Ташаккули он дар доираи муассисаҳои таълимии расмӣ сурат гирифта, дар доираи васеи корҳо ва касбҳо татбиқи худро пайдо мекунад ва дар раванди азнавсозӣ ва иваз кардани ҷойҳои корӣ гум намешавад[1].

**Ҷадвали 1.1.2. – Хусусиятҳои сармояи умумӣ ва махсуси инсонӣ**

| Хусусият | Сармояи умумии инсонӣ | Сармояи махсуси инсонӣ |
|---|---|---|
| Хусусиятҳои ташаккулёбӣ | Омӯзиши расмӣ | Омӯзиш дар ҷойи кор |
| Субъекти сармоягузорӣ | Шахсӣ, давлатӣ | Фардӣ, ба воситаи корфармо |
| Натиҷаҳои истифодаи сармояи инсонӣ | Доираи васеи соҳаҳо ва ташкилотҳо | Самтҳои махсуси фаъолияти касбӣ, ташкилотҳои алоҳида |
| Хосилнокии меҳнат ва музди кор | Дар сурати ҷамъ шудан ҳамеша меафзояд | Дар сурати ҷамъшавӣ танҳо ҳангоми нигоҳ доштани доираи фаъолияти касбӣ меафзояд |
| Дараҷаи истифодабарӣ | Қисман | Пурра |

***Сарчашма:*** аз ҷониби муаллиф дар асоси Устинова, К. А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография / К. А. Устинова, Е. С. Губанова, Г. В. Леонидова. – Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. – С.43. тартиб дода шудааст.

Аз маълумотҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки ҳар як намуди сармояи инсонӣ метавонад маҷмуи унсурҳои алоҳидаро дар бар гирифта, ҷанбаҳои гуногуни шахсият, даста ё ҷомеаро аз ҷиҳати иқтисодӣ тавсиф диҳад.

Ҳамчунин илми муосир дар соҳаи тадқиқоти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ оид ба сармояи инсонӣ пешрафтҳои васеъ дорад[2]. Ин, пеш аз

---

[1] Окунькова, Е. А. Новое понимание человеческого капитала / Е. А. Окунькова // Наука и бизнес: пути развития. – 2018. – №11(89). – С.167.

[2] Беккер Г. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ со специальным обращением к образованию // США: экономика, политика, идеология. – 1993.

ҳама, ба характери мураккаби худи мафҳум вобаста аст, ки дар сохтори он ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ унсурҳои бисёр ҷудо карда шудаанд. Дар баробари ин, бархӯрдҳои пажӯҳишгарон барои муайян кардани ҷузъҳои сохтории сармояи инсонӣ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ба ҳам наздикшавии мафҳумҳои иқтисоди инноватсионӣ ва иқтисоди донишбунёд имкон медиҳад, ки назарияи марҳилаҳои инкишофи ҷамъият барои нишон додани хусусиятҳои таснифи сармояи инсонӣ истифода шавад. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти мазкур нақши фаъолияти инсон дар иқтисодиёт ва хусусиятҳои дахлдори сармояи инсонӣ ҳамчун асоси тасниф намудани навъҳои сармояи инсонӣ аз рӯйи марҳилаҳои инкишофи ҷомеа баррасӣ карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки аз руи марҳилаҳои инкишофи ҷомеа сохтори сармояи инсонӣ фарқ карда шавад. Маълум мегардад, чунин анвои сармояи инсонӣ ба монанди сармояи инсонии иқтисоди анъанавӣ, сармояи инсонии иқтисоди саноатӣ, сармояи инсонии иқтисоди баъдисаноатӣ ва сармояи инсонии иқтисодиёти инноватсионӣ арзи вуҷуд доранд (ҷадвали 1.1.3).

Бо гузашти солҳо таваҷҷуҳи олимон ва коршиносон ба омӯзиши илмии сармояи инсонии иқтисоди инноватсионӣ бо ҳадафи гузариш ба навъи инноватсионии рушди иқтисодӣ васеъ гардид. Мутобиқи ин равиш таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқон ба фаъолияти иқтисодӣ, худидоракунӣ ва такмили он, таъсири қобилиятҳои эҷодии шахсият ба рушди инноватсионии иқтисодиёт нигаронида шудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки пешрафти илмию техникӣ ба ташаккул, андухт ва истифода бурдани сармояи инсонӣ таъсири махсус мерасонад[1].

– №11; Асалиев, А. М. Человеческий капитал в контексте стратегии социально-экономического развития / А. М. Асалиев // Вестник Российского экономического университета имени Г. В. Плеханова. – 2017. – №6(96). – С.101; Харченко, Е. В., Некрасова, Н. А. Источники накопления и составляющие человеческого капитала / Е. В. Харченко, Н. А. Некрасова // Креативная экономика. – 2014. – №3 (87). – С.15.

[1] Симкина, Л. Г. Человеческий капитал в инновационной экономике / Симкина Л. Г. – СПб.: СПбГИЭА, 2000. – С.72.

**Ҷадвали 1.1.3. – Таснифи намудҳои сармояи инсонӣ аз рӯйи мазмуни фаъолияти инсон дар иқтисодиёт**

| **Марҳилаҳои рушди ҷомеа** | **Намудҳои сармояи инсонӣ** | **Фаъолияти инсон** | **Хусусиятҳои сармояи инсонӣ** |
|---|---|---|---|
| Пеш аз саноат (ҷомеаи анъанавӣ) | Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти анъанавӣ | Ҳунармандӣ, деҳқонӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ | Қувваи ҷисмонӣ, саломатӣ, дониш, ақл |
| Саноатӣ (ҷомеаи саноатӣ) | Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти саноатӣ | Саноат, сохтмон | Ақл, таълим, дониш, саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ |
| Баъдисаноатӣ (ҷомеаи иттилоотӣ) | Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти баъди саноатӣ | Хизматрасонӣ, бахши иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, энергияи алтернативӣ ва ғайра. | Дониш, зеҳн, таълимот, саломатӣ |
| Ҷомеаи донишбунёд | Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ | Идоракунии давраи ҳаёти маҳсулот ва хидмат, таҳияи алгоритм, омӯзиши мошинҳо | Қобилияти тавлиди донишҳои нав таълимот, интеллект, саломатӣ; фаъолияти мустақилона |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сармояи инсонӣ маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳоест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои мавҷудаи шахс ва ҷомеа истифода мешаванд. Ҷузъҳои асосии сармояи инсонӣ ин қобилияти зеҳнии кормандони корхона, саломатӣ, дониш, инчунин қобилияти кори самаранок ва пурмаҳсул ва сифати зиндагӣ мебошанд. Ҷузъиёти сармояи инсониро муфассалтар баррасӣ мекунем.

1. Сармояи саломатӣ, ки қувваи ҷисмонӣ, дараҷаи устуворӣ, самаранокӣ, иммунитет ба беморӣ ва вақти кори фаъолро ифода мекунад.

2. Сармояи меҳнатӣ, ки сатҳи тахассус, малака ва таҷрибаро тавсиф мекунад.

3. Сармояи зеҳнӣ метавонад тавассути арзёбии ихтироот, патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ тавсиф карда шавад.

4. Сармояи ташкилӣ ва соҳибкорӣ, ки қобилияти тавлиди ғояҳои муассири тиҷорат, соҳибкорӣ, қатъият, истеъдоди ташкилотчигӣ ва донистани сирри тиҷоратро ифода мекунад.

5. Сармояи фарҳангӣ ва ахлоқӣ, фарҳанг ва ахлоқро тавсиф мекунад. Ин сармоя дар баробари меҳнат, заковат ва тахассус барои иқтисодиёт низ зарур аст.

Ҷузъи муҳимми сармояи инсонӣ меҳнат ҳосилнокии он ва хусусиятҳои сифатӣ мебошад. Дар навбати худ, хислатҳои сифатии меҳнатро бештар аз рӯйи тафаккури аҳолӣ, инчунин сифати зиндагӣ муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ маҷмуи омилҳои асосии зеринро ифода мекунад.

1. Сифатҳои шахсӣ, ки ҳангоми иҷрои кор зоҳир мегардад – дониш, нерӯ, эътимоднокӣ, садоқат.

2. Қобилияти ба даст овардани дониши нав – заковат, истеъдод, эҷодкорӣ.

3. Қобилияти расонидани иттилоот ва дониш ба дигарон – руҳияи даста, самтгирии ҳадаф, малакаҳои муошират.

Дар асарҳои илмии худ Р.М. Устаев натиҷаҳои омӯзиши таркиби инноватсионии сармояи инсониро ошкор намудааст. Дар баробари ин муҳаққиқ А.З. Гарафиев навъи «сармояи инсонии инноватсионӣ»-ро ҳамчун объекти мустақили омӯзиш ҷудо мекунад[1]. Ҳамчунин дар асарҳои И.В. Гускова низ омӯзиши «қисмҳои инноватсионии сармояи инсонӣ» ҷой гирифтаанд[2].

Аз ин ҷо бармеояд, ки раванди рушди иқтисодиёти инноватсионӣ нисбат ба мутахассисони касбии ҳамаи соҳаҳо талаботи навро ба миён меорад, ки барои ташаккул ва рушди пайвастаи қобилиятҳои инфиродӣ, хислатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, эҷодӣ, маънавӣ ва дигар хусусиятҳои шахсӣ

---

[1] Устаев, Р. М., Гюльнезерова, М. Н. Формирование инновационных территориальных кластеров как инструментарий развития инновационной составляющей человеческого капитала территории / Р. М. Устаев, М. Н. Гюльнезерова // Управление в условиях глобальных мировых трансформаций: экономика, политика, право: сборник научных трудов. – М., 2017. – С.172.

[2] Гуськова, И. В., Троицкая, А. А. Понятие и классификация инновационных компонент человеческого капитала / И. В. Гуськова, А. А. Троицкая // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. – 2017. – № 10 (104). – С. 40.

шароит муҳайё месозад. Ин мавҷудияти сохтори мураккаби сармояи инсониро дар иқтисодиёти инноватсионӣ аз рӯйи хусусиятҳои ташаккулёбӣ, ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсонӣ тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, илова ба сармоягузориҳо ба таҳсилот, маданият ва саломатии инсон, инчунин барои фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ сармоягузорӣ кардан лозим аст.

Сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои дигаргунсозии инноватсионӣ омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун дар асоси иқтисодиёти дониш ба вуҷуд омада мебошад[1].

Масъалаҳои назариявии зикршуда вобаста ба омӯзиши сармояи инсонӣ ба мо имкон медиҳад, ки онро аз нуктаи назари методологияи идоракунӣ ба манфиати рушди инноватсионӣ баррасӣ намоем. Ин тафсири васеи мафҳуми сармояи инсонӣ на танҳо маҷмуи дониш, малака ва қобилиятҳои дар одамон таҷассумёфта, балки мавҷудияти фаъолият ва қобилияти тағйир додани амалҳоро исбот менамояд.[2].

Муҳимтарин хусусияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ ин мустақилияти фаъолият мебошад. Ин маънои онро дорад, ки инсон дар асоси меҳнати касбии худ вобаста ба самти фаъолияташ тағйиротҳои куллиро ба миён меоварад, бо атрофиён муомилот барқарор месозад ва масъулияти тақдири ояндаи касбии хешро бар дӯши худ мегирад.

Тибқи маълумотҳои таҳқиқшуда рушди назарияи идоракунии сармояи инсонӣ дар доираи чор инқилоби саноатӣ баррасӣ карда мешавад. Инқилоби якуми саноатӣ бо эҷоди мошинҳои буғии обӣ, мошинҳои бофандагӣ, асбобҳои механикӣ, нақлиёт ва рушди металлургия алоқаманд буд. Идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар асоси мафҳуми

---

[1] Устинова, К. А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография / К. А. Устинова, Е. С. Губанова, Г. В. Леонидова. – Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. – 195 с.

[2] Окунькова, Е. А. Новое понимание человеческого капитала / Е. А. Окунькова // Наука и бизнес: пути развития. – 2018. – № 11 (89). – С.168.

«одами иқтисодӣ» амалӣ мешуд, захираи меҳнатӣ танҳо як намуди захираҳо буд. Инқилоби дуюми саноатӣ бо тараққиёти электроэнергетика, гудохтани пӯлоди хушсифат, тараққиёти саноати нефту химия, телефон, телеграф алоқаманд буд. Идоракунии сармояи инсонӣ бо тақсимоти меҳнат, истеҳсоли оммавӣ, сохтмони роҳи оҳан ва электрикконӣ алоқаманд буд. Мафҳуми «марди иҷтимоӣ» ба вуҷуд омада, ба низоми муносибатҳои ғайрирасмӣ, ки қаноатмандӣ ва натиҷаҳои корро муайян мекунанд, диққати зиёд дода шуд.

Инқилоби сеюми саноатӣ бо рақамикунонӣ, рушди электроника, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар истеҳсолот, автоматикунонии истеҳсолот ва ҷорӣ намудани технологияҳои ҷадид алоқаманд буд.

Ҳамин тариқ, сармояи инсониро дар раванди рушди инноватсионӣ аз нуқтаи назари илмӣ метавон ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои инфиродӣ, дониш, маҳорат ва фаъолияти меҳнатӣ баррасӣ кард. Омилҳои фаъолияти инноватсионӣ ба мо имкон медиҳад, ки низоми умумии арзёбии сармояи инсониро эҷод кунем. Ҷустуҷӯи ҷузъҳои нави сармояи инсонӣ боиси дарки фаъолияти инсон, табдили амали иҷтимоии он дар робита бо институтҳои бозорӣ ва умуман ҷомеа ҳамчун муҳаррики рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инноватсионӣ мегардад. Сифатҳои шахс, ки сармояи умумии инсониро ташкил медиҳанд, барои иқтисодиёти инноватсионӣ аҳаммияти хосса доранд ва таҳкими ҷанбаҳои методии таҳқиқи сармояи инсонӣ хеле мубрам мегардад.

## §1.2. Ҷанбаҳои методии тадқиқи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Инкишоф ва рушди илм оид ба хусусиятҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти иҷтимоӣ ба шаклгирии назарияи классикии сармояи инсонӣ мусоидат намуд ва хусусиятҳои хоси ин давраи таърихиро чунин тавсиф намудан мумкин аст:

– хароҷотҳои оила, корхона ва давлат ба рушди касбӣ ва саломатии захираҳои инсонӣ характери системавӣ пайдо намуда, таҳсил, ҳифзи саломатӣ, таъмини бехатарии экологӣ, пардохти нафақа, пардохтҳои иҷтимоӣ, рухсатиҳои меҳнатӣ ва дигар стандартҳои иҷтимоӣ ҳамчун масъулияти ҳатмӣ шинохта шуд;

– хароҷотҳо ба захираҳои инсонӣ нишондиҳандаи рушд ва инкишофи давлат гардиданд;

– ботадриҷ рушди захираҳои инсонӣ, бо таваҷҷуҳ ба афзоиши хароҷотҳои он, омили асосии рушди иқтисодиёт, суръат гирифтани равандҳои инноватсионӣ, баланд шудани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо гардид;

– хароҷотҳо ба захираҳои инсонӣ мутаносибан омили рақобатпазирии фард (дар бозори меҳнат), ширкат ва давлат гардид.

Ба ҳамин тариқ тамоюлоти мазкур назари муҳаққиқонро нисбат ба захираҳои инсонӣ тағйир дод. Дар давраи баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва инқилоби илмӣ-техникии солҳои 50-60-уми асри XX назарияи сармояи инсонӣ шакл гирифт. Асосҳои илмии ин назарияро хусусиятҳои зерини сармояи инсонӣ дар худ таҷассум намуд:

- дар ин назария шахсро на ҳамчун мақсади ниҳоӣ, балки ҳамчун воситаи расидан ба мақсад меҳисобанд, аз ин рӯ хароҷоти як шахс ҳамчун бори уҳдадориҳои давлат ва бори иҷтимоӣ барои соҳибкорон муаррифӣ мешавад;
- малакаҳое, ки сармояи махсуси инсониро ташкил медиҳанд, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, малакаҳои умумӣ ба сифати ташаккули сармояи инсонӣ таъсири ғайримустақим мерасонанд;
- устувории нисбии ниҳодҳои иҷтимоӣ омили муҳимми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мегардад.

Ба шарофати эътирофи васеи натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии олими ҳинд, барандаи ҷоизаи Нобел Амартия Сен[1] дар доираи консепсияи

[1] Сен, А. Развитие как свобода / А. Сен: пер. с англ. под ред. Нуреева. – М.: Новое

рушди инсон таваҷҷуҳи илмӣ ба мафҳуми «иқтидори инсонӣ» пайдо шуд. Ӯ дар тадқиқоти худ ба омӯзиши неруи инсонӣ аз нуқтаи назари имкониятҳои шахс, ки афзоиши он инкишофи неруи инсонӣ мебошад, муносибат кардааст.

**Ҷадвали 1.2.1. – Таносуби мафҳумҳо дар консепсияи идоракунии сармояи инсонӣ**

<table>
<tr><th colspan="4">Иқтидори инсонӣ</th></tr>
<tr><td rowspan="3">Як қисми иқтидори инсонӣ, ки ба қобилияти корӣ таъсир намерасонад</td><td colspan="3">Иқтидори меҳнатӣ – қисми иқтидори инсонӣ, ки қобилияти меҳнатиро тавсиф мекунад</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Иқтидори меҳнатии истифода нашуда</td><td colspan="2">Сармояи инсонӣ – иқтидори меҳнатии амалигардида</td></tr>
<tr><td>Аҳолии ғайри қобили меҳнат</td><td>Қувваи корӣ - аҳолии қобили меҳнат</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба ақидаи Амартия Сен иқтидори инсонӣ ин маҷмуи қобилиятҳои физиологӣ, зеҳнӣ, психологии шахс мебошад, ки ӯ метавонад дар раванди ҳаёт амалӣ намояд[1]. Бояд қайд намуд, ки як қисми ин имкониятҳо ба қобилияти меҳнатӣ таъсир намерасонанд, боқимондааш бошад дар маҷмуъ неруи меҳнатиро ташкил медиҳад, ки танҳо дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба амал меояд.

Н.А. Серебрякова неруи меҳнатиро ҳамчун «имкониятҳои умумии аҳолӣ барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ, ки дар натиҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ тағйир меёбанд», муайян кардааст[2]. Иқтидори меҳнатии дар амал татбиқгардида сармояи инсонӣ номида мешавад. Дар шароити набудани талабот ба донишу малакаи инсон неруи меҳнатии истифоданашуда ҷамъ мешавад.

издательство, 2004. – С.118.

[1] Sen, A. (1984) Collective Choice and Social Welfare (2nd ed.). New York, NY: North-Holland Sole distributors for the U.S.A. and Canada, Elsevier Science Publishing Co. 504 p.

[2] Серебрякова, Н.А., Дорохова, Н.В. Роль трудового потенциала в обеспечении инновационного развития региона / Н.А. Серебрякова, Н.В Дорохова // Регион: системы, экономика, управление. – 2018. – № 4 (43). – С.174.

Дар илми муосир ва таҷрибаи идоракунии давлатӣ ин равиш татбиқ шудааст, вале дар айни замон таҷрибаи ба ҳисоб гирифтани неруи инсонӣ ҳамчун қобилият ё омодагӣ вуҷуд дорад. Баррасӣ намудани неруи инсонӣ ҳамчун қобилиятҳои модарзодӣ ва бадастомада заминаи ташаккули ҳадафҳои стратегии сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад[1].

Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои омӯзиши паҳлуҳои гуногуни рушди сармояи инсонӣ дар тадқиқотҳои бисёр олимон ва иқтисодчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла академик Р.К. Рашидов, аъзо-корреспонденти АМИТ С.И. Исломов, профессорон С.Ҷ. Комилов, Т.Ҷ. Усмонова, дотсентон Р.М. Бобоҷонов, И.С. Хоркашев, Ю.Р. Юсуфбеков, Н.Р. Абдуллозода ва дигарон мушоҳида мегардад.

Масалан, И.С. Хоркашев[2] ва Н.Р. Абдуллозода[3] чунин мешуморанд, ки сармояи инсонӣ ин захираи муайяни саломатӣ, дониш, маҳорат, қобилият, ҳавасмандӣ мебошад, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккул ёфта, аз ҷониби шахс ҷамъ карда мешавад, ки дар ин ё он соҳаи такрористеҳсолии иҷтимоӣ ба таври мақсаднок истифода гардида, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, самараи истеҳсолот ва бо ҳамин роҳ ба афзоиши даромади худи инсон, ширкатҳо ва тамоми ҷамъият таъсир мерасонад. Муаллифони номбурда бештар ба масъалаҳои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ диққат додаанд. Маълум мегардад, ки самараи асосии рушди сармояи инсонӣ ин аз сармоягузориҳо вобастагӣ дорад.

Р.М. Бобоҷонов низ нигоҳи худро дорад. Ӯ сармояи инсониро чун қобилият ва сифатҳое, ки дар натиҷаи маблағгузорӣ ташаккул ёфта, аз ҷониби шахс андӯхта шудааст, тафсир мекунад, ки дар сурати дуруст

---

[1] Окунькова Е. А. Востребованность кадрового потенциала как основа инновационного развития экономики / Е. А. Окунькова // Вестник Российского экономического университета имени Г. В. Плеханова. – 2017. – № 6 (96). – С.67.

[2] Хоркашев И.С. Человеческий капиталь в современной экономике. Монография. – Душанбе, 2015. – С.18.

[3] Абдуллозаде Н.Р. Особенности развития человеческого капитала в транзитивной экономике (на примере Республики Таджикистан) дисс. на соискание уч. степени к.э.н. – Душанбе, 2020. – С.16.

истифода бурдани онҳо боиси афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва даромад мегардад[1]. Ин муаллиф низ сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсониро дар сармоягузориҳо маънидод кардааст.

Профессор С.Ҷ. Комилов сармояи инсониро «маҷмуи қобилиятҳои модарзодӣ, андӯхташуда, истеъдод, маҳорат, таҷрибае, ки ба рушди фаъолияти равонӣ, эҷодии шахс бо мақсади ҷалби даромад дар шароити мушаххаси иқтисодию иҷтимоӣ нигаронида шудааст»[2] шарҳ медиҳад. Маълум мегардад, ки инкишофи сармояи инсонӣ аз фаъолияти ҳар як шахс вобастагӣ дорад.

Профессор С.И. Исломов ҳангоми муайян кардани сармояи инсонӣ муносибати тамоман дигар дорад. Ба ақидаи ӯ, сармояи инсонӣ ба потенсиалӣ ва воқеӣ ҷудо мешаванд. Таҷрибаи ҷамъшуда, дониш, малака, саломатӣ ва ғайра, ба андешаи ӯ, чун сармояи инсонӣ потенсиале мебошанд, ки арзиш ва сифати онҳо то истифода бурдани он номаълум боқӣ мемонад. Сармояи инсонии истифодашаванда сармояи воқеии инсонист. Арзиш ва сифати сармояи воқеии инсонӣ метавонад бо сармояи потенсиалӣ мувофиқат кунад, ба шарте ки дигар шароитҳои истифодаи он ба сармояи инсонӣ мувофиқат кунанд. Дар акси ҳол, сармояи воқеии инсонӣ камтар аз он ки имконпазир буд, амалӣ мешавад[3]. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар ҳама ҳолат сармояи инсонӣ ҳамон вақте самаранок ҳисобида мешавад, ки истифодаи дурусти он ба роҳ монда шавад.

Дар асоси дарки иқтидори инсонӣ ҳамчун омодагӣ ба фаъолияти пурсамар ва эҳтиёҷоти шахс ба худшиносӣ, низоми арзишҳо ва манфиатҳо, мавҷудияти ҳавасмандӣ ба кор, сохтори иерархии афзалиятҳо, дараҷаи фаъолият, стратегия, роҳҳои сиёсати иҷтимоии

[1] Бабаджанов Р.М. Формирование человеческого капитала и проблемы его использования в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2019. – С. 17.

[2] Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. Монография. – Душанбе, 2019. – С.120.

[3] Исламов С.И. Сущность человеческого капитала / В сб: Переходной период: тенденции социального и экономического развития Таджикистана, вып. 2 – Душанбе, ЧПС, 2001. – С. 21.

давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ муайян карда мешаванд. Ҳамзамон арзёбии неруи инсонӣ ҳамчун имкониятҳо, шароити меҳнати комил, созанда ва қаноатбахш, сифати зиндагӣ дар асоси муайян кардани ҳадафҳои стратегии сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар самти беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Неруи инсонӣ ҷузъи захираҳои инсонӣ буда, танҳо дар шароити муайяне ба сармояи инсонӣ табдил меёбад, ки саҳми он ба марҳилаи рушди ҷомеа таъсирбахш бошад. Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти инноватсионӣ чунин шароитҳо арзи вуҷуд менамоянд, ки инҳоянд: рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ ва муҳоҷирати байналмилалӣ, омӯзиши ҳамаҷониба, оияндабинии талабот ва салоҳиятҳои кадрӣ, муҳити инноватсионӣ ва фарҳанги инноватсионӣ, фаъолияти мустақилона ва фаромарзӣ. Дар навбати худ, рушди сармояи инсонӣ танҳо дар шароити сатҳи баланди ташаккулёфтаи неруи инсонӣ ва захираҳои инсонӣ дар ҳамаи зинаҳои раванди инноватсионӣ аз микро-иқтисод то мега-иқтисод имконпазир аст.

Мафҳуми захираҳои меҳнатиро ҳамчун шакли истифодаи иқтидори инсонӣ метавон баррасӣ кард. Ва ин дуруст аст, вале робитаи байни неруи инсонӣ ва захираҳои меҳнатӣ мураккабтар буда, бо чунин навъ, ба монанди неруи меҳнатӣ ва сармояи инсонӣ миёнарав мешавад (ҷадвали 1.2.2).

Арзёбии қобилияти меҳнатӣ ҳамчун хусусияти сифатии қувваи корӣ имкон медиҳад, ки сабабҳо ва қувваҳои пешбарандаи рушди иқтисодиёти инноватсионӣ аниқ карда шавад. Қобилиятҳои маҷмуии инсон, ки бо муттасилии шинохт, дарки донишҳои бадастоварда, истифодаи эҷодкоронаи онҳо фарқ мекунанд, иқтидори меҳнатии низоми иҷтимоию иқтисодиро ифода мекунанд, ки имконияти инкишофи ин низомро тавсиф мекунанд[1].

[1] Рыжов, И.В. Научно-методический инструментарий управления человеческими ресурсами наукоемких предпринимательских структур с использованием HRM-систем / И. В. Рыжов, О. Г. Кебадзе. - Курск: Закрытое акционерное общество "Университетская книга", 2021. – С.25.

**Ҷадвали 1.2.2. – Шинохти истилоҳоти марбут ба мафҳуми сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ**

| Концепция | Дар бораи фаҳмиши умумӣ | Дар иқтисодиёти инноватсионӣ |
|---|---|---|
| Бахши захираҳои инсонӣ | Маҷмуи хосиятҳо ва қобилиятҳои модарзодии шахс аз рӯйи фаъолияти меҳнатӣ, ақлӣ ё ҷисмонӣ | Маҷмуи хосиятҳо ва қобилиятҳои модарзодии шахс аз ҷиҳати фаъолияти меҳнатӣ, ақлӣ, фикрӣ ва эҷодӣ |
| Иқтидори инсонӣ | Қобилияти шахс барои зуҳур ва татбиқи маҷмуи қобилиятҳои физиологӣ, зеҳнӣ, равонии шахс дар раванди ҳаёт | Қобилияти шахс барои зоҳир кардан ва истифода бурдани зеҳн, маҷмуи қобилиятҳои универсалии инфиродӣ, дониш, маҳорат |
| Иқтидори меҳнатӣ | Маҷмуи одамоне, ки дар раванди кор қобилиятҳои модарзодӣ ва бадастомадаро нишон дода, истифода бурда метавонанд | Одамоне, ки ба шинохти доимӣ, дарки дониши гирифташуда, истифодаи эҷодкоронаи онҳо қодиранд |
| Сармояи инсонӣ | Маҷмуи сифатҳо ва қобилиятҳои модарзод ва маҳфузмондаи шахс (аз ҷумла ҷисмонӣ), ки дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ такмил ва ҷамъ оварда шудаанд ва дар раванди меҳнат барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа истифода мешаванд | Маҷмуи қобилиятҳои инфиродии универсалӣ, дониш, малака, зеҳни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ. |
| Иқтидори кадрҳо | Хусусиятҳо ва қобилиятҳои мавҷуда ва иқтидории кормандони мушаххас ҳамчун низоми махсус | Маҷмуи захираҳои инсонӣ бо маҷмуи муайяни салоҳиятҳо, таҷриба ва рафтори меҳнатӣ, ки дар фаъолияти инноватсионӣ иштирок мекунанд |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Категорияи «иқтидори кадрӣ» бо сохтори аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва хусусиятҳои истифодаи сармояи инсонӣ алоқаманд аст – ин як меъёри бисёрҷанбаи хоси қобилиятҳои мавҷуда ва иқтидории коргарони мушаххас ҳамчун низоми дастаӣ мебошад. Дар доираи ин консепсия, қобилияти кормандон дар ҳалли мушкилоти ҷорӣ, қобилияти амалӣ кардани малакаҳо ва татбиқи онҳо якҷоя карда мешаванд. Баъзан мафҳуми мазкур ҳамчун синоними иқтидори меҳнатӣ истифода мешавад, вале бештар барои ишора ба як қисми муайяни он истифода мешавад.

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, ки дар гузориши «Тағйирёбии сарвати миллатҳо – бунёди ояндаи устувор» пешниҳод шудааст, дар

сохтори сарвати кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоби миёна 64% сармояи инсониро ташкил медиҳад, дар кишварҳои дорои даромади баланд ин ҳисса 70 фоиз ва дар мамлакатҳои камдаромад бошад – 41 фоизро дар бар мегирад.

Барои таъмини мувофиқати муаррифии моҳияти воқеии падидаҳо ва равандҳои ташаккул, ҷамъоварӣ ва истифодаи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ норавшании истилоҳоти илмӣ қобили қабул нест, зеро ин боиси номуайянӣ дар ташаккули мафҳумҳо мегардад.

Хусусияти иқтисодиёти инноватсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки нақши махсуси захираҳои инсонӣ дар таркиби иқтисодиёт мебошад, ки қобилияти системаҳои иқтисодию иҷтимоиро барои ҷалби самараноки технологияҳои нав дар гардиши иқтисодӣ муайян мекунад. Ин омӯзиши нақши сармояи инсониро дар рушди инноватсионӣ талаб мекунад.

Нақши махсуси сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ инноватсионӣ бештар таваҷҷуҳро ба масъалаҳои ташаккули он ҷалб мекунад. Ин, дар навбати худ, зарурати муайян ва омӯхтани принсипҳои бунёди ташаккули сармояи инсониро, ки самаранокии раванди такрористеҳсоли онро таъмин менамояд, ба миён меорад. Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёди олимон ба омӯзиши сармояи инсонӣ, ки дар тӯли зиёда аз ним аср идома дорад, принсипҳои асосии ташаккули он дар шарорити иқтисоди навоварона ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Олимоне, ки бо омӯзиши мушкилоти сармояи инсонӣ машғуланд, асосан ба принсипҳои идоракунии сармоягузориҳо ба сармояи инсонии корхона ё соҳаи мушаххас диққат додаанд.

И.Н. Краковская дар шароити рушди инноватсионии корхонаҳо изҳор медорад, ки принсипҳои идоракунии сармоягузорӣ ба сармояи инсониро метавон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд:

– принсипҳои ба арзиш нигаронидашуда (авлавият, масъулият, тамомият, давравӣ, самаранок ва муассир);

– принсипҳои консептуалӣ ва танзимкунанда (асоснокӣ, оқилона, ҳадафмандӣ, чандирият, мутобиқат, давомнокӣ, ҳавасмандӣ, шаффофият);

– принсипҳои таҳлил ва тарҳрезии тактикӣ (тамаркуз ба категорияҳои мушаххаси кормандон ва унсурҳои сармояи инсонӣ, таъмини ҳадди аксари таъсир ва боздеҳии сармоягузорӣ, мувозинати хатарҳо, қобилияти санҷиши баҳодиҳии самаранокӣ)[1].

Ба андешаи Т.А. Коркина, ҷиҳати идоракунии самараноки сармоягузорӣ ба сармояи инсонии корхонаҳои истеҳсолӣ риояи принсипҳои зерин зарур мебошанд:

– сармоягузории муштарак ба рушди мутавозини сармояи инсонии корхона;

– мувозинати ангезаҳо ва ҳавасмандии иштирокчиёни лоиҳаи сармоягузорӣ барои рушди сармояи инсонӣ;

– ҳамоҳангии рушди худидоракунии кормандон ва рушди корхона;

– суроғавӣ будани сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ[2].

Инчунин, О.С. Чечина оид ба ташаккули сармояи инсонӣ дар сатҳи соҳаи мушаххаси иқтисоди миллӣ андеша ронда истода, принсипҳои зеринро пешниҳод менамояд:[3]

– инкишоф додани қобилияти кормандон барои тавлиди идеяҳои нав;

– ҳадафмандона баланд бардоштани дараҷаи ихтисос ва такмили сифатҳои касбӣ;

– такмили низоми таълим ва худомузии кормандон;

---

[1] Краковская И.Н. Принципы управления процессом инвестирования в человеческий капитал [текст]/ И. Н. Краковская // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Серия Экономические науки. – 2007. – № 4. – С.189.

[2] Коркина Т.А. Принципы управления инвестициями в человеческий капитал предприятия [текст] / Т. А. Коркина // Управление персоналом. – 2009. – № 17. – С.33.

[3] Чечина О.С. Методологические положения по управлению человеческим капиталом в рамках концепции инновационного развития отраслевой экономической системы. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. – 2015. – № 1(211). – С.130.

– азхудкунии арзишҳои навоварӣ ва ихтироъ;

– саъю кӯшиш намудан барои баланд бардоштани касб дар натиҷаи фаъолияти илмӣ ва навоварона;

– рушди малакаҳои муоширати даста ва муқовимат ба стресс дар раванди тавлид ва татбиқи инноватсияҳо;

– ҳавасмандгардонии иштироки фаъол дар рушди инноватсионии соҳа;

– омодагӣ ба қабули қарорҳои навоварона ва масъулият барои онҳо;

– мунтазам баҳодиҳии нишондиҳандаҳои миқдори сармояи инсонии соҳа.

Бояд аниқ кард, ки дар раванди идоракунии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ низ принсипҳои зерини идоракунии такрористеҳсоли сармояи инсониро бояд ба эътибор гирем:

– асосноккунии илмии алоқамандии байни захираҳои инсонӣ ва сармояи инсонии корхона;

– таъмини сармоягузории оқилона ба сармояи инсонии корхона;

– ба расмият даровардани марҳилаҳои ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ;

– муносибати мунтазам ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар хусуси ба даст овардан ва истифодаи сармояи инсонӣ;

– ташаккули арзиши сармояи инсонӣ дар омӯзиши ҳаматарафаи он.

Ҳамин тариқ, пешниҳодҳои мазкур ба таҳлили интиқодии мавқеъҳои муаллифон оид ба қоидаҳои ташаккули сармояи инсонӣ ба эътибор гирифта шаванд. Принсипҳо ҳамеша таҷассуми қонунҳои аз ҷиҳати объективӣ боэътибори иқтисодӣ мебошанд. Назари ҳар як олим ба як раванд ё ба ҳам монанд, умумисозии қонунҳо, таҳияи принсипҳо, ки бо маҷмуи муайяни далелҳо тасдиқ карда мешаванд, ба афзоиши донишҳои илмӣ мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, маълум аст, ки ақидаҳои мавҷуда дар бораи принсипҳои ташаккули сармояи инсонӣ инкишофи минбаъдаро тақозо

мекунанд. Ба андешаи мо, чунин равиш имкон медиҳад талаботҳоеро, ки барои ташаккули сармояи инсонии системаи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳама гуна сатҳ талаб мешаванд, муайян созад.

Сармояи инсонӣ, чунон ки аллакай зикр гардид, омили асосии рушди иқтисодӣ муайян гардидааст. Ба андешаи мо консепсияи давлатии ба инноватсия нигаронидашудаи рушд баланд бардоштани сифати сармояи инсонии миллиро тақозо мекунад. Дар ин замина бартараф кардани чунин тамоюлҳои манфӣ зарур аст, ба монанди:

– кам шудани шумораи аҳолӣ;

– сатҳи пасти рақобатпазирии қувваҳои кории баландихтисос дар бозорҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;

– паст шудани сатҳи дастрасӣ ва бад шудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ.

Принсипи дигари бунёдии ташаккули сармояи инсонӣ аз фаҳмиши худи категория бармеояд. Мафҳуми «сармояи инсонӣ» ибораи маҷозӣ нест, балки мафҳуми воқеии илмӣ мебошад, ки пурра ба таърифи стандартии сармояи инсонии таҳияшудаи илми иқтисод рост меояд. Ташаккули сармояи инсонӣ сармоягузориҳои муайянро талаб мекунад. Бо дарназардошти он ки сармоягузорӣ рад кардани истифодаи даромади барои истеъмоли ҷорӣ ба фоидаи ташаккули сармоя ва истеъмоли пешбинишавандаи ояндаро дар бар мегирад, фоидаи муайяни хароҷотро ба назар гирифтан лозим аст. Дар ин маврид самараи сармоягузорӣ метавонад вобаста ба хусусияти объекти сармоягузорӣ чи дар шакли пулӣ ва чи дар шакли ғайрипулӣ ифода карда шавад. Дар ҳарду ҳолат, қоидаи асосии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ – принсипи самаранокии иқтисодӣ хоҳад буд.

Дар шароити муосир зарурати ҳамзамон ҳал кардани масъалаҳои рушди иқтисоди миллӣ бо риояи принсипи мутобиқшавиро ҳангоми ташаккули сармояи инсонӣ тақозо мекунад. Хусусияти дигари сармояи инсонӣ дар он аст, ки вай аз инсон ҷудонашаванда аст. Инсон ҳам

барандаи сармояи инсонӣ ва ҳам фаъолтарин сармоягузори он аст. Ӯ, аз ҷумла, барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ чунин як захираи нодир ва маҳдуде чун вақт сармоягузорӣ мекунад. Масъалаи ҳавасмандгардонии шахс барои рушди худ зарурати ба назар гирифтани принсипи ҳавасмандкуниро муайян мекунад. Гузашта аз ин, ин принсип на танҳо нисбат ба барандаи бевоситаи сармояи инсонӣ, балки барои сармоягузорони дигар – шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва давлат низ муҳим мегардад.

Бояд қайд кард, ки сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ сохтори мураккаб доранд. Аз ҳама маъмултарин нуқтаи назар ин аст, ки намудҳои асосии сармоягузорӣ ба шахс хароҷоти таҳсилот, таълими истеҳсолӣ, хароҷоти тандурустӣ, муҳоҷират ва ҷустуҷӯи маълумот дар бораи нархҳо ва даромадҳоро дар бар мегиранд. Таълим ва таҷриба дар ҷойи кор афзоиши сармояи инсониро таъмин мекунанд. Хароҷоти соҳаи тандурустӣ фоидаи сармоягузориро ба омӯзиш зиёд мекунад ва муҳлати фоиданоки сармояи инсониро дароз мекунад. Хароҷоти марбут ба муҳоҷират имкониятҳоро барои густариши бештари сармояи инсонӣ зиёд мекунад. Гуногунӣ ва вобастагии мутақобилаи сармоягузориҳо, ки ташаккул ва рушди сармояи инсониро таъмин мекунанд, риояи принсипи мураккабиро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, ташаккули сармояи инсонӣ ба маҷмуи принсипҳое асос ёфтааст, ки хусусиятҳои хоси иқтисоди муосир ва самти инноватсионии рушди онро инъикос мекунанд.

Ба андешаи мо дар баробари принсипҳои дар боло зикршуда бояд боз ба ду гурӯҳи принсипҳои дигар низ таваҷҷуҳ кард:

1) принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ;

2) принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фарҳанги навоварӣ.

Олимон оид ба мафҳуму моҳияти иқтисодиёти инноватсионӣ ва нақши сармояи инсонӣ дар он андешаҳои гуногун доранд. Аксаран бар ин ақидаанд, ки сармояи инсонӣ дар муҳити институсионалие ташаккул меёбад, ки дар он фазои ташвиқ ва тарғиби фаъолияти инноватсионӣ фароҳам шудааст. Масалан, дар монографияи ҳаммуаллифие, ки аз ҷониби олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таълиф гардидааст, моҳияти иқтисодиёти инноватсионӣ чунин шарҳ дода шудааст: «...Рушди иқтисодии инноватсионӣ ҳамчун таъсири мутақобилаи ҷараёни захираҳо дар дохили низоми иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки имкон медиҳад, самараи бештар ба даст ояд»[1]. «Низоми иқтисодию иҷтимоӣ», ба андешаи мо, ҳамон муҳити институтсионалӣ аст, ки дар доираи он сармояи инсонии дорои тавонмандиҳои (қобилиятҳои) инноватсионӣ ташаккул меёбад. Муаллифони монографияи мазкур бар он назаранд, ки сарчашмаи асосии рушди иқисодиёти инноватсионӣ ташаккул додани муҳити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ аст, ки бар асари сармогузориҳо ҷиҳати таҳкими он ба даст меояд. Бинобар ин, барои таъмини рушди иқтисодиёти инноватсионӣ татбиқи принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ муҳим баррасӣ мешавад.

Аз тарафи дигар, бояд қайд намуд, ки сармояи инсонӣ дар қиёс бо дигар намудҳои сармоя – табиӣ, ҷисмонӣ ва молиявӣ дорои хусусиятҳои хос мебошад. Ба хосиятҳои ғайриодӣ инҳо дохил мешаванд:

а) бунёди сармояи инсонӣ аз худи шахс ва ҷомеа хароҷоти муайяни молиявию моддиро барои таҳкими ҷанбаҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, тарбивӣ талаб мекунад;

б) сармояи инсонӣ падидаи иҷтимоӣ аст, он метавонад ба соҳибаш ва ҷомеа ҳам хатарнок бошад, ҳам муфид;

---

[1] Человеческий капитал современного Таджикистана / Монография. под общей редакции д.э.н., профессора, член-корр. НАНТ Исламова С.И. // Душанбе, 2021. – С.8.

в) сармояи инсонӣ мисли сармояи ҷисмонӣ фарсуда мешавад, вале фарсудашавии он танҳо ба сабаби замон (синну сол) ва ё шиддати истифодааш нест. Он метавонад бар асари омилҳои равонӣ низ фарсуда шавад;

г) сармояи инсонӣ наметавонад аз барандаи худ ҷудо мавҷуд бошад;

д) сатҳи ташаккули сармояи инсонӣ – давлат, минтақа, корхона ва оила ба дараҷаи ҳавасмандшавии ӯ ба фаъолияти судманди ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд ва ғ.[1].

Бо дарназардошти хусусияти сармояи инсонӣ татбиқи принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фарҳанги навоварӣ дар вуҷуди ҳомилини сармояи инсонӣ хеле муҳим ба назар мерасад. Ба асари он сармояи инсонии истеҳсолӣ сатҳи фаъолияти эҷодӣ ва донишҳои нави субъекти ҷамъиятиро дар эҷоди хидматҳои эҷодӣ, ки истеъмоли он манфиатҳои истеҳсолоти ҷамъиятиро зиёд мекунад, баланд мебардорад. Ҳамин тавр, кашфи техникаи нав, ба вуҷуд овардани воситаҳои нави истеҳсолот ва ғайра омилҳои ба вуҷуд омадани хусусиятҳои дар боло зикршуда буда метавонанд. Ин шакли сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти илмию маърифатии шахс вобаста аст, ки натиҷаҳои он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ васеъ истифода мешаванд.

Бояд иброз намоем, ки шарти асосии рушди сармояи инсонӣ ин маблағгузорӣ мебошад, ки дар ин робита хароҷоти заруриро барои ҷамъоварии ҷузъҳои таркибии он ифода мекунад ва барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат истифода мешавад. Ба ин хароҷот барои гирифтани маълумот, хизматрасонии тиббӣ, пайдо кардани кор, такмили ихтисос, кӯчидан ва хароҷоти тарбияи кӯдак ва ғайра дохил мешавад, ки ҳама дар муҳити институтсионалӣ ва фарҳангии як ҷомеаи муайян дар амал татбиқ мегардад. Пас ин ду принсипро (принсипҳои марбут ба

---

[1] Шестакова И. Г. Человеческий капитал в цифровую эпоху // Научный журнал НИУ ИТМО. Сер. Экономика и экологический менеджмент. – 2018. – № 1. – С.58.

сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ ва принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фарҳанги навоварӣ) ҷиҳати такрористеҳсоли сармояи инсонии дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар баробари ин сармоягузории сармояи инсонӣ дорои хусусиятҳои хосест, ки аз дигар шаклҳои сармоягузорӣ бо хосиятҳои зерин фарқ мекунанд:

1. Натиҷаи маблағгузории сармояи инсонӣ ба давраи зиндагии соҳиби он, бахусус вақти қобилияти корӣ вобаста аст.

2. Вобаста ба дараҷаи ҷамъшавии он сармояи инсонӣ, албатта, меафзояд. Аммо ин афзоиш то он даме, ки одам қобилияти меҳнат карданро дорад, давом мекунад ва бо фарорасии давраи қобилияти меҳнат кам мешавад.

3. На ҳама хароҷот барои омили инсонӣ ҳамчун сармоягузории сармояи инсонӣ амал мекунанд.

4. Сармоягузории сармояи инсонӣ бо хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ зич алоқаманд аст.

Бояд дар назар дошт, ки манбаи асосии маблағгузории сармояи инсонӣ буҷети давлатӣ, маблағҳои давлатӣ, фоидаи ширкатҳои давлатӣ ва хусусӣ, даромади оила ё шахсони алоҳида мебошанд. Дар танзими раванди маблағгузории сармояи инсонӣ давлат нақши муҳим мебозад ва он дар ду шакл зуҳур мекунад: якум, дар шакли бевосита (маблағгузории бевоситаи раванди таълим ва дастрас будани ёрии умумии тиббӣ ба шаҳрвандон). Ба ин таълими ҳатмии миёна, пешгирии зарурии касалиҳои сирояткунанда бо роҳи эмгузаронии оммавӣ ва ғайра мисол шуда метавонад. Дуюм, дар шакли мусоидат ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ (ташкили бозори хизматрасониҳои зеҳнӣ ва тиббӣ, пешниҳоди ҳавасмандгардонӣ барои маблағгузории сармояи инсонӣ ва ғ.). Вобаста ба ин дар стратегияи давлатии рушди сармояи инсонӣ ба назар гирифтани

принсипҳои дар боло зикршуда шарти муҳимми татбиқи сиёсати самараноки рушди инноватсионӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки маҳз шахс ҳамчун ҷузъи асосӣ ва ҳатмии ҷомеа амал мекунад, ки дар навбати худ объекти дониши илмҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ мебошад. Он қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият ба шумор меравад ва танҳо шахс метавонад захираҳои табииро ба истеҳсолот ҷалб намояд ва ҳар гуна сармояро ба муомилот гузорад. Қобилияти соҳибкорӣ, технологияи пешрафтаи истеҳсолотро ташаккул дода, ҳамчун воситаи истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ ҳам барои худ ва ҳам барои тамоми ҷомеа хизмат мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи инсон ва инкишофи фарҳангии ӯ ва ҳамаи он чизе, ки бо он алоқаманд аст, дар доираи илмҳои иқтисодӣ масъалаи асосӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба рушди ҳамаҷонибаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, бахусус фалсафаи иҷтимоӣ, ақидаҳо дар бораи шахс низ хеле тағйир ёфтанд, ки барои пайдоиш ва истифодаи васеи мафҳуми «сармояи инсонӣ» дар илмҳои гуманитарӣ замина гузошт. Бешубҳа, ягон истилоҳи дигар дар илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ иштироки одамро дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ин қадар пурра ва ҳаматарафа тавсиф карда наметавонад. Дар тафсири иҷтимоию фалсафӣ падидаи «сармояи инсонӣ» ченаки фаъолияти фоидаовар аст, ки танҳо ба фард хос буда, қобилият ва истеъдоди фитрии ӯ, инчунин маълумот ва касбу кори бадастомадаро дар бар мегирад ва дар муҳити хоси фарҳангӣ ба вуҷуд меояд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, самтҳои асосии бунёди сармояи инсонӣ хароҷоти таълим, дастгирӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ, иттилооти дастрас, инчунин муҳоҷирати меҳнатӣ аз як ҷо ба ҷои дигар мебошанд. Таҳсилот ҷанбаи асосӣ ва ҷузъи сохтории сармояи инсонӣ маҳсуб мешавад ва он воситаи дарёфти қувваи кории соҳибихтисос мебошад, ки ба иҷрои корҳои душвору мураккаб қодир мебошанд. Азбаски тахассус ҳамчун нишондиҳандаи сатҳ ва намуди маҳорати касбии корманд, дониш, истеъдоди ӯ, ки барои иҷрои амали муайяни истеҳсолӣ зарур аст, баромад

мекунад, нақши он дар назарияи сармояи инсонӣ нисбатан барҷастатар мебошад.

Тибқи принсипҳои психологияи иҷтимоӣ, шароити иҷтимоӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои гуногунҷанбаи байни одамон дар ҷомеа бевосита таъсир мерасонад, ба натиҷаҳои муайян оварда мерасонад. Вобаста ба ин, зарурати муайян кардани вазъи оқибатҳои таъсири шароити иҷтимоӣ ба фаъолияти шахсият ба миён меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсири ҳамдигарии шахсони алоҳида ва системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи мустақим дорад.

Ҳамин тавр, ҷанбаҳои методологии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсиониро баррасӣ намуда, метавон хулоса кард, ки сармояи инсонӣ ба сифати омили муҳимтарини рушди фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунад. Байни ташаккулёбии сифатӣ ва миқдории сармояи инсонӣ ва сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи мустақим вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, барои инкишофи мутаносиби сармояи инсонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ бояд ба инкишофи ниҳодҳои иҷтимоии рушди сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд. Зеро сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсул ва ё паёмади муҳити ниҳодие, мебошад, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтааст. Пас, сармояи инсонӣ ва муҳити ниҳодӣ ду омили муҳимтарини рушди иқтисодиёти навоварона ба шумор меравaнд. Татбиқи принсипҳои асосии сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонии дорои тавонмандиҳои навоварона имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои гузаштан ба иқтисодиёти инноватсионӣ ноил гардем.

### 1.3. Механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ

Муносибати институтсионалӣ дар илмҳои гуногуни иҷтимоӣ – махсусан дар илми ҷомеашиносӣ бо шарофати корҳои илмии анҷомдодаи олимони машҳур Т. Веблен, В. Митчелл, Ҷ. Коммонс, Т. Парсонс, ки мафҳуми институтро бо стандартизатсия ва қолабикунонии ҳаёти иҷтимоӣ омехта намуданд, татбиқи васеъ пайдо намуд. Дар илмҳои

иқтисодӣ бошад масоили мубрами иқтисоди институтсионалӣ дар асарҳои М. Вебер, Т. Веблен ва Ҷ. Коммонс мушоҳида мегардад.

Дар Тоҷикистон мактаби институтсионалӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои ватанӣ ба мисли С.Ҷ. Комилов, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.Ҳ. Ҳакимов, Д.С. Амонова, Д.Б. Қодиров, Т.Ҷ. Усманова, С.З. Султанов, И.С. Ашуров, А.Б. Мирсаидов ва дигарон ташкил ва омӯхта шудааст. Саҳми калонро дар рушди таҳлили институтсионалии равандҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ барандаи ҷоизаи Нобелӣ дар соҳаи иқтисод Д. Норт гузоштааст.

Аз нуктаи назари мактаби институтсионалӣ ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат мегирад, ва маҷмуи институтҳоест, ки дар ҷомеа амал мекунанд, ҳамзамон шароити такрористеҳсолу рушди сармояи инсониро муайян мекунанд ва дар зери таъсири бевоситаи онҳо мебошанд. Дар навбати худ, муҳити институтсионалӣ дар натиҷаи ҳамкории институтҳое ташаккул меёбад, ки самтҳои асосии ҳаёти инсон – сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд. Институтҳои ҳуқуқӣ ва сиёсие, ки муҳити институтсионалии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд – заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ, мақомоти иҷроия ва қонунгузор ба шумор мераванд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзимкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодиро муайян мекунанд.

Вобаста ба рушди сармояи инсонӣ дар асоси институтҳо ва инноватсияҳо профессор С.Ҷ. Комилов дар тадқиқоти илмии худ иброз медорад, ки «...иқтидори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун хусусияти динамикӣ дар имкониятҳои мавҷудаи онҳо барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ зоҳир мегардад. Сифати истифодаи сармояи инноватсионӣ, донишҳои интиқолшуда мебошад, ки дар инноватсияҳо таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираи татбиқи сиёсати ташаккул ва рушди класстерҳои инноватсионӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидор оид ба эҷоди робитаҳои кооперативӣ ҷиҳати ҳамгироӣ бо шарикон дар

доираи татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ фаъол мегардад»[1]. Аз нигоҳи профессор С.Ҷ. Комилов мавҷуд будани ниҳодҳои гуногун ба ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ таъсиргузор мебошад. Дар навбати худ, ҳангоме ки сармояи инсонии шахс инкишоф меёбад ба рушди фаъолияти инноватсионӣ таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ин, алоқамандии инкишофи сармояи инсонӣ бо эҷоди молҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои гуногун эҳсос мегардад.

Оид ба механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии рушди сармояи инсонӣ Д.А. Ҳодиев қайд менамояд, ки «бо таваҷҷуҳ ба назарияи институтсионалӣ ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат мегирад ва он маҷмуи ниҳодҳоест, ки дар ҷомеа амал мекунанд ва шароити бозтавлиду рушди сармояи инсониро муайян мекунанд. Дар навбати худ, муҳити институтсионалӣ дар натиҷаи ҳамбастагии ниҳодҳое ташаккул меёбад, ки соҳаҳои асосии ҳаёти инсонро инъикос менамоянд»[2]. Бояд қайд кард, ки ниҳодҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ барои ташаккули сармояи инсонӣ нақши муҳимро мебозанд. Бинобар ин, ҳар як ниҳоди мавҷуда саҳми худро барои ташаккули сармояи инсонӣ дар алоҳидагӣ мегузорад.

Институтҳои иҷтимоӣ – оила, институтҳои сифати зиндагӣ (маориф, соҳаи тандурустӣ, инфрасохтор) – шароитҳои иҷтимоиеро, ки ба рушди сармояи инсонӣ таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Институтҳои иқтисодӣ – бозори меҳнат, институти моликият, муассисаҳои молиявӣ, ниҳодҳои соҳибкорӣ – шароити иқтисодии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд. Маҷмуи ин институтҳо ба рушди сармояи инсонӣ тавассути воситаҳои гуногуни ба ҳар яки онҳо хос таъсир расонида

[1] Комилов С.Дж. Инновационный кластер: условия и проблемы становления // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. – №1. – С.14.

[2] Ҳодиев Д.А. Мавонеи ниҳодии рушди сармояи инсонӣ дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С.19.

метавонад. Муҳити институтсионалӣ зудтағйирёбанда нест. Тағйир додани институтҳои алоҳида дар раванди мутобиқшавӣ ба шароити беруна боиси тағйирёбии муҳити институтсионалӣ дар маҷмуъ мегардад, ки имкон медиҳад якпорчагии ҷомеа ва ваҳдати дохилии он нигоҳ дошта шавад. Такрористеҳсолии аҳолӣ марҳилаи аввали ташаккули сармояи инсонӣ мебошад. Дар расми 1.3.1. ҷузъҳои асосии муҳити институтсионалии такрористеҳсолии аҳолӣ нишон дода шудааст.




**Расми 1.3.1. – Сохтори муҳити институтсионалӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар расми дар боло овардашуда ташаккули сармояи инсонӣ раванди мақсадноки таъсири институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар рафти он шахс дониш, малака ва маҳоратеро ба даст меорад ва ба ӯ имкон медиҳад иқтидори меҳнатии худро ба бозори меҳнат пешниҳод намояд.

Институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши шахсро дар ҷомеа (коргари кироя, соҳибмулк, мансабдор, сиёсатмадор) муайян намуда, амали ӯро ба чаҳорчӯбаи қобили қабули ҷомеа ворид мекунанд ва ба андозаи муайян ба интихоби қарорҳо таъсир мерасонанд. Аммо ин ҳам

яке аз шартҳои пешравӣ аст, яъне одам бо назардошти ангезаҳои дохилӣ, фардӣ қарор қабул мекунад, ки сарчашмаи он хислатҳои шахсии ӯ мебошад. Ҳамин тариқ, тафовути хеле назаррас муайян карда мешавад, яъне «институтҳо дар шакли маҷмуи қоидаҳо ва меъёрҳо рафтори инсонро муайян намекунанд, балки танҳо маҷмуи алтернативаҳоро маҳдуд мекунанд, ки шахс аз онҳо мувофиқи вазифаи гузошташуда интихоб карда метавонад»[1].

Олими дигари соҳа В.А. Шевченко дар асоси концепцияи Уилямсон тафсири васеи сохтори муҳити институтсиониро пешниҳод намуда, механизми тағйироти институтсионалиро ба назар мегирад. Тибқи ин тафсир муҳити институтсионалӣ шартан ба зернизоми меъёрӣ (меъёрҳо ва қоидаҳо) ва зернизоми ташкилию техникӣ (муассиса ва ташкилотҳо) тақсим мешавад[2].

Рушди сармояи инсонӣ мувофиқи расми мазкур, ба фикри мо, раванди таъсири институтҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба шахсе, ки ба ҷараёни муносибатҳои бозаргонӣ дохил мешавад, хоҳад буд, ки дар рафти он хароҷоти вазифавии қувваи кории он меафзояд. Дар чунин ҳолат ин гуна таъсирро шахсе мебинад, ки маълумоти умумӣ ё касбӣ дорад, вале ниёз ба такмили ихтисос, бозомӯзӣ, таҳсилоти иловагӣ ва ғайраро эҳсос мекунад.

Муҳити институсионалии сармояи инсониро дар адабиёти илмӣ ба таври хос шарҳ медиҳанд. Ба ақидаи Д.А. Ҳодиев “... сармояи инсоние, ки зери таъсири муҳити муосид ва ё ғайримусоиди ниҳодӣ ба камол мерасад, одатан нисбат ба он (муҳит) мунтақид мешавад ва ё бояд мунтақид шавад. Агар ин сармояи инсонӣ аз муҳите, ки ӯро парвариш кардааст, интиқод накунад ва дар пайи он ислоҳоти мувофиқро роҳандозӣ нанамояд,

---

[1] Шаститко А.Е. Неоинституционализм. //Вестник МГУ. Серия 6 «Экономика». 1997. № 6. – С.15.

[2] Шевченко В.А. Институциональный механизм системной нестабильности экономики – СПб.: Знание, 1999. – С.8.

заминаи инкишофи минбаъдаро барои худ ва ҷомеа наметавонад муҳайё созад, зеро шароити наве, ки ӯ дар он тасмим мегирад, талаботҳои комилан нав ва сифатан беҳтареро барои фаъолияти босамари сармояи инсонӣ тақозо мекунад. Яъне сармояи инсонии инкишофёфта (бакамолрасида) сармояи инсониест, ки нисбат ба гузашта мунтақид аст ва барои ояндаи беҳтар дар садади ислоҳот аст. Ин ислоҳотхоҳии ӯ тавъам бо иқдомоте, ки дар пайи он сурат мегирад боиси тағйироти муайян дар муҳити ниҳодӣ мешавад ва бо таваҷҷуҳ ба таъсири ниҳодҳои берунаи байналмиллалӣ ва зуҳури ниҳодҳои нави ғайрирасмӣ мунҷар ба эҷоди муҳити нави парвариши сармояи инсонӣ мегардад”[1].

Бояд қайд намуд, ки дар назарияи институсионалӣ ҳолатҳои гуногуни таърифи ниҳодҳо ва масъалаҳои марбут ба он баррасӣ мегарданд, ки яке аз муҳимтарини онҳо назарияи “домҳои ниҳодӣ” ба шумор меравад. “Домҳои ниҳодӣ” чунин ҳолате мебошад, ки дар он инкишофи равандҳои муайян бо сабабҳои ба сустӣ пеш рафтани ниҳодҳо ҳолати рукудро ба миён меорад. Гарчанде ки бештари муҳаққиқон таъсири як ё якчанд ниҳоди марбутро дар алоҳидагӣ сабаби эҷоди “доми ниҳодӣ” мешуморанд, вале солҳои охир назарияи дигар низ пешниҳод шудааст. Сухан дар бораи он меравад, ки аслан “доми ниҳодӣ” характери системавӣ дорад ва як ё ду ниҳод наметавонад як доми ниҳодӣ ба вуҷуд оварад.

Ниҳодҳои алоҳида дар эҷоди домҳои ниҳодӣ метавонанд бештар таъсиргузор бошанд. Масалан, маориф ҳамчун як ниҳоди асосӣ дар раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар алоҳидагӣ наметавонад сабаби пайдоиши муҳити мусоид ва ё ғайримусоиди таназзул ва ё инкишофи сармояи инсонӣ гардад. Чунки ниҳоди мазкур дар муҳити дигари ниҳодӣ қарор гирифтааст ва рушду коҳишёбии он дар ҳамон муҳит

[1] Ҳодиев Д.А. Мавонеи ниҳодии рушди сармояи инсонӣ дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С.22.

зери таъсири омилҳои гуногун мутобиқ шудааст. Маълум аст, ки ниҳодҳо бо якдигар дар алоқамандии зич ва мустаҳкам қарор доранд ва дар якҷоягӣ муҳити хосаеро ба вуҷуд меоранд, ки доми ниҳодӣ низ дар ҳамон муҳит эҷод мегардад. Вале таъсири муҳити пайдогашта ба воситаи низоми маориф ба сармояи инсонӣ таъсири худро мерасонад ва он омили асосии ба вуҷуд омадани доми ниҳодии инкишофи сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Шароити муосир, ки бо динамизм ва сатҳи баланди номуайянӣ аз ҳар давру замон дида бештар фарқ мекунад, воқеан, унвони ба худ шоистаеро касб намудааст – иқтисоди рақамӣ.

Маълум аст, ки шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ муҳимияти ҷорӣ намудани фановариҳои рақамиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ талаб мекунад. Гузаштан аз равишҳои анъанавии идоракунӣ ба равишҳои рақамиро метавон ҳамчун дигаргунсозии рақамии ниҳодҳо арзёбӣ кард. Ҷорисозии фановариҳои рақамӣ дар соҳаҳои кишоварзию саноат, иқтисод, нақлиёт, тиб, маориф, алоқа ва бахшҳои дигари ҳаёт ба таври назаррас инкишоф ёфта ин раванд бо суръати баланд идома дорад. Маҳз ҳамин омилҳоро ба инобат гирифта муҳаққиқон дар ояндаи наздик тағйирёбии ҷомеаеро пешгӯӣ мекунанд, ки дар он низоми меъёрҳои баҳогузорӣ комилан дигаргун гашта аз шароити имрӯза фарқ менамояд. Аммо ташаккулёбии рақамикунонии иқтисодиёт дар баробари афзалиятҳояш як қатор хатарҳоро низ дорад, зеро он боиси фаъолияти ғайрисамараноки ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Инро метавон ба зуҳури “домҳои ниҳодӣ” дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ дар шароити мавқеъ пайдо кардани иқтисоди рақамӣ алоқаманд донист.

Муҳақиқон дар робита ба пайдоиши домҳои ниҳодӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ тадқиқоти арзишмандеро иҷро намудаанд, ки дар он эҷоди ин домҳоро дар панҷ зина – зинаи ҷаҳонӣ, миллӣ, корпоративӣ ва

фардӣ тавсиф менамоянд[1]. Аз ҷумла, дар зинаи ҷаҳонӣ чунин масъалаҳоро алоҳида қайд намудаанд, ки бар асари таъсири босуръат ва номуназзами фановариҳои рақамӣ дар иқтисоди миллии кишварҳои гуногун ба миён омадаанд:

– нобаробарии рақамӣ" байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф дар ҷаҳон; афзоиши бухронҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла чун натиҷаи виртуализатсияи равандҳои молиявӣ;

– афзоиши хатари бӯҳронҳои молиявию иқтисодии "идорашаванда" ва ғ.

Дар маҷмуъ, мушкилоти мазкур ба фаъолияти ниҳодҳои иқтисодӣ халали ҷиддӣ ворид мекунанд ва бо баъзе аз онҳо ба таври ғайримустақим дар мавқеи зиддият қарор мегиранд. Ҳамин аст, ки мавонеи ниҳодии рушди рақамисозии иқтисодиёт ба вуҷуд меояд ва боиси таҳаввулоти ояндаи ниҳодӣ мегардад. Бояд қайд кард, ки «Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун шакли фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси шабакаи электронии ҷаҳонӣ ва истифодаи оптималии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рушд мекунад, ки имкон медиҳад на танҳо хароҷоти вақти корӣ, балки хароҷоти амалиётро низ ба таври назаррас коҳиш диҳад. Аз ин рӯ, дар ояндаи наздик бартарияти равандҳои табдили рақамии соҳаҳои иқтисодиёт аён аст».[2]

Дар муҳити ниҳодии бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ домҳои ниҳодӣ ба таври барҷаста аз худ дарак медиҳанд. Аксари ин домҳо аз носозгории равандҳои густариши иқтисоди рақамӣ бо ниҳодҳои низоми маориф сарчашма мегиранд, ки

[1] Иваненко И.А., Пенькова И.В. "Институциональные ловушки" как последствие цифровой трансформации экономики//Ученые записки Крымского инженерно-педагогического университета. – Симферополь, 2020. – № 3 (69). – С.79.

[2] Комилов С.Ҷ. Рушди инноватсионии саноат дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии «Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ». Бахшида ба эълон гардидани «Солҳои рушди саноат 2022-2026» (ш. Кӯлоб, 21 октябри соли 2023). Кӯлоб, 2023. – СИ "Қурбонов Сорбон". – С.176.

таъсири манфии он ба бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ назар ба дигар ниҳодҳо бештар мебошад.

Дар шароити имрӯза муҳимтарин маҳсули макотиби олӣ – кадрҳои соҳибихтисоси мавриди талаби бозори меҳнат таъиноти аслии худро наметавонанд пурра дар амал татбиқ созанд. Ҳамасола шумораи зиёде аз хатмкардаҳои макотиби олӣ ба сафи бекорон мепайванданд ва ё ба касбу корҳое фаро гирифта мешаванд, ки ба тахассуси онҳо рабти мустақим надорад. Чунончӣ духтур тоҷир мешаваду омӯзгор сохтмончӣ, иқтисодчӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯй меовараду ҳуқуқшинос ронандаи таксӣ, муҳандис дар ниҳояти кор ошпаз мешавад.

Ҳамаи ин омилҳо дар навбати худ як зарбаи сахт ба раванди такрористеҳсолии сармояи инсонӣ баҳисоб меравад, ки аз як тараф талафоти вақтро барои омодасозии як шахси тахассусманд дар пай дорад ва аз сӯи дигар бошад сарфи беҳосили маблағ ва ё сармоягузориҳоеро, ки ба таҳсили ӯ сарф гардидаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин мушаххас гардонидани омилҳои ниҳоди такрористеҳсолӣ ва инкишофи сармоя инсонӣ дар сатҳи фард, корхона ва иқтисоди миллӣ муҳим мебошад (расми 1.3.2).

Бояд иброз намуд, ки соли 2022 дар низоми макотиби олии кишвар тамоюли бесобиқае оғоз гардид, ки ҷомеаи илмӣ ва фарҳангии кишварро сахт нигарон намуд. Маротибаи аввал аст, ки дар таҷрибаи маъракаи қабули донишҷӯён ба донишгоҳҳо норасоии довталабон ба ихтисосҳои пештар машҳуртарин мушоҳида гардид. Дар баробари ин як қисми довталабон, ки ба гурӯҳҳои шартномавӣ ҳуҷҷат супорида буданд, баъд аз супоридани имтиҳонҳои қабул ва дохил шудан ба донишгоҳ аслан ба дарсҳо ҳозир нашуданд, қисми дигар аз ҳисоби донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба теъдоди зиёд барои таҳсил ба шакли ғоибона (фосилавӣ) гузаштанд. Ин тамоюл ба таври равшан собит месозад, ки имрӯз низоми маорифи кишвар пурра ҷавобгӯи хостаҳои мардум нест, мардум ба хубӣ




**Расми 1.3.2. – Таснифи омилҳои рушди сармояи инсонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

дарк намудаанд, ки дигар маълумоти олӣ роҳхати бечунучарои муваффақият дар бозори меҳнат буда наметавонад.

Дарки ин масъала ва баҳогузории он аз доираи таҳқиқи мо берун аст, омилҳои пайдоиши он ва оқибати пайдоиши он хеле васеътар аз он аст, ки онро танҳо ба густариш ва инкишофи равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт маҳуд намоем, агарчӣ бо суръат гирифтани тамоюли мазкур таъсири иқтисоди рақамӣ низ хеле муассир ба назар мерасад.

Аммо мушкилии калидии соҳаи маорифи кишвар дар шароити инкишоф ва эътибор пайдо намудани иқтисоди рақамӣ ҳамоно сатҳи хеле пасти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни таълим боқӣ мемонад. Аз як ҷониб фановариҳои рақамӣ ба таври васеъ дар низоми маориф ҷорӣ нагардидаанд, аз ҷониби дигар дараҷаи касбият ва сатҳи тахассусии омӯзгорон низ имкон намедиҳад то фановариҳои мавҷуда ба таври таъсирбахш мавриди истифода қарор гиранд. Дар чунин ҳолат донишҷӯёни муваффақ, бахусус дар макотиби олӣ, бо таваҷҷуҳ ба дастрасии худ ба фановариҳои рақамӣ ва ҳаҷми зиёди маълумоте, ки аз он ҳосил намудаанд, наметавонанд аз дарсҳои донишгоҳӣ қаноатманд бошанд. Ин аст, ки ба дарсҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, дар баъзе мавридҳо ба шакли ғоибонаи таҳсил интиқол мешаванд ва ё таҳсилашонро дар хориҷи кишвар идома медиҳанд. Аммо таҷрибаи исботнамудаи таҳсили ҷавонони боистеъдод дар хориҷи кишвар ва тамоюли афзоиши омори “фирори мағзҳо” оқибати начандон хубро ба бор меоварад.

Бо чунин ҳолат дар бозори меҳнат вазъият тамоман дигар хел ба чашм мерасад, чун дар асари омилҳои марбут ба ҷаҳонишавии бозори меҳнат фановариҳои рақамӣ дар касбу корҳои гуногун таъсири васеътарро нисбат ба низоми маориф ба худ гирифтаанд. Дар баробари ин, чунин тартиб ҷой дорад, ки муҳассилини донишгоҳҳо пас аз хатм чанд вақти дигар бояд бевосита дар зери назорати корфармоён ба омӯзиш қарор гиранд. Баъзан шахсоне, ки аслан маълумоти олӣ надоранд, вале бо фановариҳои рақамӣ тасаввуроти хубтар доранд, дар бозори меҳнат

рақобатпазир мегарданд. То ҷое ки маълум аст, ин мушкилот муддати тулонӣ аст, ки домангири низоми маорифи Тоҷикистон аст, вале дар шароити ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ он бештар шиддат мегирад.

Оқибати нохуши домҳои ниҳодиро бо таваҷҷуҳ ба сабаби нуфузи бесобиқаи фановариҳои рақамӣ ва омода набудани низоми маориф ба он дар ҷанбаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ махсус бояд қайд намуд. Бар асари вусъат пайдо намудани тамоюли ин раванд як навъ нобоварӣ миёни муҳассилин нисбат ба низоми маориф ва ниҳодҳои марбут ба он эҷод мешавад. Донишҷӯён имрузҳо бо таваҷҷуҳ ба иттилооти васеъе, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар ихтиёр доранд, ба содагӣ дар зеҳни худ равандҳои ҷаҳони муосирро бо воқеъиятҳои гирду атрофи худ муқоиса менамоянд. Натиҷаи он густариши бемайлони беэътимодӣ нисбат ба мактабу донишгоҳ, беэътиноӣ ба омӯзиши илму донишҳои бунёдӣ, коҳиши эҳтироми донишҷӯён нисбат ба устодон, майли ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ ва монанди он аст, ки оқибати манфӣ на танҳо барои худи донишҷӯён, балки куллан барои ҷомеа хоҳад дошт. Бешубҳа, натиҷаи нохуби зарбаи сахти ин раванд ба сармояи инсонӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ васеътар аз пиндору тахминҳои муҳаққиқони алоҳида хоҳад буд.

Аз ҷониби дигар тамоюли манфии дигаре низ дар ҳолати инкишоф аст ва оқибатҳои он низ ба раванди такрористеҳсол ва инкишофи сармояи инсонӣ таъсири манфии худро мерасонад. Дар сурате ки иқтисоди рақамӣ аслан бояд сатҳи коғазбозӣ ва бюрократияро коҳиш диҳад, ҳоло он боиси афзоиши ин зуҳурот дар баъзе бахшҳо, аз ҷумла, маориф гардидааст. Оид ба ин масъала олимони рус В.В. Вольчик, А.А. Жук ва Е.В. Фурса дар робита ба тамоюли зикргардида тадқиқоти илмиеро анҷом додаанд[1]. Пайдоиш ва инкишофи ин тамоюл аз камсаводии рақамии тарафайни

---

[1] Вольчик В.В., Жук А.А., Фурса Е.В. Механизмы преодоления институциональных ловушек в сфере образования и науки // Журнал институциональных исследований. – Rostov-on-Don, 2021. Т.13. – № 1. – С.137.

муомила сарчашма мегирад, аз ҷониби дигар маъмурияти ниҳодҳои гуногун ҳам ба далели бехатарӣ шаклҳои ҳисоботи анъанавӣ ва электрониро дар як вақт ба роҳ мемонанд, ки ин гардиши ҳуҷҷатҳоро мураккабтар месозад. Таъсири манфии ин зуҳурот ба раванди такрористеҳсолии сармояи инсонӣ паҳлуҳои мухталиф дорад, аммо асоси он афзоиши зоҳирбинӣ дар таълиму тарбия, зиёданависӣ, хотирбинӣ, фасод, ришваситонӣ ва ғ. аст. Чунин ҳолат ба руҳияи насли наврас ва ё интиқолдиҳандагони дигари сармояи инсонӣ асари харобовар доранд.

Мушкилоти дигари домҳои ниҳодии такрористеҳсол ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ ба коҳиши сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ марбут аст. Дар ҳолати номуайянӣ сармоягузорӣ дар ҳама шаклу усулҳои татбиқи худ дучори пастравӣ мегардад. Дар раванди сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳам ин ҳолат ба чашм мерасад. Аммо, мутассифона, фазои иттилоотиро дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ танзим намудан мушкил аст. Чунин ҳолат бо далели нофаҳмӣ азояндаи норавшан боиси мушкилоти сармоягузорӣ ба сармояи инсонии ҷавонон мегардад. Дар баъзе аз мавридҳо масъулин роҳеро интихоб менамоянд ва маблағеро хароҷот мекунанд, ки пас аз муддате бесамар мешаванд.

Чунин ҳолатҳо на танҳо талафоти вақт ва маблағро дар назар доранд, балки зарбаи сахтест ба раванди умумии инкишофи сармояи инсонӣ. Дар ҷаҳони муосир ҳамасола шумори зиёде аз касбу корҳои гуногун аз фаъолият берун мешаванд ва дар иваз шумораи дигари касбу корҳои замонавӣ пайдо мешаванд.

Маълум мешавад, ки дар байни касбу корҳое, ки дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ бештар осебпазир шинохта шудаанд ҳуҷҷатнигорон, таҳлилгарон, маъхазнигорон, нотариусҳо ва монанди онҳо қарор гирифтаанд. Дарояндаи наздик бошад интизор меравад, ки касбҳое чун табиби ташхисӣ, танзимгар, турагент, риелтор, иқтисодчӣ,

менеҷер ва бухгалтер низ аҳамияти деринаи худро аз даст медиҳанд[1]. Бо чунин тартиб, сармоягузорӣ ба омӯзиши касбу ҳунарҳои гуногун дар шароити муосир аз сатҳи хеле баланди таваккал бархӯрдор мебошад.

Барои паст кардани таъсири манфии доми ниҳодии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ дар давлатҳои гуногун бо ин мақсад аз роҳҳои гуногун истифода мебаранд. Чунин ҳолат табиист, зеро ин гуна мушкилиҳо дар давлатҳои ҷаҳон ба таври хос пайдо мешаванд ва истифода аз роҳу услуҳои муайянеро талаб менамоянд. Таҳқиқотҳои илмие, ки дар робита ба ин масъала иҷро гардидаанд ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: як гурӯҳ муҳаққиқон бештар ба ошкор намудани хусусияти ин носозгориҳо таваҷҷуҳ ва такя намуда, равишҳои мусоидат ба густариши иқтисоди рақамиро бо таваҷҷуҳ ба қисман нав намудани ниҳодҳои мавҷуда пешниҳод мекунанд[2].

Гурӯҳи дигари олимон бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти ин масъала, миқёси он ва оқибатҳои нохуши зудтар ворид нашудан ба ин равандро тарафдорӣ намудаанд[3].

Ҳамин тавр, домҳои ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар соҳаи маориф ва илм дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар адабиёти илмӣ масъалаи паҳншудае ба ҳисоб меравад. Вале, бо вуҷуди ин роҳу равиши махсус ва аз ҷониби бештари муҳаққиқон эътирофшудаи коҳиши таъсири манфии ин ниҳодҳо ва таъмини рушду инкишофи бемайлони сармояи инсонӣ дар шароити кунунӣ ҳанӯз ҳам пешниҳод нагардидааст.

---

[1] Воробьева А.Г. Некоторые факторы изменения профессиональной востребованности и профессиональные предпочтения в обществе: социолого-управленческий анализ//Экономические и гуманитарные исследования регионов. – Пятигорск, 2021. – № 4. – С.54.

[2] Васильева А.В. Прогнозирование социально-экономических последствий институциональной ловушки российского рынка труда//Экономика и управление: проблемы, решения. – Ектерингбург, 2019. Т.1. – № 12. – С.74.

[3] Романов Е.В. Институциональные ловушки в научнообразовательной сфере: природа и механизм ликвидации//Образование и наука. – Магнитогорск, 2020. – Т.22. – № 9. – С.109.

Бо такя ба таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва бо дарназардошти шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки ба фикри мо татбиқи чораҳои зайл метавонад то андозаи муайяне таъсири манфии домҳои ниҳодии такрористеҳсолии сармояи инсониро дар шароити густариши иқтисоди рақамӣ коҳиш диҳад:

– дар сатҳи Ҳукумат хуб мешуд, агар барномае таҳия ва қабул гардад, ки фарогири ислоҳоти ниҳодиро таҷассум намояд. Мақсади асосии ин ислоҳот аз таъмини ҳуқуқӣ, барҳамдиҳӣ ва эҷоди ниҳодҳои нав иборат бошад. Ва дар навбати худ тавонад, ки роҳро барои коҳиши таъсири манфии мавонеи ниҳодӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар сатҳи гуногуни идоракунӣ ва бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ таъмин намояд;

– барои вусъат бахшидан ба рушди фановариҳои рақамӣ дар чунин ҳолат давлат ба маблағгузории соҳаи маориф бояд аҳаммияти зиёд диҳад. Дар баробари ин ба таъмин ва насби фановариҳои рақамӣ, омӯзиши истифодабарандагон, баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии фановариҳои рақамӣ таваҷҷуҳи бештар бояд зоҳир намояд;

– ихтисосҳои дар бозори меҳнат вобаста ба талаботи замон зарур набуда аз барномаҳои таълимии муассисаҳои олии касбӣ ва макотиби миёнаи касбӣ кам гардида ё бардошта шаванд. Ин иқдомро ҳар чӣ бештар дар доираи ислоҳоти ниҳодии низоми маориф бояд ба роҳ монд. Барои ҳалли ин масъала бояд омӯзиши амиқ ва фарогири бозори меҳнат ва тамоюлҳои рушди онро бо ҷалби коршиносони соҳа ба нақша гирифта, дар амал татбиқ намуд;

– зарур аст, ки низоми маориф бояд ба ҳама гуна шароитҳои мавҷуда ва фавқуллода тайёр бошад. Барои иҷрои ин кор роҳбарияти муассисаҳои таълимиро мебояд фановариҳои таълими фосилавиро харидорӣ намуда ва дар ҳолати зарурӣ аз он ба таври самарнок истифода намоянд;

– дар сурати густариш ёфтани фановариҳои рақамӣ бояд ба мушкилоти ҷойдоштаи бюрократӣ хотима бахшид. Воситаи гардиши

ҳуҷҷатҳоро то ҳадди имкон сода карда такроршавии ҳисоботҳои монандро бояд аз байн бурд. Ченакҳои баҳогузорӣ, кирдор, фаъолият ва рафтор бояд оммафаҳм бошанд, то бо истифода аз ҳолатҳои норавшан бозиҳои дар пасипарда ҷойдошта авҷ нагиранд;

– сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бошад ба як стратегияи мақсаднок дар ҳамаи зинаҳои бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ табдил ёбад. Бинобар ин,ояндабинии аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи бозори меҳнат ба монанди дастурамал ба масъулин бояд равона карда шавад. Тағйирёбии ҷойдоштаи талаботи касбӣ дар солҳои наздик муайян аст, вале бо сабаби он ки ба ин раванд низомии мураккаби омилҳои гуногун таъсири худро мерасонанд,ояндабинии дурусти он имконпазир нест.

Дар ҷамъбаст, метавон ба хулосае омад, ки раванди ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ аз захираҳои гуногуни қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмии муҳити институтсионалӣ иборат аст, ки бояд ба воқеият табдил дода шаванд. Дар баробари ин бояд омили таърихии роҳи пештараи тараққиёт ба назар гирифта шавад. Унсури муҳими ин равиш муайян кардани он захираҳои асосие мебошад, ки метавонанд ҷойҳои холиро пур кунанд ва ба ин васила ба фаъолияти динамикӣ, эволютсионии муассисаҳои гуногун ҳамчун як низом, ҳамчун организми ягона мусоидат кунанд. Чунин захираҳо ҳамеша вуҷуд доштанд ва байни муассисаҳои гуногун, махсусан байни он муассисаҳое, ки ҳадафҳои умумӣ доранд, робита вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, мо сифатҳои ҳадафнок ва дастрасӣ ба «сармояи инсониро» ҳамчун натиҷаи «манбаҳои тағйирот» бо дарназардошти ҳамкории мураккаби омилҳои инфиродӣ, корпоративӣ ва миллӣ дар рушди сармояи инсонӣ мешуморем.

Ҳамин тариқ, муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ як низоми мураккаби институтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ки шартҳои асосии ташаккул, рушд ва нигоҳдории хосиятҳо ва сифатҳои муҳимтарини шахсро муайян мекунанд. Ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ, ки

муҳити институтсионалии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳанд, институтҳои оила, маориф ва тандурустӣ нақши муҳим доранд. Дар равандҳои такрористеҳсолӣ ва рушди сармояи инсонӣ институти оила нақши махсус дорад. Тарбияи фарзандон, сармоягузорӣ ба маориф ва тандурустӣ, ташаккули сифатҳое, ки рақобатпазирии аъзои оиларо дар бозори меҳнат баланд мебардоранд, вазифаҳои асосии оила мебошанд, ки ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд.

Дар натиҷаи фаъолияти муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ шароити асосӣ барои нигоҳ доштани саломатии инсон фароҳам оварда мешавад. Муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, ташаккул додани сармояи инсонӣ шароит фароҳам меоранд, ки минбаъд ба афзоиши даромади қувваи корӣ мусоидат намуда рушди иқтисодӣ ва афзоиши некӯаҳволии кишварро дар маҷмӯъ таъмин менамояд. Вазъияти муҳити институтсионалӣ ва устувории институтҳои иҷтимоӣ ба тамоми хусусиятҳои сармояи инсонӣ таъсир расонида, имкониятҳои татбиқи самараноки онро муайян мекунанд.

Механизми ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар сатҳи миллӣ муносибати муназзамро бо назардошти ҳамкории ниҳодҳои гуногун талаб мекунад. Давлат нақши ҳамоҳангсози тамоми кӯшишҳои ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсониро дорад. Дар баробари ин хусусиятхои тараққиёти ҳозираро ба назар гирифтан лозим аст. Дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ, афзоиши ҷараёни муҳоҷират, баланд шудани нақши дониш, ҳамчун як меҳвари муҳимми табдили институтҳои куҳнаи бесамар мебошад.

**Хулосаи боби 1**

Ҳамин тавр, дар ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нақши асосиро таҳияи барномаҳо ҷиҳати таъмини ҷаззобияти сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ташкил медиҳанд. Баъзе аз мушкилоте, ки ҳанӯз дар давраҳои аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мавҷуд буданд, то имрӯз пурра ҳалли худро пайдо

накардаанд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи усулҳо ва роҳҳои ҳалли ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар мадди аввал меистад. Бояд иброз дошт, ки барои ба таври пурра ташаккул ёфтани муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нақши ниҳодҳои дахлдори давлатӣ муҳим мебошад.

Барои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ба назар гирифтани принсипҳои умумии илмӣ, ба монанди муназзамият, алоқамандии ҷузъҳои алоҳида, пайдарҳамӣ, шаффофият, таъмини ҳавасмандӣ, тавозуни зарфиятҳо, ангезаҳо, арзишҳо, хусусиятҳои маҳал, урф, одат, анъанаҳо ва амсоли он муҳим мебошад. Тамоюлҳои манфии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ бо мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ алоқамандӣ доранд.

Дар радифи нуктаҳои дар боло зикршуда оид ба ҷанбаҳои назариявии омӯзиши ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир, таваҷҷуҳи махсусро асосҳои методии тадқиқи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ ва механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ ва сармоягузорӣ ба он омили асосии татбиқу амалигардии сиёсати пешгирифтаи иқтисодию иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Худи сармояи инсонӣ бошад категорияи мураккаби иқтисодӣ буда, барои расидан ба ҳадафҳои олии стратегии рушди иқтисоди миллӣ замина мегузорад. Самаранокии равандҳои истеҳсолӣ бевосита аз сифати сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад. Инчунин, сармояи инсонии босифат сармоягузориро ба унсурҳои таркибии он, ба монанди тандурустӣ, маориф ва зудҳаракатӣ доимо тақозо мекунад.

Маълум мегардад, ки механизми сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ ташаккули муҳити ниҳодии самаранокро бо назардошти ҳамкории ниҳодҳои гуногун талаб мекунад. Албатта дар ин раванд, давлат барои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нақши ҳамоҳангсози тамоми ниҳодҳои институтсионалиро ба худ ихтисос медиҳад. Аммо, дар баробари ин хусусиятҳои хоси рушди имрӯзаро бо таваҷҷуҳ ба амиқтар шудани равандҳои ҳамгироӣ, афзоиши ҷараёни муҳоҷират, фирори мағзҳо, баланд шудани нақши дониш ҳамчун ячейкаи асосии гузариш ба модели институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ба инобат гирифтан зарур меояд.

Бояд қайд намуд, ки дар сохтори мақомотҳои идоракунандаи давлатӣ ташкили шуъбаҳои махсус оид ба ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ зарур мебошад, ки яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Таҷриба собит месозад, ки дар кишварҳои пешрафта тамоюлҳои возеҳи сиёсати мақсадноки ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ баръало мушоҳида мешаванд. Дар чунин ҳолат интихоби равиши институтсионалии баррасӣ ва тавзеҳи равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар бо назардошти тағйироти онҳо имкон медиҳад, ки механизмҳо ва омилҳои таъсиррасонии ба муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ва инкишофи ояндаи он ба пуррагӣ омӯхта шавад.

# БОБИ 2. ТАҲАВВУЛОТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ МУҲИТИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таълимӣ

Таҷрибаи аксари кишварҳо нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии рушди ниҳодӣ дар таъмин намудани ниҳоди институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ин муҳити ниҳодии самараноки таълимӣ мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, омӯзиши муҳити ниҳодии таълимӣ дар Тоҷикистон, вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди он дар пасманзари рушди сармояи инсонии миллӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии мутахассисони ватанӣ дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Солҳои охир, бахусус пас аз мусолиҳаи миллӣ ва ба эътидол омадани вазъи иқтисодию сиёсӣ дар кишвар, талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии босифати таълимӣ афзоиш ёфт. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки сатҳи баланди таҳсилоти кормандон бештар рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо масъулияти иҷтимоии соҳаи маорифро сарфи назар накарда, ҷанбаи тиҷоратии онро низ тақвият мебахшад. Дар робита ба ин, бояд ёдовар шуд, ки таҳсил дар кишвари мо аз лиҳози таърихӣ як навъ анъанаи фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба таҳсилро ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳар як шаҳрванд муайян кардааст. Умуман, дар зиёда аз 30 соли истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи ба хусусиятҳои миллӣ хоси рушди низоми маорифро ташккул додааст, ки метавон онро сиёсати рушди соҳаи маориф бо афзалият дода ба арзишҳои

иҷтимоӣ таъриф кард. Дар баробари ин ҷанбаҳои тиҷоратикунонии соҳаи маориф низ бошиддат эҳсос мешавад. Омӯзиши адабиёти мавҷуда[1] дар ин самт имкон дод, ки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф дар шакли зерин тасвир намоем (расми 2.1.1).




**Расми 2.1.1. – Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши барномаву консепсияҳои ислоҳоти соҳаи маориф

Айни ҳол аксари донишкадаю донишгоҳҳои кишвар бо дарназардошти ниёзи довталабон ба таври шартномавӣ (пулакӣ) хизматҳои таълимиро пешкаш мекунанд. Аммо омӯзиши тамоюлҳои рушди бозори хизматрасонии таълимӣ дар кишвар нишон медиҳад, ки довталабон ҳангоми интихоби ихтисос наметавонанд, ки талаботи касби интихобкардаашонро дар бозори меҳнат барои чанд соли оянда дақиқ

[1] Ниг.: Махмудов О.Р., Шарипов Б.Ф. Реформа сферы образования Республики Таджикистан в годы независимости // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. Худжанд, 2019. – № 1 (58). – С.121.; Ахмадзода З.К. Развитие сферы образования в Таджикистане в годы независимости // Государственное управление. Душанбе, 2020. – № 2 (46). – С.99. Шарифзода С.Ш., Куканов А.З. Рушди соҳаи маориф ҳамчун заминаи таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 4-1. – С.202.

муайян кунанд. Мутаассифона, корфармоён низ дар ин ҷо манфиатдоранд, ки талаботи имрӯзаи мутахассисони корхонаҳоро қонеъ гардонанд, на ин, ки талаботи ояндаи онҳоро.

Тадқиқотҳо исбот менамоянд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди муҳити институтсионалии низоми маориф пеш аз ҳама бо ташкили хизматрасониҳои таълимии пулакӣ алоқамандӣ дорад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва гузаштан аз низоми маъмурию фармонфармоӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ соҳаи маориф дар кишвари мо аз усули хизматрасонии ройгон қисман ба хизматрасониҳои пулакӣ гузашт. Дар даврони истиқлолият бошад муҳити институтсионалии низоми маориф бо таваҷҷуҳ ба ҳамин омил ташаккул ва инкишоф ёфт.

Муҳити институтсионалии низоми маориф дорои низоми мураккаб аст. Ташаккули муҳити институтсионалии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфта, ба се давраи ташаккул ва инкишоф шартан ҷудо мегардад.

Давраи якум солҳои 1990-2000-ро дар бар мегирад. Ин давраро метавон марҳилаи пайдоиш ва ташаккули низоми миллии маориф номид. Дар ин давра бо сабабҳои объективӣ коҳиши сармоягузориҳои буҷетӣ ба соҳаи маориф ва илм, пайдоиш ва тақсими хизматрасонии пулакӣ ба миён омад. Ба таври дигар ин давраро метавон давраи марҳилаи ислоҳоти ниҳодӣ дар низоми маорифи кишвар, ки ба иқтисоди бозоргонӣ нигаронида шудааст, номид.

Марҳилаи дуюм солҳои 2001-2010-ро дар бар мегирад. Ин давра таҳкими ниҳодии низоми миллии маориф маънидод мешавад. Маҳз дар ҳамин давра ислоҳоти таҳсилоти олӣ, гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот, таҳияи стандартҳои нави таълимӣ, қабули қонуну барномаҳои нав барои таҷдиди самти таҳсилоти олӣ оғоз гардид.

Марҳилаи сеюм бошад солҳои 2011-2020-ро дар бар мегирад. Дар ин давра ба эътидол овардани низоми миллии маориф, таъсиси Маркази миллии тестӣ, таъсисёбии филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии

хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи муттаҳидсозии муассисаҳои таълимӣ ва ғайра мушоҳида мегардад. Аз ҷониби довталабон ва мақомоти назорати давлатӣ талабот ба сифати таълим зиёд шуда, рақобат дар бозори миллии хизматрасониҳои таълимӣ пурзӯр гардид.

Заминаи дигари таҳкими муҳити институтсионалии низоми маориф ин таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ташаккули муҳити институтсионалии низоми маориф тавассути татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 27 декабри соли 1993 (таҳрири нав соли 2004), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ», инчунин зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррароти муассисаҳои таълимӣ сурат гирифтааст. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди маорифро барои давраи то соли 2015 қабул намуда буд, ки ба таҳкими муҳити институтсионалии низоми маориф такони ҷиддӣ бахшид.

Бояд қайд намуд, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз гардид, ки ин дигаргуниҳо барои мутобиқ намудан дар сохтори соҳаи маориф хеле мураккаб буд. Раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 90-уми асри XX тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ» ва дар асоси «Консепсияи маориф», фармону қарорҳои Вазорати маориф ва илми кишвар оғоз гардид.

Оғози марҳилаи аввали ташаккули муҳити институтсионалии низоми маориф аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дониста мешавад. Агар аз як тараф ислоҳоти соҳаи маориф бо ташаббуси хукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби гузаштан ба низоми иқтисоди бозоргонӣ асос шуда

бошад, аз тарафи дигар проблемаи мазкур дар доираҳои илмӣ хеле васеъ муҳокима карда мешуданд.

Мушкилоте, ки дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маорифи кишвар ба вуҷуд омадаанд, бештар ба нарасидани захираҳои молиявӣ, омӯзгорони соҳибхтисос, заминаи сусти моддию техникии донишгоҳҳо, нарасидани адабиёт ба забони давлатӣ, кӯҳна шудани низом ва методикаи таълим, услуби куҳнаи идоракунӣ ва кам шудани дастрасӣ ба таҳсил, ҷалби духтарон, бахусус аз деҳот ва минтақаҳои дурдасти кишвар ба шумор мерафтанд.

Ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули як қатор санадҳои ҳуқуқӣ асос ёфтааст, ки дар ҷадвали зерин оварда шудаанд (ҷадвали 2.1.1).

Илова ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикршуда, ислоҳоти низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар ҳамкорӣ бо ҳаракатҳои умумиҷаҳонии «Таҳсилот барои ҳама» ва «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола» асос ёфтааст.

Ислоҳоте, ки дар Тоҷикистон солҳои 1994 ва 2023 дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ анҷом дода шуда буд, ба ташаккули муҳити институтсионалии низоми маориф, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва ҳалли мушкилоти бунёди давлати демократӣ ва дунявӣ нигаронида шудааст. Ислоҳоти мазкур ба такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва наздик шудани стандартҳои миллии таълимӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуд. Сарфи назар аз сатҳи пасти рушди иқтисодӣ дар байни кишварҳои минтақа, дар даҳсолаи охир муҳити институтсионалии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан мустаҳкам мешавад. Ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ шарти муайянкунандаи таҳкими сармояи инсонӣ бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи иқтисодӣ мебошад.

**Ҷадвали 2.1.1. – Асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Фарогирии ислоҳот |
|---|---|
| Консепсияи маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002) | Дурнамои сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян намуда, тамоюлҳои инкишофи ин низомро танзим менамояд. Қисмҳои таркибии мазмуни ин ҳуҷҷат ҷой, ҳадаф ва вазифаҳои маорифро дар давраи нави таърихӣ муайян мекунанд. Консепсия тақозо менамояд, ки барномаҳои гуногуни давлатии рушди соҳаи маориф бо иштироки тамоми вазорату кумитаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, байналмилалӣ ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ таҳия, тасдиқ ва амалӣ карда шаванд. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2002, № 502 «Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007» | Ҷудо намудани маблағҳои молиявиро барои таъсиси синфҳои компютерӣ ва бо компютерҳои нави замонавӣ таъмин намудани онҳо, тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон аз фанҳои информатика ва технологияи компютерӣ, тавассути таҳия ва нашри барномаҳои нави таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимии компютерӣ пешбинӣ менамояд. |
| Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002) | Маориф ҳамчун бахши муҳимми ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ баррасӣ мешавад. Пешравӣ дар соҳаи маориф ҳамчун самти муҳими такмили идоракунӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, инчунин рушди неруи инсонии кишвар арзёбӣ мешавад. Дар назар дошта шудааст, ки маҷмуи тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани инкишофи маблағгузории давлатии соҳаи маориф, зиёд кардани маблағгузории давлатӣ ва беҳтар намудани таъминоти методӣ ва кадрии низоми маориф нигаронида шудаанд. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, № 291 «Дар бораи нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009». | Ислоҳоти сарбории таълимии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ислоҳоти васеи низоми маориф барои солҳои 2004-2009, тағйирот дар нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти кам кардани соатҳои дарсӣ, коҳиш додани шумораи умумии коркунони маориф ба 5 фоиз. |

| | |
|---|---|
| | **идомаи ҷадвали 2.1.1.** |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017 № 443 «Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022». | Амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки амалишавии он барои ҳалли вазифаҳои муҳимиислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544 « Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020». | Мақсади Барнома аз таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳо бо ҳама таҷҳизоти зарурӣ, беҳбудӣ бахшидан ба ҷараёни омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 № 254 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015». | Таъмини шароит барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти шаҳрвандон, ҷомеа ва бозори меҳнат ба таҳсилоти босифат бо роҳи таъсиси механизмҳои нави институтсионалии танзим дар соҳаи маориф. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №316 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025». | Қонеъгардонии эҳтиёҷоти шаҳрвандон барои дастрасии таҳсилоти томактабӣ, фароҳам овардани шароит барои таъмини хизматрасонии амалию самарабахш дар муассисаҳои томактабӣ, баробарии шароити гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдак аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва расонидани кӯмаки машваратӣ ва методӣ ба оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томактабиро тарбия мекунанд. |
| Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 «Дар бораи стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020». | Фароҳам овардани шароит барои таъмини хизматрасонии амалию самарабахши маориф ва дастрас будани таҳсилоти дахлдори босифат барои ҳама ва ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидани он. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018, №5, мод. 278). | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 навсозӣ ва таҷдиди сохтори соҳаи маориф ҳадафи афзалиятноки таъмини дастрасии шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат муайян карда шуда буд. Татбиқи ин санади муҳим дар давраи душвори буҳронҳои иқтсодӣ ва норасоии шадиди молиявӣ қадами мустаҳкаме дар самти ташаккули муҳити институтсионалии низоми маориф гардид.

Дар робита ба таҳсилоти олӣ ва касбӣ, стратегияи мазкур ба такмили мазмуни мавҷудаи таҳсилоти олӣ ва олии махсус бо таваҷҷуҳ ба рушди малакаҳои касбӣ бо мақсади бештар қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ва рушди иқтидори Тоҷикистон равона шуда буд. Инчунин стратегияи номбурда бо дарназардошти салоҳият ва иштироки фаъолонаи корфармоён ислоҳоти стандартҳои таълимӣ ва ба ин васила такмил додани нақшаву барномаҳои таълимӣ заминаи худро гузошт.

Самти дигари ислоҳоти институтсионалии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳшавӣ ба Эъломияи Болония буд. Тоҷикистон саъй намуд, ки ба Минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ, ки моҳи марти соли 2010 таъсис ёфтааст, бо мақсади муайян кардани самтҳои фаъолияти муштарак дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар Аврупо ва таъмини эҷоди низомҳои муқоисашаванда, мувофиқ ва ҳамоҳангшуда бо ҳамдигар бошад. Аммо сарфи назар аз ислоҳоти дар солҳои аввали истиқлолият анҷомёфта, дар даҳсолаҳои охири садаи бистум бинобар мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар шумораи донишҷӯён андаке коҳиш ёфт. Шумораи онҳо танҳо пас аз соли 2000 босуръат афзоиш ёфт. Вале, баъд аз соли 2018 тамоюли коҳиши шумораи довталабон мушоҳида мешавад.

Сохтори муҳити институтсионалии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз донишгоҳҳо, академияҳо ва донишкадаҳо иборат аст. Айни ҳол, таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сохтори ниҳодии зерин иборат мебошад (ҷадвали 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2. – Сохтори ниҳодии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯйи муассисаҳо | Самти фаъолият | Омоданамоии мутахассисон |
|---|---|---|
| Донишгоҳҳо | Барои гирифтани маълумоти олӣ аз рӯйи доираи васеи ихтисосҳо ва гузарондани тадқиқоти фундаменталию амалӣ имконият фароҳам меоваранд. | Бакалавр, магистр ва мутахассис |
| Академияҳо | Ба шумораи маҳдуди соҳаҳое, ки дар онҳо барномаҳои таълимӣ пешниҳод мекунанд ва тадқиқот мегузаронанд, тамаркуз кардаанд. | Бакалавр, магистр ва мутахассис |
| Донишкадаҳо | Дар як ё якчанд соҳа таълим медиҳанд. | Бакалавр, магистр ва мутахассис |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқие, ки муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» мебошад. Қонуни мазкур танзими касбии хидматрасониро аз идоракунии соҳавӣ ва идоракунии муассисаҳои олии таълимӣ то сатҳи амалиётӣ фаро мегирад. Камбудии асосии ин қонун, ба назари мо, ба он вобаста аст, ки мустақилият ва масъулияти донишгоҳҳо то ҳадди ақал маҳдуд гардидааст.

Санади дигари ҳуқуқие, ки низоми маорифро танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Қонуни мазкур ҳадафҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, аз ҷумла мустақилият, баробарҳуқуқӣ, низоми таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ҳуқуқ ва дастрасӣ ба таҳсилоти олиро ба танзим медарорад. Қонуни зикргардида чаҳор самти асосии идоракунии таҳсилоти олиро дар бар мегирад:

– муайян кардани истилоҳот дар мактабҳои олӣ;

– ҷанбаҳои таълимӣ ва тадқиқот, аз ҷумла таҳияи стандартҳо, нақшаҳои таълимӣ, намудҳои барномаҳо ва ғ.;

– идоракунии таҳсилоти олӣ;

– иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсия.

Бояд гуфт, ки санади меъёрии ҳуқуқии мавҷуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки бахши хусусиро барои таълим иҷозат намедиҳад. Қоидаҳои ҷории андозбандӣ бори умдаи таъминкунандагони хизматрасонии хусусии таълимӣ мебошад.

Роҳбарии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон дар се зина: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои олимони донишгоҳ амалӣ карда мешавад. Ваколатҳои ҳар як мақоми роҳбарикунанда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ» баён карда шудаанд. Баръакси муассисаҳои таълимии давлатӣ, донишгоҳҳои хусусиро муассисонашон ё аз номи муассис Шурои парасторон идора мекунанд. Мақоми олии танзимкунандаи соҳаи маориф Ҳукумат мебошад. Он дар соҳаи қабул ва тасдиқи қонунҳо ва стандартҳои гуногун дар низоми маориф ҳуқуқҳои васеъ дорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳукуматро дар соҳаи таҳсилоти олӣ татбиқ намуда, ҳуҷҷатҳои муҳимро оид ба назорати бозори хизматрасонии таълимӣ таҳия менамояд. Вазорат дар соҳаи танзими бозори хизматрасонии таълимӣ дорои доираи хеле васеи масъулиятҳо мебошад.

Сатҳи сеюми танзими институсионалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби Шурои олимони донишгоҳ (донишкада) амалӣ карда мешавад. Шурои олимон иҷрои дастуру қарорҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Тибқи қарори Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ Шурои олимон мақоми асосии роҳбарикунанда ва қабули қарорҳои донишгоҳу донишкадаҳо буда, вазифаи маъмуриятро ҳамчун мақоми иҷроия иҷро мекунад. Аммо интихоби ҳайат ва сохтори Шурои илмӣ на ҳамеша шаффоф буда, қисми

асосии аъзоёни Шуро дар донишгоҳ вазифаҳои расмиро ишғол менамоянд ва мустақилияти онҳо дар қабули қарорҳои роҳбарӣ маҳдуд аст. Аксарияти қарорҳо аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ қабул карда мешаванд.

Новобаста аз он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ» мустақилияти донишгоҳҳоро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, молиявӣ ва кадрӣ кафолат медиҳад, вале мустақилият маҳдуд аст. Азбаски ҳукумат стандартҳои давлатиро барои барномаҳои таълимии муассисаҳои олии касбӣ муқаррар мекунад, онҳо бояд 85% барномаи таълимии зарурииро риоя кунанд. Вазорати маориф ва илм бояд ҳама гуна тағйиротеро, ки ба нақшаи таълимӣ ворид карда мешаванд, пеш аз татбиқи он тасдиқ кунад.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва бо роҳи худмаблағгузор гардидани муассисаҳои олии кишвар дар бозори хизматрасонии маориф хароҷоти давлат барои соҳаи маориф кам мегардад. Агар соли 1990 хароҷоти давлат ба маориф 3,8 фоизи ММД-ро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 1999 ба дараҷаи 2,2 фоизи ММД фуромадааст. Аз тарафи дигар кам кардани мабалғгузорӣ ба соҳаи маориф барои қонеъ гардонидани табақаҳои аҳолие, ки барои таълими фарзандони худ маблағгузорӣ карда наметавонистанд мушкилиҳоро ба миён овард. Бо дарназардошти тамоюлҳои дар ҷаҳон ҷойдошта ва аҳаммияти низоми маориф дар кишвар аз соли 2000-ум хароҷоти давлатӣ барои маориф афзоиш ёфта, ба баъзе стандартҳои пешрафтаи ҷаҳон наздик шуда истодаанд.

Аммо, сарфи назар аз афзоиши мусбат, бояд қайд кард, ки давлат ба маблағгузории соҳаи маориф ҳоло ҳам диққати зарурӣ намедиҳад. Ҳамин тариқ, агар мо таҳлили муқоисавии хароҷоти давлатро ба соҳаи маориф гузаронем, мебинем, ки сохтори имрӯзаи иқтисодиёти кишвар ба талаботи муосири кишвари рушдёбанда ҳанӯз ҷавобгӯ нест. Сохтори иқтисоди кишварҳои мутараққӣ хеле фарқ мекунад, ки дар он ҷо ҳиссаи маблағгузорӣ ба соҳаҳои маориф ва илм зиёд аст. Чунин далел ҷолиби

диққат аст, ки дар мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) ҳиссаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф 12,7 фоизи хароҷоти умумиро ташкил медиҳад. Аммо аз рӯйи ин нишондод кишварҳои СҲИР низ аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд: маслан дар ҷумҳуриҳои Чехия, Олмон, Люксембург, Словакия хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф аз 10,0 фоиз, дар Мексика 24,0 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.3. – Тағйирёбии (динамика)-и хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2022 (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф млн. сомонӣ | Бо ҳисоби % | |
|---|---|---|---|
| | | ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ |
| 2010 | 989,9 | 4,0 | 14,7 |
| 2011 | 1443,1 | 4,8 | 16,9 |
| 2012 | 1540,6 | 4,3 | 16,9 |
| 2013 | 2111,6 | 5,2 | 18,2 |
| 2014 | 2353,9 | 5,2 | 17,8 |
| 2015 | 2539,3 | 5,2 | 15,7 |
| 2016 | 3093,7 | 5,8 | 16,7 |
| 2017 | 3572,6 | 5,5 | 16,0 |
| 2018 | 3702,6 | 5,2 | 15,3 |
| 2019 | 4338,6 | 5,5 | 18,2 |
| 2020 | 4311,4 | 5,2 | 17,4 |
| 2021 | 5259,9 | 5,2 | 17,9 |
| 2022 | 6379,8 | 5,5 | 18,3 |
| **2022 нисбат ба соли 2010 (+/-)** | **+5389,9** | **+1,5** | **+3,6** |

**Сарчашма:** Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С.9.

Аз маълумотҳои омории ҷадвали 2.1.3 маълум мегардад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ сол аз сол зиёд гардида истодааст. Маълум мегардад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи кишвар соли 2022 6379,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2010 5389,9 млн. сомонӣ зиёд гардида, 5,5%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва 18,3%-и буҷети давлатиро ташкил менамояд.

Аз маълумотҳои оморӣ маълум мегардад, ки 73,0% аз хароҷоти умумии соҳаи маориф ба хароҷоти кормандон рост меояд, вале дараҷаи маоши омӯзгорон ҳанӯз ҳам паст мебошад. Барои бунёди инфрасохтори зарурӣ ва омода кардани омӯзгорон маблағи кам сарф мешавад. Ҳиссаи бештар – 77,0 фоизи хароҷоти умумӣ барои таълими асосӣ ва миёна сарф мешавад. Илова бар ин, бояд гуфт, ки ҳарчанд маоши омӯзгорон то ҳол нокифоя аст, вале қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ ба ҳайати кадрии кормандон равона мегардад.

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифро дар панҷ соли охир дар расми зер низ дидан мумкин аст (расми 2.1.2).




**Расми 2.1.2. – Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф.**

(бо фоиз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ)

**Сарчашма:** Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С.10.

Аз маълумотҳои расми мазкур маълум мегардад,ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф дар панҷ соли охир рӯ ба афзоиш ёфта дар соли 2022 5,55 %-ро ташкил менамояд.

Муҳити институтсионалии рушди соҳаи морифро бояд дар сохтори ташкилии донишгоҳҳо низ пайгирӣ намуд. Аксарияти донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз сохтори классикии идоракунии донишгоҳро нигоҳ дошта омадаанд. Чунончӣ, сохтори идоракунии яке аз донишгоҳҳои бонуфузи кишвар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар расми 2.1.3 оварда шудааст.

Сохтори мазкурро ба гурӯҳи сохторҳои иерархӣ (зинавӣ, бюрократӣ) дохил кардан мумкин мебошад, ки дар адабиёти иқтисодӣ як қатор ҷанбаҳои мусбат ва манфии он ҷудо карда мешавад. Чунончӣ, ба ҷанбаҳои мусбати сохтори мазкур интизоми қатъӣ, сари вақт иҷро шудани супоришҳо, ҳуҷҷатгузории саривақтӣ ва мушаххас, коҳиши хароҷотҳои маъмурӣ ва амсоли онро мушоҳида намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи ҷанбаҳои манфӣ бошад инҳо мансуб мебошанд:

– ба тағйиротҳои муҳити берунӣ вокуниши фаврӣ карда намешавад;
– мушкилоти дохилӣ бо суръати хеле кам ҳаллу фасл мешаванд;
– робитаи уфуқӣ байни сохторҳои донишгоҳ заиф мебошад;
– инкишофи равандҳои инноватсионӣ бо мушкилӣ пеш мераванд;
– иштироки васеи кормандони донишгоҳро ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин намуда наметавонад ва ғ.

Барои таъмини фаъолияти босамари низоми маориф мутахассисони соҳибихтисос зарур мебошанд. Низоми дурусти идоракунӣ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ, гузаронидани тадқиқоти муосири илмию методӣ ва идоракунии низоми маориф муҳим мебошад.

Рушди минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ, афзоиши рақобат байни унсурҳои алоҳидаи низоми маориф, зарурати омӯзиши вазъи соҳа, арзёбӣ ва истифодабарии истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимиро бо таваҷҷуҳ ба ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тақозо менамояд.




**Расми 2.1.3. – Сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба андешаи мо, самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити дигаргунсозии низоми таҳсилоти олӣ бояд ҷавобгуйи талаботҳои зерин бошад (расми 2.1.4).




**Расми 2.1.4. – Унсурҳои рушди сармояи инсонӣ ҳангоми гузариш ба модели инноватсионӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба назари мо, аз нигоҳи таъсири муҳити инстиутсионалие, ки дар доираи таҳсилоти олӣ ба вуҷуд омадааст, ба рушди сармояи инсонии кормандон ва муҳассилини донишгоҳ ба нуктаҳои заифи он метавон инҳоро мансуб донист:

– сохтори мазкур ба сатҳи ҳавасмандии кормандон ҷиҳати такмили дониш ва маҳоратҳои касбиашон таъсири мустақим ва самаранок расонида наметавонад. Зеро кормандони касбӣ (омӯзгорон) асосан дар факултетҳо фаъолият мекунанд, ки иштирокашон дар фаъолияти идоракунии донишгоҳ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳо ба назар гирифта намешавад;

– дар сохтори мазкур нақши илм (сохторҳои марбут ба фаъолияти илмӣ) хеле камранг ба назар гирифта шудааст. Сохторҳое, ки ба муовини ректор оид ба масоили илмӣ тобеъ мебошанд, ҳамагӣ ба идоракунии фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ муваззаф шудаанд, дар ҳоле ки ин бахш бояд идоракунии равандҳои таълимиро низ ба худ ихтисос диҳад. Айни ҳол дар аксари донишгоҳҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ муовини аввали ректор – муовин оид ба корҳои илмӣ ва инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлил нишон дод, ки сохтори мазкур ҳанӯз дар замони шуравӣ руйи кор омада хусусиятҳо ва талаботҳои ҳамон давраро таҷассум менамояд. Ин сохтор бештар характери директивӣ дошта тавассути дастгоҳи ягонаи идоракунӣ ва қарорқабулнамоӣ амал мекунад. Вобаста ба фаъолияти ташкилӣ ҷанбаҳои мусбати сохтори мазкурро метавон чунин тавсиф намуд:

– робитаи қавии сохтори идоракунӣ (ректор, ноибони ректор, шуъба муҳосибот ва шуъбаи кадрҳо) бо факултетҳо, кафедраҳо ва институтҳои тадқиқотӣ;

– тартиби муназзами ҳуҷҷатгузорӣ аз боло ба поён ва аз поён ба боло;

– интизоми қавӣ дар ҷанбаҳои иҷроиши фармоишоти зинаҳои сохторҳои боло аз тарафи зинаҳои поёнии идоракунӣ;

– тартиби содакардашудаи пардохти хизматрасониҳо, маоши кормандон, идрорпулӣ ва ғ.

– интихоби кадрҳо ба вазифаҳои болоӣ дар асоси озмун аз як зина ба зинаи дигар;

– меъёрҳои содакардашудаи баҳогузории касбӣ ва хизматӣ, унвонҳо, ифтихорномаҳо ва амсоли он.

Аммо ба камбудиҳои сохтори мазкур, ба андешаи мо, метавон инҳоро мансуб донист:

– набудани шаффофияти комил дар қабули қарорҳо, усулҳои иҷроиш ва пешбурди муҳосиботи молиявӣ;

– сатҳи баланди бюрократия дар сохтори идоракунӣ;

– алоқамандии нокифояи сохтори илмӣ бо сохторҳои дигари донишгоҳ;

– низоми ғайрисамараноки назорат ва танзими қарорҳои қабулшуда, назорати таълим ва ошкор намудани камбудиҳо;

– кифоя набудани алоқаи баръакс аз зинаи поёнӣ то зинаи болоии донишгоҳ;

– мустақилияти нисбии донишгоҳ дар қабули қарорҳои рушди стратегӣ;

– набудани сохтори мустақил ва самараноки хадамоти маркетингӣ;

– то ҳол ниҳоди нашудани фарҳанги арзишофарӣ дар донишгоҳ бо таваҷҷуҳ ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

– низоми ғайрисамараноки баҳогузории фаъолияти кормандон, қадршиносӣ, муҳосиботи маош бо таваҷҷуҳ ба хадамоти корӣ ва амсоли он.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҷамъбасти таҳлили институтсионалии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон қайд кард, ки сохтори институтсионалии он аз субъектҳое, ки бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд ташаккул ёфта, тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои рушд идора карда мешавад. Муҳимтарин масъалаи ҳалталаби рушди устувори соҳаи маориф, ба андешаи мо, таҳкими алоқамандии институтсионалии унсурҳои низоми мазкур ба шумор меравад. Айни ҳол тавозуни арзишҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботҳои низоми маориф ҳар яке дар самти пайгирӣ аз манфиатҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Ҳамбастагӣ, ҳамоҳангӣ, алоқамандии функсионалӣ унсурҳои алоҳидаи низоми маориф ба таври кофӣ таъмин нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои муҳимми расидан ба рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ин таъмини муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар

шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар шароити муосир барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимиро ба роҳ мондан зарур аст. Аз ин рӯ, масъалаи таҳлили ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ ба миён меояд.

## 2.2. Ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ

Рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва баланд бардоштани нақши он дар ҷомеа тавассути баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ бештар аз динамикаи ҳамгироии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат, инчунин такмили механизми ҳамкории байни ин бозорҳо вобаста аст. Фаъолияти ин бозорҳо дар низоми иқтисодиёти кишвар бидуни ҳамоҳангсозии манфиатҳои субъектҳои ин бозорҳо ва рафъи тафовути манфиатҳои онҳо имконнопазир аст. Мақсади асосии ҳамкории бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат, ки дорои хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ мебошанд, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон, дар амал татбиқ намудани хизматрасонии босифати таълимӣ ва баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ тавассути гирифтани сатҳи мувофиқи даромад ба ҳисоб меравад.

Таъсири иҷтимоии робитаи мутақобилан судманди ин бозорҳо бо таваҷҷуҳ ба гирифтани фоида аз хизматҳои таълимӣ на танҳо барои як шахси мушаххас, балки барои тамоми ҷомеа хеле назаррас аст. Аммо, таъмини ҳамкории самарабахши ин бозорҳо бидуни таҳия ва такмили механизми мувофиқати фаъолияти тарафайни ҳарду бозор ва рафъи номутобиқатии онҳо ғайриимкон аст.

Аз ҷониби олимон қайд мегардад, ки «механизми таъсири мутақобилаи бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ ин

маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои алоқа дар раванди мутобиқсозии амали субъектҳои ҳар як бозор ба талабот ва шароити фаъолияти бозори дигар мебошад»[1].

Барои ошкор намудани мазмуни механизми таъсири мутақобилаи бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ, пеш аз ҳама, номутобиқатии мавҷударо дар ин бозорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кардан лозим аст. Таҳлили талаботи хатмкунандагони мактабҳои олӣ дар зербобҳои қаблӣ нишон дод, ки дар донишу малакаи азхудкардаи бозори хизматрасонии таълимӣ ҳоло ҳам камбудиҳо ҷой доранд. Новобаста аз он ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ иқтидори хуб дорад, дар айни замон мутаассифона ин иқтидор ба таври кофӣ истифода намешавад. Бинобар сабаби набудани малакаи навовариҳои мувофиқ, тамоюли паст доштани рушди техника ва технологияи инноватсионӣ ва ҳосилнокии пасти меҳнат сифати хизматрасониҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нест.

Дар натиҷаи таҳқиқот дар зербобҳои гузашта номутавозунии ҷиддӣ байни бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ муайян карда шудаанд. Ин номувофиқатиҳо асосан дар манфиатҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, намояндагони доираҳои тиҷоратӣ, донишҷӯён ва сармоягузорони онҳо зуҳур мекунанд, ки барои бартараф намудани онҳо механизми ҳамкории донишгоҳ ва корхонаро таҳия кардан зарур аст. Дар чунин шароит дар ҷараёни истеҳсолот ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарини илм ва навоварӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос муҳим мебошад. Ҳамкории мутақобила иштироки фаъолонаи намояндагони бозори меҳнатро ҳамчун коршиносони соҳа дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ талаб мекунад.

---

[1] Филиппова Д.Г. Механизм взаимодействия рынка труда и рынка образовательных услуг // Современная экономика: проблемы и решения. – СПб, 2010. – № 12(12). – С.29.

Барои ҷалби намояндагони бозори меҳнат ба шакл ва усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, бояд низоми ҳамкории донишгоҳ бо корхонаю ташкилотҳои соҳавӣ бо бастани шартномаҳои дарозмуддат муайян карда шавад. Ин усул барои беҳтар намудани шароити меҳнат мусоидат карда, малака ва маҳорати амалии таҳсилкунандагонро зиёд менамояд. Муассисаҳои олии касбӣ бояд бо ширкатҳои пешқадами соҳавӣ муносибатҳои қавӣ ва шаффоф барқарор намоянд. Чунин муносибат бояд дар асоси шартнома асос ёбад ва масъулияту вазифаҳои ҳар як тарафро дар ин раванд муайян кунад. Шакли умумии ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхона дар расми зерин нишон дода шудааст.




**Расми 2.2.1. – Нақшаи ҳамкории мутақобилаи байни муассисаи олии касбӣ ва корхона**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муносибати мутақобила дар асоси шартномаҳо ба ширкатҳои соҳавӣ имконият медиҳад, ки бевосита дар раванди таълим ширкат варзанд, шароити баргузории таҷрибаомӯзии истеҳсолиро дар корхонаҳо муҳайё намоянд ва барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагон дар оянда заминаи мусоидро фароҳам созанд. Ҳар як тараф аз чунин муноси-

батҳо бартарии назаррасро ба даст меорад. Масалан, муассисаҳои олии касбӣ бо ҷалби намояндагони бозори меҳнат имконият доранд, ки алоқамандии илмро бо истеҳсолот пурзӯр намуда, натиҷаҳои тадқиқоти назариявиро дар амал татбиқ намоянд. Дар навбати худ намояндагони бозори меҳнат бошанд, аз ҷараёни таълим ва таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯёну аспирантон аз наздик шинос гардида, метавонанд номзадҳои умедбахшро пас аз хатми донишгоҳ барои фаъолият намудан интихоб кунанд.

Таълими амалии донишҷӯёну аспирантҳо бо шиносоии воқеӣ дар сатҳи корхона ба сиёсати шуғли аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, иқтидори ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо бозори меҳнат дар баланд бардоштани малакаи донишҷӯён ва сифати ҷойҳои корӣ хеле назаррас мегардад.

Ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо корфармоёну корхонаҳо ҳангоми чолишҳои глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, пиршавии аҳолӣ дар баъзе аз кишварҳо ва камшавии аҳолӣ дар кишварҳои дигар, терроризм, ифротгароӣ, ки аз ҷониби як давлат ё соҳибкор дар танҳоӣ ҳал карда намешавад, зарур мебошад. Бинобар, ин муносибати байнисоҳавӣ ва якҷояро талаб мекунад. Ҳамаи ин аз муассисаҳои олии касбӣ талаб мекунад, ки бо соҳибкорон алоқаи мустаҳкам барқарор намуда, онҳоро барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ҷалб намоянд. Барои боз ҳам зичтар барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ корхонаҳои шарикӣ ташкил намоянд, то ин, ки ба инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаракати намояндагони тиҷорат ва ҷамъиятҳои илмӣ мусоидат кунад.

Дар таҷриба, бисёре аз донишгоҳҳо ва корхонаҳо арзиши ин ҳамкориро эътироф карданд. Бахусус ба воситаи чунин ҳамкориҳо исбот карда шудааст, ки чӣ гуна метавонанд ҷалби донишҷӯёнро ба донишгоҳҳо тақвият бахшанд, таҷрибаи таълимии донишҷӯёнро беҳтар созанд ва таъмини неруи кории босифатро барои ширкатҳо таъмин кунанд. Баъзе аз ширкатҳо ва донишгоҳҳо инчунин манфиатҳои васеъро эътироф мекунанд, ки ин ҳамкорӣ метавонад дар шакли сатҳи баландтари

инноватсия, баланд бардоштани тахассуси коргарон ва нигоҳ доштани кормандони мавҷуда оварда расонад.

Ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои донишгоҳҳо ва корхонаҳо аз нуқтаи назари мо бояд пешниҳоди қувваи кории босифат, афзоиши шуғл, мубодилаи дониш, рушди инноватсия, малакаҳои соҳибкорӣ, муносибатҳои корпоративӣ, рушди таҷрибаи педагогӣ ва ғайра бошанд.

Манфиатҳои иқтидори ҳамкории донишгоҳ ва бозори меҳнат шаклҳои гуногун доранд. Баъзан вақт чунин ҳамкорӣ хусусияти сифатӣ дорад, масалан, баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯён. Ин манфиатҳо ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар давраи дарозмуддат амалӣ карда мешаванд. Масалан, донишҷӯ метавонад дарҳол пас аз хатми донишгоҳ ё дар ҷараёни он ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб шуда фоидаи муайян гирад. Инчунин фоидаро дар натиҷаи татбиқи малакаҳои соҳибкорӣ ва оғози фаъолияти навоварӣ ба даст оварданаш мумкин аст. Ин фоида метавонад ҳам мустақим ва ҳам ғайримустақим бошад, ба монанди арзиши шартномаҳое, ки ба лоиҳаҳои эҳтимолии тадқиқотии оянда дода мешаванд.

Барои ташаккули механизми самарабахши ҳамкории донишгоҳҳо ва корхона, истифодаи самараноки захираҳои таълимӣ, кадрҳои баландихтисос, инчунин усулҳои ҳамкории онҳо зарур аст. Ин механизмро дар шакли зерин пешкаш кардан мумкин аст.

Ҳангоми татбиқи механизми ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо ба ҷанбаҳои зерин диққат додан лозим аст:

- Муносибати мутақобила дар соҳаи таълиму тарбия бояд ба баланд бардоштани таъмини бозори меҳнат бо қувваи корӣ нигаронида шавад;
- Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути ҷалби омӯзгорони донишгоҳҳо ва баланд бардоштани малакаи соҳибкорон;
- Мусоидат ба табодули дониш, ки ба пешбурди маҳсулоти раванди инноватсионӣ ё усулҳои нави таълим нигаронида шудааст.

Дурнамои ҳамкориҳои муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд. Аммо, ба назари мо, муҳимтар аз ҳама ҳамкорӣ дар соҳаи пажуҳиш ва таҳқиқот, ҳавасмандии донишҷӯён ва омӯзгорон, тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳия ва баланд бардоштани сифати барномаҳои таълимӣ, таҳсилоти доимӣ, рушди соҳибкорӣ ва ғайра мебошад (расми 2.2.2).




**Расми 2.2.2. – Ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳоло ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо корхонаҳо танҳо бо роҳи баргузории таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва пешниҳод намудани қувваи корӣ пас аз хатми муассисаҳои олии касбӣ маҳдуд мегардад. Зарур аст, ки доираи ин гуна ҳамкорӣ, аз ҷумла ҳамкорӣ дар соҳаи навоварӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ васеъ карда шавад. Чунин ҳамкорӣ метавонад байни донишгоҳҳо ва ширкатҳои алоҳида, байни донишгоҳ ва чанд ширкат ё байни ширкатҳои ҷудогона ва якчанд донишгоҳҳо сурат гирад.

Мушкилоти асосӣ дар ин ҷо нобаробар тақсим кардани фоидаи чунин ҳамкорӣ байни донишҷӯён, муассисаҳои олии касбӣ ва корфармоён мебошад. Ба ғайр аз ин, вобаста ба муносибатҳои байни манфиатҳои аз ин ҳамкорӣ ба даст овардашуда ва тақсимоти натиҷаҳои моддию ғайримоддии ин гуна ҳамкорӣ проблемаҳои дигар низ вуҷуд дошта метавонанд.

Агар фоидаи муассисаҳои олии касбӣ дар зиёд шудани шумори довталабон ба донишгох бошад, пас барои донишҷӯён фоида дар ташаккули малакаҳои таҷрибавӣ мебошад. Намояндагони доираҳои соҳибкорӣ дар ин раванд метавонанд ба натиҷаҳои тадкиқоти илмӣ дар бахши маркетинг дастрасӣ дошта бошанд. Инчунин соҳибкорон барои пешниҳоди молу хизматҳои худ ё ояндабинии тамоюли бозорҳо тавассути таъсиси марказҳои муштараки маркетингӣ ё дигар марказҳои тадкиқотии муассисаҳои олии касбӣ маълумоти заруриро ба даст оранд.

Ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо метавонанд дараҷаҳои гуногун дошта бошанд. Аксар вакт худи ширкатҳо сатҳи чунин ҳамкорӣ ва механизми татбиқи онро муайян мекунанд, ки метавонанд расмӣ ё стратегӣ бошанд. Дар расми 2.2.3 марҳилаҳои рушди ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо нишон дода шудааст, ки 5 сатҳро дар бар мегиранд.

Чи тавре ки аз расми мазкур бармеояд марҳилаҳои инкишофи ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо аз давраи расмисозии ҳамкорӣ то ташаккули шарикони стратегӣ оғоз мешавад.

Зарурати рушди ҳамкориҳои байни муассисаҳои олии касбӣ ва соҳибкорон низ аз Барномаи Лиссабон бармеояд, ки ба шарофати он бисёре аз кишварҳои аврупоӣ аллакай низоми таҳсилоти олии худро таҷдид намуда, ба ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва соҳибкорони истеҳсолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз нуқтаи назари мо таҷрибаи беҳтарини ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва соҳибкорон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани низоми дутарафаи таҳсилот мебошад, ки ба воситаи он донишҷӯён ҳам таҳсил ва ҳам кор мекунанд.




**Расми 2.2.3. – Марҳилаҳои инкишофи ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар ин маврид донишҳои азхудкардаи назариявиро бо амалия пайваст намуда, мутахассиси касбӣ мегардад. Чунин шакли низом аллакай дар аксари кишварҳои пешрафтаи Аврупо, аз ҷумла дар Олмон, самаранок татбиқ гардида истодааст. Ҷорӣ намудани чунин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати хизматрасониҳои таълимиро ба таври назаррас беҳтар мекунад. Чунки низоми тағйирпазири мавҷудаи таълим ва рушди он имкон медиҳад, ки доираи васеи касбҳое, ки ба талаботи таҳсилот ҷавобгӯй мебошанд, пешниҳод гарданд.

Таҷрибаи дигари муваффаққияти ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва соҳибкорон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ин таъсиси марказҳои инноватсионии соҳибкорӣ мебошад, ки фаъолияти босамари онҳо ба ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионии хурду миёна мусоидат менамояд. Ҳадафи

асосии таъсиси чунин марказҳо ин саҳм гузоштан ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо тавассути хизматрасониҳои дастгирии соҳибкорон ба шумор меравад. Дар баробари ин, ҷиҳати амалӣ намудани ғояҳои инноватсионии соҳибкорон, инчунин хизматрасонӣ ба соҳибкорони хурду миёна дар бахши тиҷорат зарур мебошад.

Чунин марказҳо бо муассисаҳои олии касбӣ ҳамкории зич дошта, ҳамчун пуле байни донишгоҳҳо ва доираҳои соҳибкорон амал мекунанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ айни ҳол дар кишварҳои Аврупо зиёда аз 150 марказҳои инноватсионии соҳибкорӣ мавҷуданд. Дар марҳилаи аввал фаъолияти чунин марказҳоро бояд ба таълимдиҳӣ, омодасозии мутахассисони касбӣ, тарбияи соҳибкорон ва дастгирии малакаҳои соҳибкории онҳо равона гардад. Пас аз як муддати муайян чунин марказҳоро тадриҷан ба марказҳои дастрасии васеъ барои истифодабарандагони дорои лабораторияҳои бисёрфунксионалии рушди соҳибкорӣ табдил додан лозим аст. Ташкили чунин марказҳо, ки дар онҳо намояндагони корхонаҳо, донишҷӯён ва кормандони соҳаи илм муттаҳид мешаванд, ҳамгироии самарабахши илм ва истеҳсолотро таъмин мекунад. Ин гуна марказҳо ба рушди ҳамкории байнисоҳавӣ ва байналмилалӣ таъсири мусбат расонида, ширкатҳои манфиатдоре пайдо мешаванд, ки барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва таҷрибаомӯзони истеҳсолӣ муҳити доимо инкишофёбандаро фароҳам меоранд. Онҳо метавонанд барои дарёфт, эҷодкорӣ ва татбиқи ғояҳои нав дар якҷоягӣ бо олимони пешқадам, донишҷӯёни дорои ғояҳои инноватсионидошта ва намояндагони ширкатҳо як муҳити инноватсионӣ бунёд намоянд.

Аз нуқтаи назари самаранокии ҳамкории олимон бо соҳибкорон, шарикӣ дар самти табодули дониш як самти муҳимми ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ ва соҳибкорон мебошад, ки метавонад ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ сармоягузориҳои назаррасро ҷалб кунад. Ба ширкатҳое, ки эҳтиёҷоти стратегӣ доранд, имкон медиҳад, ки бо маълумотҳои нав ва дастовардҳои илмии донишгоҳҳо дастрасӣ пайдо карда, бо мақсади

баланд бардоштани рақобатпазирии худ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат истифода намоянд. Ин механизм ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки хатмкунандагони баландихтисосро барои кор дар ширкат таҳти роҳбарии донишгоҳҳо ҷалб кунанд. Чунин шакли ҳамкорӣ ҳам барои ширкат ва ҳам барои ҳайати омӯзгорони донишгоҳҳо ва донишҷӯёнашон манфиатҳои доимӣ меорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди муҳити ниҳодии инноватсионӣ шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, шуморида мешавад. Тамоюли ру ба афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, нишондиҳандаи мусбии таҳкими муҳити ниҳодии инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, тағйироти сифатии нишондиҳандаи мазкур ҳам хеле муҳим аст. Таҳлил нишон дод, ки дар Тоҷикистон дар байни солҳои 2010 то 2022 шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд 42% зиёд шудаанд (ҷадвали 2.2.1). Дар сатҳи минтақаҳо танҳо дар шаҳри Душанбе афзоиши мусбӣ то 57,1 % ба қайд гирифта шудааст. Дар вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ ва НТҶ қариб ягон тағйирот ба назар намерасад.

**Ҷадвали 2.2.1. - Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, воҳид**

| Нишондиҳандаҳо | **2010** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/2010,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 56 | 66 | 80 | 82 | 82 | 82 | 81 | 80 | 142,8 |
| ш. Душанбе | 42 | 51 | 64 | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | 157,1 |
| Суғд | 5 | 6 | 7 | 7 | 7 | 7 | 5 | 5 | 100 |
| Хатлон | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 6 | 5 | 100 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 100 |
| НТҶ | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 | 100 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С.68.

Чуноне, ки мебинем, агарчӣ дар маҷмуъ теъдоди муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, зиёд шудааст, аммо дар сатҳи минтақаҳо он тамоман номутаносиб ба назар

мерасад. Албатта чунин ҳолат ба шаклгирии муҳити ниҳодии инноватсионии мусоид таъсири манфӣ хоҳад дошт.

Барои бомуваффақият татбиқ намудани механизми пешниҳодшудаи ҳамкории донишгоҳҳо ва корфармоён, табодули дониш ва таҷриба зарур аст, ки ҳавасмандӣ ҳам барои корхона ва ҳам барои муассисаҳои олии касбӣ таъмин карда шавад. Зеро бе татбиқи ҳавасмандгардониҳои зарурӣ рафъи номутавозунии мавҷудаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат ва рушди ҳамкориҳои байни онҳо имконнопазир аст. Вазифаи асосии муассисаҳои олии касбӣ аз он иборат аст, ки барои такмили минбаъдаи ихтисоси кормандони корхонаҳо шароит муҳайё карда, иштироки ҳайати кормандони илмию омӯзгории донишгоҳ дар ташвиқу пешбарии маҳсулоти корхона ва ғайра зиёд карда шавад.

Динамикаи шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми таҳкими муҳити ниҳодии инкишофи фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад. Чунончӣ, зиёд шудани шумораи кормандони илмӣ-техникӣ ба афзоиши рақобат дар бозори инноватсияҳо оварда мерасонад. Рақобат дар муҳити инноватсионӣ омили аслии таҳкими муҳити мазкур ба ҳисоб меравад. Динамикаи шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар солҳои охир баёнгари рушди каме кунди ин тамоюл мебошад (ҷадвали 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. - Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | **2010** | **2015** | **2017** | **2019** | **2021** | **2022** | **2022/2010,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, нафар | 5756 | 3704 | 3720 | 4505 | 4446 | 4496 | 78,1 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | |
| - доктори илм | 334 | 328 | 293 | 362 | 322 | 320 | 95,8 |
| - номзади илм | 896 | 748 | 731 | 839 | 866 | 913 | 101,8 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С.68.

Бо тавaҷҷуҳ ба додаҳои ҷадвали 2.2.2. байни солҳои 2010 то 2022 шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) ру ба пастравӣ доштааст. Ба ибораи дигар дар ин муддат шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) тақрибан 20% кам шудааст.

Пешниҳоди ҳавасмандгардонии иштироки ҳайати омӯзгорони донишгоҳ ва кормандони корхона дар мусоидат ба ҳамкории донишгоҳ ва корфармо аз нигоҳи устувории рушди чунин муносибатҳо хеле муҳим аст. Аммо дар ин ҷо дуруст ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо ва такмили ихтисоси кадрҳо кифоя нест, ки кормандони муассисаҳои олии касбӣ бо иштирок кардан дар инкишофи ҳамкории донишгоҳҳо ва корхона ҳавасманд бошанд. Дар ин ҷо асосан ҳавасмандгардониҳои моддию молиявӣ барои ҷалб намудани омӯзгорону муҳаққиқон барои иҷрои лоиҳаҳои якҷоя аҳаммияти калон дорад. Ба ин гуна ҳавасмандгардониҳо бештар пардохти маблағҳо ва баланд бардории малакаи касбӣ мисол шуда метавонанд. Бозори хизматрасониҳои таълимӣ бо бозори меҳнат тавассути эҳтиёҷоти таълимӣ алоқаманд аст. Ин омили муҳимтарини талаботи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва пешниҳоди мутахассисон ба бозори меҳнат мебошад.

Масъалаи таъсири мутақобилаи бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимиро бидуни ба назар гирифтани манфиатҳои истеъмолкунандаи хизматрасонии таълимӣ, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, ҳавасмандии худро дар интихоби касб ва доираи кор дорад, ҳал кардан ғайриимкон аст. Дар навбати худ муассисаҳои олии касбӣ, ки хизматрасонии таълимӣ мерасонанд, инчунин бояд таъсири корфармоён, вазъи соҳаи шуғли аҳолӣ ва бозорҳои минтақавии меҳнатро ба инобат гиранд. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки пурзӯрнамоии ҳамкории бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ яке аз масъалаи хеле мубрам аст.

Дар маҷмуъ, айни ҳол тавозуни арзишҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботҳои низоми маориф ҳар яке дар самти пайгирӣ аз манфиатҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Ҳамбастагӣ, ҳамоҳангӣ, алоқамандии функсионалӣ унсурҳои алоҳидаи низоми маориф ба таври кофӣ таъмин нашудааст. Бо ин ҳол, дар бозори меҳнат вазъ хеле мураккаб ва

нигароникунанда боқӣ мемонад, ки аз мувофиқати нокифояи низоми маориф ва бозори меҳнат дарак медиҳад (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.3. - Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат, нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2021 | 2022 | 2022/2010, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд | 59699 | 72521 | 92631 | 106542 | 106262 | 110484 | 185,0 |
| Аз он ҷумла мақоми бекоронро доранд | | | | | | | |
| - ҳамагӣ | 48145 | 51122 | 47522 | 48967 | 54564 | 53519 | 111,0 |
| - занҳо | 25471 | 27313 | 22562 | 21887 | 26841 | 26569 | 104,3 |
| - ҷавонони 15-29 сола | 27743 | 30882 | 46567 | 50834 | 43887 | 77497 | 2,8 мар. |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон | 10473 | 7275 | 8982 | 10201 | 12667 | 18935 | 181,6 |
| Шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд | 5,7 | 10,0 | 10,3 | 10,4 | 14,0 | 17,1 | 3,0 мар. |

Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С.93.

Таҳлил нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он, ки аксарияти бекорон ҳозир нестанд худро дар қайди бекорон гузоранд, теъдоди бақайдгирифташудаҳо аз арзаи ҷойи корӣ хеле зиёд мебошад. Чунончӣ, шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд дар соли 2022 ба 17,1 нафар рост меояд. Идомаи ин вазъи нигаронкунанда метавонад сифати бе ин ҳам поини арзаи ҷойи кориро дар бозори меҳнат боз ҳам поинтар биоварад. Ҳамин тавр, алоқамандии инстиутсионалии низоми маориф ва бозори меҳнат низ дар ҳошияи таъмини муҳити инноватсионии рушди сармояи инсонӣ суст ва нопойдор ба назар мерасад.

Барои бомуваффақият ҳал намудани чунин масъалаи мураккаб зарур аст, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили пешгӯиҳо эҳтиёҷоти минтақаҳо ба захираҳои меҳнатӣ мақомотҳои шуғли аҳолӣ, соҳаи маориф ва муассисаҳои олии касбӣ дар фаъолияти худ ба инобат гиранд:

- вазъ, мушкилоти асосӣ ва хусусиятҳои пешгӯии бозорҳои меҳнатии минтақавӣ, ки дар асоси онҳо эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба қувваи корӣ муайян карда мешавад ба инобат гирифта шаванд;

➢ талабот ва саъю кӯшиши ҷавононро барои гирифтани маълумоти олии касбӣ ҳавасманд гардонидан лозим аст;

➢ тамоюл ва проблемаҳои асосии бо кор таъмин намудани аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта ва шаҳрвандони бекор;

➢ сабабҳое, ки барои ба ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ халал мерасонанд. Такмили механизми ҳамкории бозори меҳнат ва хизматрасонии таълимӣ бештар аз сиёсати давлат оид ба рушди сифати қувваи корӣ вобаста аст. Ин сиёсат бояд ба чунин самт равона карда шавад:

➢ рушди захираҳои меҳнатии касбӣ тавассути муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олӣ ва иловагии касбӣ, тамоюли онҳо ба эҳтиёҷоти корфармоён ва тағйирёбии талаботу таклифот дар бозори меҳнат;

➢ мунтазам тағйир додани сохтор, ҳаҷм ва тахассуси тайёр кардани кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ, кам кардани хатари бекории хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ;

➢ такмил додани низоми омодасозии кадрҳои дохили ширкатҳо ва такмили ихтисоси кадрҳо;

➢ ривоҷу равнақ додани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои худмашғулият;

➢ таълими пешакии кормандони аз кор озодшуда ва шахсоне, ки таҳдиди аз кор озод шуданро доранд, барои фаъолият кардан дар соҳаҳои навбавуҷудомада;

➢ инкишоф додани низоми касбомузӣ ва пешниҳоди кумаки равонӣ ба аҳолӣ;

➢ ба амал баровардани таълими доимии аҳолӣ.

Ҳамин тариқ, барои рафъи номутавозунии мавҷудаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат зарур аст, ки механизмҳои самарабахши ҳамкории ин бозорҳо ҷорӣ карда шаванд. Механизми пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки захираҳои зеҳнии муассисаҳои олии касбӣ ва корхонаҳо муттаҳид карда шаванд, ки ин сифати хизматрасонии

таълимӣ ба донишгоҳ ва ҳосилнокии меҳнатро дар корхона бо назардошти ҷорӣ намудани усулҳои навтарини дастоварди илму техника дар истеҳсолотро хеле беҳтар мегардонад. Ин механизм барои ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида мешавад.

Муассисаҳои олии касбиро бошад барои баланд бардоштани такмили ихтисоси кормандони корхонаю ташкилотҳо истифода бурдан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, иштироки бевосита дар омоданамоии кадрҳо ба корхона имконият медиҳад, ки мақоми корхонаи масъулиятшиноси масъалаҳои иҷтимоиро гирад. Бо ин роҳ корхона ҳуқуқ ва имконият пайдо мекунад, ки барои фармоишҳои давлатӣ даъво ва довталабӣ намояд. Инкишофи робитаи байни муассисаҳои олии касбӣ ва корхона ба рушди сармояи миллии инсонӣ мусоидат мекунад, ки самараи дарозмуддати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Аҳаммияти муҳимми чунин ҳамкориро беҳтар шудани қаноатмандии корфармоён аз сифати тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар муассисаҳои олии касбӣ нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки муҳити институтсионалӣ ҳамкории муассисаҳои олии таълимӣ ва корхонаҳо имрӯз дар Тоҷикистон ба тағйиротҳои ҷиддӣ ниёз дорад. Азбаски яке аз хусусиятҳои асосии иқтисодиёти замони муосир рақамикунонии он мебошад, ин омил ба алоқамандии институтсионалии ҳамкории муассисаҳои олии таълимӣ ва корхонаҳо бетаъсир буда наметавонад. Дар аксар ҳолатҳо мо ба таври аён мебинем, ки сифати омодагии кадрҳо бо таваҷҷуҳ ба малакаи онҳо ҷиҳати кор бо фановариҳои рақамӣ ба талаботҳои корхонаҳо мувофиқат намекунад. Бояд иброз дошт, ки барои рушди иқтисодиёти рақамӣ бахши хусусӣ низ мавқеи хоса дорад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки аллакай то ҷое иқтисодиёти рақамиро роҳандозӣ намудаанд, нишон медиҳад, ки шарти муҳимми алоқамандӣ ва ҳамбастагии низоми маориф ва бозори меҳнат тавозуни сифатии пешниҳод ва талабот ба кадрҳои соҳибтахассус ба шумор меравад. Дар ин ҳол масъалаи таҳлили равишҳои

методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ ба миён меояд.

## 2.3. Равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ

Дар шароити муосир истилоҳоти махсус таҳия карда шудааст ва имкон медиҳад тафсир ва дарки падидаҳо, муносибатҳо ва равандҳоеро, ки дар идоракунии фаъолияти идоракунӣ ташаккул меёбанд якхела маънидод намояд. Дар баробари муайянсозии истилоҳоти мушаххас, аз ҷумла мафҳумҳои: «навоварӣ», «навовар», «раванди инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ», «иқтидори инноватсионӣ», «низоми инноватсионӣ» ва мафҳумҳои дигар низ ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла: «соҳаи инноватсионӣ», «фарҳанги навоварӣ», «муҳити навоварӣ», «фазои инноватсионӣ». Ин хусусияти дарки ҳамаҷонибаи механизмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилии иқтисодиёти инноватсионӣ ва ҳалли масъалаҳои идоракунии самараноки фаъолияти инноватсиониро нишон медиҳад. Дар ин ҳолат, аксар вақт хатои мантиқӣ низ рух медиҳад, ки боиси иваз кардани мафҳумҳо ё тафсири нодурусти категорияҳои гуногун мегардад. Дар асарҳои илмӣ бештар мафҳумҳои гуногун (масалан, муҳити инноватсионӣ, фарҳанг, иқлим, соҳа ва ғ.) ҳамчун синоним истифода мешаванд.

Тавре ки маълум аст, иқтидори инноватсионии шахс дар муҳити навоварона ташаккул меёбад, ки ба табдили имкониятҳо ба тавоноӣ мусоидат мекунад. Муҳити инноватсионӣ муҳити касбии фановариҳо буда, шарти зарурии он мавҷудияти фарҳанги инноватсионӣ мебошад. Мушкилот ва мураккабии мафҳуми «муҳити инноватсионӣ» доир ба шарҳи он бо маъноҳо ва равишҳои гуногун доираи васеи андешаҳоро ба вуҷуд меорад. Инчунин муҳаққиқон муҳити инноватсиониро ҳамчун муҳити системавии фаъолияти инноватсионӣ, муҳити иборат аз системаҳои кластерҳо ва робитаҳо, системаи инноватсионӣ ё марҳилаи

муайяни рушди он мефаҳманд. Дар баробари ин, фазои иҷтимоие, ки ба таври муайян ба вуҷуд меояд, рушди инноватсиониро бо таъмини манфиатҳои ҷамъият ва афроди ҷомеа тавъам месозад.

Дар ин робита ақидаи Н.В. Сироткина ва В.Е. Панченко диққатҷалбкунанда мебошад[1]. Онҳо дарки моҳияти муҳити инноватсиониро ҳамчун маҷмуи шароитҳои чорчӯбае, ки дар натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои инноватсионии фаъол ба вуҷуд омадаанд ва ҳамчун унсурҳои он амал мекунанд, мефаҳманд. Муаллифон унсурҳои низоми инноватсиониро ҳамчун муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкилотҳои таълимие, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкторӣ анҷом медиҳанд, воҳидҳои сохтории корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ мекунанд, инчунин инфрасохтори инноватсионӣ ва дигар субъектҳои фаъоли инноватсионӣ тафсир мекунанд.

А.В. Поляков бошад, ҷузъи муҳити инноватсиониро «зерсохторҳои илмӣ, таълимӣ, истеҳсолӣ, иттилоотӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ» меҳисобад[2]. Оид ба таркиб ва сохтори муҳити инноватсионӣ бо дараҷаҳои гуногуни шартӣ вобаста ба равишҳои системавӣ ё ҳудудӣ андешаҳои дигар низ вуҷуд доранд. Дарки нақши муҳити инноватсионӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди инноватсионӣ таваҷҷуҳи пайвастаи тадқиқотро барои тафсири моҳияти он водор месозад.

Дар идомаи таҳлили муҳтавои мафҳум бояд гуфт, ҳар он чизе ки неруи инноватсиониро ташкил намедиҳад, вале ба ташаккули он дар ҳудуди институтсионалии низоми иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад, муҳити инноватсионӣ ба шумор меравад. Муҳити инноватсиониро мафҳумҳо ва падидаҳои шакл, сатҳ ва шаклҳои гуногун ташкил медиҳанд, бинобар ин, он наметавонад маҷмӯи унсурҳо ё субъектҳо бошад. Мақсади

---

[1] Панченко, В.Е., Сироткина, Н.В. Развитие инновационной среды в условиях цифровой экономики: особенности, проблемы, перспективы / В.Е. Панченко, Н.В. Сироткина // Организатор производства. – 2019. Т.27. – № 4. – С. 63.

[2] Поляков, А.В. Развитие интеграционных процессов в инновационной среде региона: формы, методы, механизмы: дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Поляков Артем Владимирович. – Воронеж, 2015. – С.20.

асосии муҳити инноватсионӣ ин ташаккул ва рушди неруи инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инноватсия мебошад.

Ба андешаи мо, муҳити инноватсионӣ ин низоми мураккаби гурӯҳҳои молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, моддию иҷтимоии омилҳо ва институтҳое, ки ҳамаи марҳилаҳои инноватсиониро таъмин менамоянд, ба ҳисоб меравад. Муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини татбиқи инноватсияҳои самарабахш дар натиҷаи фаъолияти ҷузъҳои инфрасохтори инноватсионӣ (истеҳсолӣ-технологӣ, машваратӣ, молиявӣ, иттилоотӣ) ва фарҳанги инноватсионӣ ташаккул меёбад. Ҳамзамон, фаъолияти муҳитсозӣ ба ташаккули ҳолати сифатии муҳити инноватсионӣ нигаронида шудааст. Омилҳои муҳитсозанда тавассути таъсиррасонӣ ба неруи инноватсионӣ зуҳур карда, унсурҳои асосии он ба ҳисоб меравconfiguration ва қувваи пешбарандаи рушди инноватсионӣ, яъне неруи инноватсиониро ташаккул медиҳанд. Ба ибораи дигар, сармояи инсонии мутобиқ ба муҳити инноватсиониро ба вуҷуд меоваранд (расми 2.3.1).




**Расми 2.3.1. – Омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи муҳити инноватсионӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ин равиш тафсирҳои мавҷудаи муҳити инноватсиониро чун фазои иҷтимоӣ бо афкори хос дар шароити мувофиқ исбот мекунад. Инчунин нишон медиҳад, ки муҳаққиқон ба дарки категорияи мураккаби ҳамгирошудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз паҳлуҳои гуногун муносибат мекунанд. Расми дар боло овардашуда тафсири системавии муҳити инноватсиониро ҳамчун маҷмуи шартҳо шарҳ медиҳад, ки аз ҷониби унсурҳои он – ташкилотҳои инноватсионӣ ба вуҷуд омадааст.

Модели сохторӣ ва функсионалии ташаккули муҳити инноватсионӣ дар расми 2.3.2 нишон дода шудааст.

Оид ба равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионӣ ва таъсири он ба инкишофи сармояи инсонӣ олимони ватанӣ дар корҳои илмии худ ақидаҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Масалан, Ҷ.Р. Раҳмонов қайд менамояд, ки «...дар шароити тағйирёбандаи фаъолияти корхонаҳо дар иқтисодиёти гузариш дар назди онҳо барои таҳия ва татбиқи стратегияи рушд, ки натиҷаҳои устувор ва даромади баландро таъмин менамояд, вазифаи таъхирнопазир мегузорад. Ин ба куллӣ нав кардани корхонаҳо дар асоси инкишоф додан ва ҷорӣ намудани таклифҳои муҳимро талаб мекунад. Таҳия ва ҷорӣ намудани таклифҳои навоварӣ дар навбати худ ташкил ва ҷорӣ намудани ҷараёнҳои навоваронаро талаб менамояд...». Инчунин, Ҷ.Р. Раҳмонов иброз медорад, ки «...раванди ҳавасмандгардонӣ дар рушди устувори фаъолияти инноватсионӣ нақши махсус мебозад...»[1]. Аз нигоҳи Ҷ.Р. Раҳмонов маълум мегардад, ки ҷараёни инноватсияҳо аз таклифҳои гуногуни навоварона вобастагӣ дорад. Ин гуна таклифҳо аз ҷониби шахс пешниҳод гардида дар навбати худ ба инкишофи сармояи инсонӣ таъсири худро мегузоранд.

[1] Рахмонов, Дж.Р. Инвестирование как фактор активизации инновационной деятельности / Дж. Р. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия Экономические науки (Ч.I). Душанбе, 2012. – №2/8. – С.43.




**Расми 2.3.2. – Модели сохторӣ ва функсионалии ташаккули муҳити инноватсионӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳавасмандгардонии инкишоф ва истифодаи инноватсия бошад хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар зери мафҳуми ҳавасмандкунӣ мо бояд ҳамаи он воситаҳоеро фаҳмем, ки тавассути онҳо ба намуди муайяни фаъолият, хосиятҳои функсионалӣ ва сифатии он таъсири мусбат расонидан мумкин аст.

Истифодаи истилоҳи «ҳавасмандгардонӣ» нишон медиҳад, ки мо ҳамон хусусиятҳоеро ба назар мегирем, ки бо субъективият, бо тафовути вазъиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Албатта чунин ҳавасмандгардониҳо нисбат ба кормандон равона карда мешавад, ки дар навбати худ ба инкишофи сармояи инсонӣ оварда мерасонад.

М.Қ. Файзуллоев дар таҳқиқотҳои худ рушди соҳаи инноватсиониро аз таъмини омилҳои гуногун вобаста медонад. Бинобар ин, қайд менамояд, ки «...заминаҳо ва шартҳои асосии ташаккули инноватсионии иқтисоди миллӣ инҳо ба шумор меравaнд: таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкилии дастгирии фаъолияти инноватсионӣ; таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ; таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ; ташаккул ва такмил додани низоми тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ; ташкили системаи иттилоотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи инноватсия...». Инчунин профессор М.Қ. Файзуллоев иброз менамояд, ки «...дар шароити инкишофи фаъолияти инноватсионӣ муносибат ба қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият – яъне инсон бояд ба куллӣ тағйир ёбад. Чунки нақши мутахассисони баландихтисос дар иқтисодиёти инноватсионӣ хеле муҳим аст ва пайваста меафзояд...»[1]. Аз нигоҳи ин муаллиф заминаҳо барои рушди иқтисоди инноватсионӣ бояд таъмин бошанд. Инчунин маълум мегардад, ки нақши инсон дар рушди

[1] Файзуллоев М.К. Развитие инновационной деятельности в Таджикистане как условие экономического роста // Управленческие науки. 2015. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/razvitie-innovatsionnoy-deyatelnosti-v-tadzhikistane-kak-uslovie-ekonomicheskogo-rosta (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

иқтисоди инноватсионӣ мусбат буда, инкишофи сармояи инсониро талаб мекунад.

Олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов ва Ф.М. Ғафоров дар мақолаи илмии худ қайд менамоянд, ки «...дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бунёди заминаҳои рушди инноватсионии иқтисоди кишвар, пеш аз ҳама дар заминаиислоҳот дар соҳаи маориф ва омода намудани кадрҳои муосир барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудааст. Татбиқи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ бо таҳкими заминаи рушди институтсионалӣ, такмили низоми ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ имконпазир аст, ки ба афзоиши сармоягузории мустақими дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад...»[1]. Дар ин ҷо нигоҳи олимон дар он аст, ки яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти инноватсионнӣ ин худи кадрҳо ба шумор мераванд. Бинобар ин, барои омода кардани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳ додан лозим меояд, ки дар навбати худ ба инкишофи сармояи инсонӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин, С.Ҷ. Комилов ва Ф.М. Ғафоров қайд менамоянд, ки «...таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки агар мардум ба истифодаи самараноки он омода набошанд, технологияҳои пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ наметавонанд ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат кунанд...»[2]. Аз ин рӯ, зарурати тайёр кардани кадрҳо бо ба назар гирифтани проблемаҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ торафт бештар ба миён меояд. Дар баробари ин, асоси ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ рушди сармояи инсонии ҷамъшуда дар асоси сармояи доимии захираҳои инсонӣ мебошад. Аз гуфтаҳои олимони мазкур маълум мегардад, ки дар раванди ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ сарчашмаҳои ташаккул ва ҷамъшавии сармояи инсонӣ

[1] Комилов С.Дж., Гафаров Ф.М. Особенности инвестиционно-инновационной деятельности национальной экономики // Проблемы современной экономики. 2018. – № 2 (66). – С.212.

[2] Дар ҳамонҷо: С.213

аҳаммияти калон доранд. Бинобар ин, сарчашмаҳои ташаккул ва ҷамъшавии сармояи инсониро дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ дар расми зерин чунин тасвир намудаанд.




**Расми 2.3.3. – Сарчашмаҳои ташаккул ва ҷамъшавии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ[1].**

Аз расми мазкур бармеояд, ки сарчашмаҳои ташаккул ва ҷамъшавии сармояи инсонӣ аз омилҳои гуногун иборат буда, дар навбати худ ба иқтисодиёти инноватсионӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи Л. Бляхман ва Н. Газизулин, иқтисодиёти инноватсионӣ ба ташкили нави истеҳсолот асос ёфта, ба як шабакаи муайян табдил меёбад. Дар ин маврид сарҳадҳои байни ширкатҳо торафт васеътар гардида, бозорҳо ба шабакаҳои иттилоотӣ табдил меёбанд. Вале дар иқтисодиёти инноватсионӣ нақши бахши хусусӣ – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ассотсиатсияҳои худтанзимкунии мутахассисон ва соҳибкорон фаъол гардида, дахолати давлат ба ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни бозор камтар мешавад. Моликияти зеҳнӣ бошад як намуди

[1] Комилов С.Дж., Гафаров Ф.М. Особенности инвестиционно-инновационной деятельности национальной экономики // Проблемы современной экономики. 2018. – № 2 (66). – С.214.

нави муносибатест, ки ба ҷомеаи инноватсионӣ хос мегардад[1]. Иқтисодчиён Л. Бляхман ва Н. Газизулин такя бар он кардаанд, ки нишонаҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ ин истеҳсоли маҳсулоти нав мебошад. Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли маҳсулоти нав дар асоси қобилияти зеҳнии инсон ба вуҷуд меояд. Чунин қобилиятҳо дар асоси ташаккулёбии сармояи инсонӣ пайдо мегарданд.

Иқтисодчиёни ватанӣ паҳлуҳои гуногуни таъсиррасонии инноватсияро ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ тадқиқ кардаанд. Масалан, Ғ.Д. Ҷурабоев ва Н.Р. Муқимова муҳити инноватсиониро бо инкишофи сармояи инсонӣ чунин алоқаманд медонанд: «...рушди инноватсионии саноат ҳамчун табдили сохтории системаи иқтисодии корхонаи истеҳсолӣ тавассути такмили ҳамаҷонибаи фаъолияти инноватсионӣ, ки қобилияти навсозӣ ва вокуниш ба таҳдидҳои муҳити берунаро таъмин мекунад ва мувозинати муайяни иқтисодӣ ва хавфи минималии фаъолияти саноатиро ба вуҷуд меорад...»[2]. Аз таҳқиқоти мазкур маълум мегардад, ки таъмин намудани рушди саноат дар асоси ташаккулёбии сармояи инсонӣ бештар таъмин мегардад.

Таҳқиқотчиёни дигар Р.М. Furthermore Бобоҷонов ва Ф.Д. Атаханова чунин мешуморанд, ки «...навоварӣ дар шароити муосир на танҳо тараққиётҳои техникӣ ва технологӣ ба ҳисоб меравbooн, балки ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклҳои нави кор, усулҳои нави фаъолият дар бозори маҳсулот ва хизматҳои навро низ дар бар мегирад...»[3]. Маълум мешавад, ки ҷустуҷӯи бозорҳои нав аз фаъолияти мутахассис вобастагии калон дорад. Бинобар

[1] Бляхман Л.С., Газизуллин Н.Ф. Теоретические основы перехода к социально-инновационной планомерной экономике (Часть 1) // Проблемы современной экономики. – 2014. – № 3 (51) – С.8.

[2] Джурабаев Г.Д., Мукимова Н.Р. Особенности инновационного развития промышленности Республики Таджикистан //Экономика Центральной Азии. – 2022. Т. 6. – № 4. – С.286.

[3] Бабаджанов Р.М., Атаханова Ф.Д. Сущность инновационного потенциала Республики Таджикистан и его структура // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 1. – С.52.

ин, дар ин маврид низ алоқамандии муҳити инноватсионӣ бо инкишофи сармояи инноватсионӣ эҳсос мегардад.

Яке аз олимони шинохтаи тоҷик академик Р.К. Раҳимов саҳми сармояи инсониро дар рушди иқтисоди кишвар мусбат арзёбӣ менамояд, ва дар мақолаи худ бо ҳаммуаллифии Я.П. Довгялло рушди инноватсиониро бо рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили ҳалкунандаи истифодаи оқилонаи на танҳо иқтидори меҳнатӣ, балки истеҳсолот, аз ҷумла неруи илмию техникӣ меҳисобанд[1]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳар қадар сармояи инсонӣ инкишоф ёбад ҳамон қадар ба рушди иқтисоди инноватсионӣ таъсири мусбат мегузорад.

Аз нигоҳи В.С. Винников рушди инноватсионӣ ҳамчун занҷири навовариҳои дар амал тадбиқгардида муайян карда мешавад. Дар баробари ин, муаллиф таъкид мекунад, ки рушди инноватсионӣ вақте муваффақ мегардад, ки на ба як соҳаи алоҳида, масалан, ба истеҳсолот таъсир мерасонад, балки он бахшҳоеро фаро мегирад, ки ба натиҷаи умумӣ таъсир мерасонанд[2]. Аз таҳқиқоти мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рушди инноватсионӣ бояд хусусияти системавӣ дошта бошад. Дар ин сурат метавонад ба муҳити ташаккулёбии сармояи инсонӣ таъсири худро гузорад.

Ҳамин тариқ, ба фикри мо вазифаҳои асосии муҳити ташаккулдиҳандаи омилҳои инноватсионӣ инҳо ба шумор мераванд:

– фароҳам овардани фазои иҷтимоӣ барои фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули арзишҳо ва меъёрҳои рафтори инноватсионӣ;

– фароҳам овардани шароит барои фаъолияти инноватсионӣ;

– ташкили маҷмӯи сохторҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ хизмат мерасонанд.

---

[1] Рахимов Р.К., Довгялло Я.П. Предпосылки инновационного развития экономики Республики Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 2018. – С.17.

[2] Винников В.С. Оценка и эффективное использование возможностей инновационного развития предприятия: автореферат диссертации … к.э.н.: 08.00.05 [Текст] / В.С. Винников. – М., 2005. – С.12.

Фазои инноватсиониро (ҳамчун маҷмӯи шароит ва хусусиятҳои муҳити беруна) низоми меъёрию ҳуқуқӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва ҳассосияти инноватсия, муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ташкил медиҳанд. Ташаккул ва табдили муҳити инноватсионӣ тавассути таъсири идоракунӣ (муҳитсозанда) ва чунин омилҳо, ба монанди фарҳанги инноватсионӣ, низоми инноватсионӣ, инфрасохтори инноватсионӣ ва фазои инноватсионӣ сурат мегирад.

Дар натиҷа, муҳити инноватсионӣ ба рушди иқтидори инноватсионии шахс мусоидат мекунад, ки хусусияти хоси он ҷалби интиқолдиҳанда ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад ва дар навбати худ наметавонад берун аз муҳити инноватсионӣ сурат гирад. Дар муҳити инноватсионӣ, қобилиятҳои инсонӣ ба иқтидор (потенсиал) табдил меёбанд, яъне, ки қисмати кадрии иқтидори инноватсионии низоми иқтисодӣ инкишоф меёбад.

Ҳамин тариқ, раванди тавсифшуда шакли як давраро мегирад, яъне муҳити инноватсионӣ ташаккули иқтидори инноватсиониро таъмин мекунад, иқтидори инноватсионӣ ба инноватсия таъсир мерасонад ва дар шароити он афзоиш меёбад. Ба ташаккул ва ҷамъшавии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат карда, дар рушди муҳити инноватсионӣ иштирок намуда, имкон медиҳад, ки иқтидори инноватсионӣ инкишоф ёбад.

Мушкилоти гузариши иқтисоди Тоҷикистон ба роҳи инноватсионии рушд имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ қарор дошта, мавзуи асосии ҳамкории илми ватаниро бо сохторҳои давлатӣ муайян мекунад. Ҷараёни нашрияҳои илмӣ оид ба муҳимтарин ҷанбаҳои рушди инноватсионӣ афзоиш ёфта, форумҳо ва конфронсҳои сершумори байналмилалии илмию амалӣ гузаронида мешаванд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолияти муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меоянд. Низоми миллии инноватсионӣ ташаккул меёбад, ки назоратбарии онро ба таври зайл ифода кардан мумкин аст (расми 2.3.4).




**Расми 2.3.4. – Сохтори ташкилии низоми инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ шуда буд. Натиҷаҳои иҷрои барномаи мазкур ба қадри кофӣ иҷро нагардид. Зеро ин давра ба замонҳои душвории пандемияи COVID-19 ва бухронҳои минбаъдаи молиявию иқтисодӣ рост омад. Вобаста ба ин мушкилот, бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ заминаи мустаҳкам барои танзим ва дастгирии соҳибкории инноватсионӣ гузошта шудааст. Бояд қайд намуд, ки барои оғози фаъолияти инноватсионӣ якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки заминаи муҳим барои рушди фаъолияти инноватсионӣ ба шумор мераванд. Санадҳои асосии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти инноватсионӣ дар ҷадвали 2.3.1. ба чунин шакл оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.3.1. – Асосҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонии равандҳои фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Марҳилаҳои асосии равандҳои фаъолияти инноватсионӣ** | **Номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** | **Мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба марҳилаи равандҳои фаъолияти инноватсионӣ** |
|---|---|---|
| Маркетинги инноватсионӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатии илмию техникӣ» (с. 1998) | Моддаи 9. Таъминоти иттилоотии фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ. Дастрасии субъектҳои фаъолияти илмию техникӣ ба иттилооти илмию техникӣ. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (с. 2012) | Моддаи 13. Ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳуқуқи соҳибӣ кардан ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дода мешавад. |
| Тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатии илмию техникӣ» (с. 1998) | Моддаи 11. Кафолати инкишофи афзалиятноки тадқиқоти фундаменталии илмӣ; ҳавасманд гардондани фаъолияти илмию техникӣ.<br>Моддаи 13. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ.<br>Моддаи 17. Тадқиқотҳои афзалиятноки амалӣ ва конструкторӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби маблағҳои дигар субъектҳои хоҷагидорӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. |
| | Кодекси граждании ҶТ. (Қисми II. с. 1999) (Қисми III. с. 2005) | Қисми II. Боби 36. (6). Шартнома барои корҳои тадқиқотӣ, конструкторӣ ва технологӣ<br>Қисми III. Боби 57. Муқаррароти умумӣ дар бораи моликияти зеҳнӣ |

| | | идомаи ҷадвали 2.3.1. |
|---|---|---|
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» (с. 2004, №16) | Фасли 2. Тарҳи саноатӣ ва ҳифзи ҳуқуқии он |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот» (с. 2004) | Моддаи 4. Ҳуҷҷатҳои амниятӣ.<br>Фасли 2. Патентпазирии ихтироот. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» (с. 2010) | Моддаи 5. Муттаҳид намудани неруи интеллектуалии тадқиқоти илмӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи муосир. |
| | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. (с. 2012) | Моддаи 117. Тарҳҳо барои хароҷоти тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва рушд.<br>Моддаи 70. Ба таъхир гузоштани андоз вобаста ба аз ҷониби андозсупоранда амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ё инноватсионӣ. |
| Истеҳсолот | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот» (с. 2004) | Моддаи 26. Соҳиби патент ҳуқуқ дорад аз ихтироъот истифода барад, аз ҷумла ҳуқуқи истеҳсол, истифода, фурӯш ё ба тариқи дигар ба муомилоти иқтисодӣ гузаштан. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ» (с. 2006) | Моддаи 4. Беасос кам кардан ё қатъ намудани истеҳсоли моле, ки ба онҳо талабот ё фармоиши истеъмолкунандагон мавҷуд аст, дар сурати мавҷуд будани имкони зарари истеҳсоли он. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» (с. 2010) | Моддаҳои 5, 6 ва 7. Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани комёбиҳои технологӣ ва инноватсионӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (с. 2012) | Боби 2. Субъектҳо, объектҳо ва намудҳои фаъолияти инноватсионӣ.<br>Моддаи 16. Сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» (с. 2012) | Моддаи 18. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, паркҳои инноватсионӣ-технологӣ бо воситаҳои техникӣ муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳо, ки ба қобилияти эҷодии донишҷӯён барои фаъолияти минбаъдаи инноватсионӣ дар иқтисодиёт мусоидат мекунанд. |
| Маркетинг (фурӯш) | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (с. 2003) | Моддаи 2. Маълумот дар бораи мол (маълумоти таблиғотӣ), ки бо ҳама гуна воситаҳо паҳн карда мешавад ва барои таваҷҷуҳ кардан ба мол ва мусоидат ба фурӯши мол пешбинӣ шудааст. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ» (с. 2006) | Моддаи 4. Аз муомилот гирифтани мол, ки мақсад ё таъсири он ба вуҷуд овардан ё нигоҳ доштани камчинии мол дар бозор ё баланд бардоштани сатҳи нарх мебошад. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (с. 2012) | Моддаи 5. Ташкили бозори фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тавре ки мебинем, дар ҷумҳурӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ мавҷуд аст, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ заминагузор гардидаанд.

Ҳамин тариқ, омилҳои асосии рушди истеҳсолоти инноватсионӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон сармоягузорӣ ба саноат, сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, тадқиқот ва таҷрибаомӯзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастрасӣ ба Интернет ва зиёд кардани музди кори коркунони соҳаи илмӣ ва умуман коргарон ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки омили муҳимтарини рушди истеҳсолоти инноватсионӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сармояи зеҳнии кормандон аст.

**Хулосаи боби 2**

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилу баррасии маводи дар боби 2-юм анҷомдодашуда оид ба вазъи муосир ва тамоюли инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мегардад, ки дар кишвари мо дар ин самт мушкилот ҷой дорад. Ба андешаи мо, ҳоло таҳкими ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ шарти асосии таъмини самаранокии раванди мазкур ба ҳисоб меравад. Чунки таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоюлҳои ҷаҳонии рушди таҳсилоти олӣ хеле ақиб мондааст. Бинобар ин, чунин ҳолат, махсусан ба ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ таъсири манфии худро мерасонад. Андешидани тадбирҳо оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои муассисаҳои олии касбӣ бо истеҳсолот низ аз заруратҳои муҳим дар ин самт мебошад.

Барои рафъи номутавозунии мавҷудаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат зарур аст, ки механизмҳои самарабахши ҳамкории ин бозорҳо ҷорӣ карда шаванд. Механизми пешниҳодшуда (расми 2.3.3) имкон медиҳад, ки захираҳои зеҳнии муассисаҳои олии касбӣ

ва корхонаҳо муттаҳид карда шаванд, ки ин сифати хизматрасонии таълимӣ ба донишгоҳ ва ҳосилнокии меҳнатро дар корхона бо назардошти ҷорӣ намудани усулҳои навтарини дастоварди илму техника дар истеҳсолот хеле беҳтар мегардонад. Ин механизм барои ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида мешавад.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда муассисаҳои олии касбиро мебояд ҷиҳати баланд бардоштани такмили ихтисоси кормандони худ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар баробари ин, иштироки бевосита дар омоданамоии кадрҳо ба корхона имконият медиҳад, ки мақоми корхонаи масъулиятшиноси масъалаҳои иҷтимоиро гирад. Бо ин роҳ ташкилоту муассисаҳо имконият пайдо мекунанд, ки барои рушди сармояи инсонии кормандон заминагузор бошанд. Инкишофи робитаи байни муассисаҳои олии касбӣ ва корхона ба рушди сармояи миллии инсонӣ мусоидат карда, самараи дарозмуддати иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба миён меорад. Аҳаммияти муҳимми чунин ҳамкориро беҳтар шудани қаноатмандии корфармоён аз сифати тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар муассисаҳои олии касбӣ нишон медиҳад. Барои таъмини фаъолияти босамари бозори хизматрасониҳои таълимӣ мутахассисони соҳибихтисос зарур мебошанд.

Низоми дурусти идоракунӣ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ, гузаронидани тадқиқоти муосири илмию методӣ ва идоракунии бозори хизматарсониҳои таълимӣ зарур аст. Рушди минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ, афзоиши рақобат дар бозори хизматрасонии таълимӣ, зарурати омӯзиши вазъи бозор, арзёбӣ ва истифодабарии истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ бо дарназардошти ташаккул ва истифодаи самаранок сармояи инсониро ба миён меорад. Аз таҳлили маълумотҳои овардашуда бармеояд, ки таъмини ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ аз фаъолият ва ҳамкории судманди муассисаҳои олии касбӣ ва ташкилоту корхонаҳо вобастагии калон дорад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ РУШДИ МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНКИШОФИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ

Яке аз омилҳои муҳимми рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ ба шумор меравад. Кластер, ки худ вожаи англисӣ аст ба маънои сохтори ҳамгироишудаи воҳидҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ таъриф карда мешавад, ки ҳар сохтор дар таркиби он аз мустақилияти муайян бархурдор мебошад. Дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ шакли кластерии ташкили фаъолияти воҳидҳои истеҳсолӣ ба таври назаррас инкишоф ёфтааст. Бартарияти асосии кластерҳо ин таъмини самараи синергетикӣ мебошад, ки дар натиҷаи он рақобатпазирии аъзоёни кластер ба маротиб боло меравад.

Кластерҳои илмӣ ва таълимӣ дар адабиёти илмӣ ба таври мухталиф таъриф мешавад. Аз ҷумла Э.Р. Скорнякова таърифи зеринро пешниҳод менамояд: “ Кластери таълимӣ сохтори тағйирпазири шабакавӣ мебошад ва гурӯҳи объектҳои ба ҳам алоқамандро (муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, мактабҳои илмӣ, донишгоҳҳо, муасисаҳои тадқиқотӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва ғайра) дар бар мегирад, ки дар атрофи ядрои асосии фаъолияти инноватсионии таълимӣ (муассисаҳои таълимӣ) барои ҳалли мушкилоти муайян ва ба даст овардани натиҷаи мушаххас (маҳсулот) муттаҳид шудаанд”[1]. Ба андешаи Е.А. Мальцева “Кластери илмию таълимӣ маънои шарикии устувори ҳудудию соҳавӣ байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва касбӣ,

[1] Скорнякова Э.Р. Управление современной школой на примере создания образовательного кластера. URL: http://www.akvobr.ru /pljusy_obrazovatelnogo _klastera.html.

ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корхонаҳои минтақа, иттиҳодияҳои онҳо ва муҳити иттилоотиро дар назар дорад”[1].

Ҳамин тавр, кластери илмию таълимӣ як шакли пешбурди фаъолияти илмию таълимӣ мебошад, ки дар асоси стратегияи муайяни инноватсионӣ амал мекунад. Албатта, муҳите, ки дар доираи ҳамгироии воҳидҳои илмию таълимӣ ба вуҷуд меояд, барои такрористеҳсол ва инкишофи сармояи инсонӣ муҳити хеле мусоид ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки сохтори умумии чорабиниҳои марбут ба ташкили кластери илмию таълимӣ аз пайдарпайии муайяни амалҳо иборат аст. Марҳилаи ибтидоии ташаккули кластери илмию таълимӣ аз он иборат аст, ки ба суоли зерин ҷавоби мушаххас омода карда шавад: оё ташкили кластери илмию таълимӣ дар вазъияти муайяни рушди иқтисодӣ бо хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории ҳамаи ҷузъҳои низоми иқтисодии минтақа ягона вариант аст ё қарорҳо ва амалиётҳои имконпазири дигарро низ дар бар мегирад? Агар ба бахши дувуми суол (қарорҳо ва амалиётҳои имконпазири дигар) ҷавоби мусбат дода шавад, дар ин марҳилаи таҳлилӣ бояд вариантҳои гуногуни ҳалли имконпазир коркард шаванд.

Дар марҳилаи нахуст бояд мавқеи (манфиатҳои) шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба фаъолияти донишгоҳҳо ва дурнамои рушди он муайян карда шавад. Ба инҳо дохил мешаванд: роҳбарияти корпоративӣ, шурои парасторон, кормандони илмию педагогӣ, мақомоти ҳудудӣ ва идораҳо, намояндагони мақомоти болоӣ ва як қатор дигар шахсони манфиатдор (масалан, сарпарастон ё шарикони эҳтимолӣ дар доираи иттиҳодияи шарикии илмию таълимӣ). Барои ҳамоҳангсозии оқилонаи ҳамкории кооперативӣ дар ташаккули кластери илмию таълимӣ комиссияи созишро ҳамчун восита истифода бурдан лозим аст. Барои интихоби оқилонаи қарорҳои идоракунӣ, ки самтҳои мақсадноки рушди иқтисодиро

[1] Мальцева Е.А. Научно-образовательный кластер как основа формирования новой экономики региона // Научно-технический вестник информационных технологий, механики и оптики. 2008. №50. URL: https://cyberleninka. ru/ article /n/ nauchno-obrazovatelnyy-klaster-kak-osnovaformirovaniya-novoy-ekonomiki-regiona (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

тавассути фаъолияти кластери илмию таълимӣ муайян мекунанд, матритсаи манфиатҳои тарафайнро тартиб додан лозим аст.

Чунин матритсаҳо барои ташаккули манфиатҳои асосии сохторҳои дигаре, ки ба ташаккули кластери илмию таълимӣ манфиатдоранд, ташкил шудаанд. Пас аз ҷамъбасти маълумоти гирифташуда барои таҳияи ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои тарафҳо дар шартномаҳо (дар таъсис, ширкат ва ғайра) заминаи мустаҳкам пайдо мешавад. Интихоби қарори идоракунӣ тавассути истифодаи арзёбии экспертии нишондиҳандаҳои мушаххаси ба таври объективӣ назоратшаванда, ки барои лоиҳаи мушаххас ба низом даровардa шудааст, бояд дар кластери илмию таълимӣ амалӣ карда шавад, ташаккул меёбад.

Азбаски таҷрибаи иҷрои ин гуна корҳо, одатан нокифоя аст ва барои иҷрои вазифа шубҳа пайдо мешавад, аллакай дар марҳилаи ибтидоӣ тавсия дода мешавад, ки иштироки мушовирон, ки дар ин самт таҷриба доранд, таъмин карда шаванд. Интихоби мушовирон низ кори хеле душвор аст, зеро ба хатоиҳо роҳ додан дар ин марҳила ба талафоти вақт ва аз даст додани фоида оварда мерасонад. Манбаи маълумот дар бораи мушовирон метавонад, масалан, махзани ягонаи ширкатҳои консалтингӣ бошад. Самараноктарин иртиботи мустақим бо ширкатҳои консалтингӣ ва роҳбарияти он ташкилотҳое мебошанд, ки дар онҳо чунин корҳо аллакай анҷом дода шудаанд. Бояд ба назар гирифт, ки машваратчиён, чун қоида, дар асоси шартнома кор мекунанд.

Ҳамзамон бо ҳалли масъалаи ҷалби машваратчиён гурӯҳи корӣ ташкил кардан лозим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки коллективи роҳбарикунандае, ки ба он ректор ё муовинони ӯ сарварӣ мекунанд, набояд ба таври автоматӣ ба гурӯҳи корӣ табдил ёбад. Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби роҳбарон ва мутахассисони сохторҳои ибтидоӣ ҳам аз рӯйи меъёри намояндагии кафедраҳои асосии донишгоҳ интихоб карда мешавад ва пеш аз ҳама ба сохторҳои функсионалие, ки ба корҳои тадқиқотӣ ва

навоварӣ машғул мебошанд. Дар баробари ин чунин омилҳо низ бояд ба инобат гирифта шаванд:

– дар асоси қобилияти мураттаб фикр кардани аъзоёни он; дорои потенсиали баланди тадқиқотӣ будан;

– мавҷудияти дониш ва таҷрибаи касбӣ дар он соҳаҳое, ки махсусан барои таҷдиди сохтор бо дарназардошти стратегияи интихобшудаи тағйирот муҳиманд.

Тавсия дода мешавад, ки ба гурӯҳи корӣ яке аз роҳбароне, ки вазифаи на камтар аз муовини ректор (масалан, муовини ректор оид ба илм ва ғайра) дошта бошад, сарварӣ намояд. Роҳбари гурӯҳи корӣ бояд дорои хислатҳое бошад, ки ӯро «роҳбари дигаргуниҳо» номанд. Асоси гурӯҳи корӣ, яъне аъзои он, ки худро ба таври намунавӣ нишон додаанд, метавонанд дар оянда заминаи ҳайати нави роҳбарикунандаи блокҳои нави асосии сохтории кластери илмию таълимӣ (технопаркҳо, паркҳои илмӣ ва ғайра) гарданд. Равандҳои ташкили кластери илмию таълимӣ барои минтақаҳои дорои як донишгоҳи ташкилкунандаи фаъолият, ки моҳияти кластерро муайян мекунанд, бавосита дар сатҳи методологӣ бо пайдарпаии такрори сесатҳа, ки марҳилаҳои омодагӣ, асосӣ ва ниҳоиро муқаррар мекунанд, муттаҳид карда мешаванд.

Ҳар як марҳилаи муайяншуда маҷмуи пайвастаи воситаҳо, фаъолият ва амалҳоест, ки методологияи ташаккули кластери илмию таълимиро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, муайян кардани имкониятҳо, таъмини ҳавасмандии шарикон, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои ташкили кластери илмию таълимӣ марҳилаи омодагиро ташкил менамоянд.

Муайян намудани ҳайати иштирокчиён, арзёбии имкониятҳои ҷалб, ҷамъоварӣ ва тақсими захираҳо, ташаккули муқаррароти ташкилию ҳуқуқии ташкили кластер, асосноккунии техникӣ ва иқтисодии лоиҳа, тақсими нақшҳои функсионалӣ ва таъсири фаъолияти кластери илмию таълимӣ марҳилаи асосӣ ба шумор мераванд. Ташаккули воситаҳои ҳамкории мутақобила бо мақомот ва ҷонибҳои манфиатдор, санҷиш ва

хулоса дар бораи мутобиқат ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, таҳия ва имзои созишномаи таъсиси кластер марҳилаи ниҳоиро ташкил медиҳад.

Татбиқи пайвастаи фаъолиятҳо аз рӯйи марҳилаҳои пешниҳодшуда, ки ба ташаккули кластери илмию таълимӣ, бо дар назардошти хусусиятҳои фазои илмию таълимӣ ва хусусиятҳои фаъолияти системаҳои доништалаб дар шароити инноватсия нигаронида шудааст, раванд ва дурустии методологияи ташкили кластери илмию таълимиро муайян мекунад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки равандҳои ташаккули кластерҳои илмию таълимиро дар асоси мавқеъҳои равиши стратегии идоракунии рушди иқтисоди кишвар мушоҳида намоянд. Аз ин лиҳоз, муайян намудани самтҳои стратегияи ташаккули кластерҳои илмию таълимӣ ҳамчун як маҷмуи ягонаи чорабиниҳо ба назар мерасад, ки ба таъмини самаранокии фаъолияти моделҳо ва механизмҳои марбут ба ташаккули шарикии минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҳамчунин дар фаъолияти онҳо муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои илмӣ фаъолона иштирок карда, аксаран дар комплексҳои навъҳои гуногун таҷассум ёфтаанд.

Вазифаи муҳим ва дар айни замон, хеле мушкил дар марҳилаи ибтидоии таҳияи стратегияи ташаккули кластери илмию таълимӣ муайян кардани самти мақсадноки он (мақсадҳои умумӣ ва асосӣ) мебошад. Ҳадафи умумӣ бояд, аз ҷумла, талаботи мушаххаси аз ҷиҳати объективӣ назоратшавандаро оид ба натиҷаҳои ниҳоии кластери ташаккулёфта дар заминаи ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии рушди минтақавӣ ифода намояд. Метавон таърифи зерини ҳадафро чунин маънидод кард: «Категорияи ҳадафҳоро метавон ҳамчун тасвириояндаи иқтисодиёт бо истифода аз усулҳои илмӣ таҳияшуда ва дар асоси қонунҳои объективии рушд муайян намуд, ки натиҷаи фаъолияти объекти мавриди назарро инъикос менамояд».

Марҳилаи навбатӣ, ки метавонад дар баробари таҳияи ҳадафи умумӣ оғоз шавад, таҳия ва интихоби стратегияи ташаккули кластери илмию таълимӣ мебошад. Нақшаи ҳамгирошудаи муайян кардани стратегияи ташаккули кластери илмию таълимӣ маҷмуи марҳилаҳои ба

ҳам алоқамандро дар бар мегирад: таҳлилӣ, функсионалӣ-муҳтаво ва арзёбӣ. Стратегия инчунин омезиши оқилонаи якчанд самтҳои амалро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳо оварда мерасонад, эътироф мекунад. Таҳияи вариантҳои стратегияи ташаккули кластери илмию таълимӣ ба муқаррароти зерин асос ёфтааст.

Ҷузъи зарурии омӯзиши имкониятҳои ташаккул ва рушди кластери илмию таълимӣ арзёбии механизми идоракунии воҳидҳои сохтории эҳтимолӣ, ки кластери илмию таълимиро ташкил медиҳанд, ба ҳисоб меравад. Дар расми 3.1.1 нақшаи васеътари таҳияи стратегияи умумии ташаккули кластери илмию таълимӣ оварда шудааст.




**Расми 3.1.1. – Схемаи умумии муайян кардани стратегияи ташаккули кластери илмию таълимӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Арзёбии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои сифатии воҳидҳои эҳтимолии сохторӣ, ки ба кластери илмию таълимӣ дохил мешаванд, аз рӯйи ҷузъҳои асосӣ зарур аст:

– устувории молиявӣ; сохтор ва махсусгардонии истеҳсолот, иқтидори илимю тадқиқотӣ ва инфрасохторӣ;

– сохтор ва иқтидори фаъолияти идмӣ-таҳқиқотӣ;

– омилҳои институтсионалии (заминаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ ва ғ.) рушд ва амсоли он.

Унсурҳои асосии системаи идоракунии ташаккул ва рушди кластери илмию таълимии минтақавӣ ҷузъҳои зерсистемаҳои зерин мебошанд:

а) мундариҷа яъне ҷойгиршавӣ, пайвандҳои интегратсионӣ, механизми ҳамкорӣ;

б) инструменталӣ – майдони мушкилоти минтақа, ҳамкории ташкилӣ, воситаҳои шарикӣ (расми 3.1.2).




**Расми 3.1.2. – Унсурҳои асосии системаи идоракунии ташаккул ва рушди кластери илмию таълимӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омӯзиши системаи идоракунии ташаккул ва рушди кластери илмию таълимӣ бо мақсади таъмини фаъолияти самараноки он таҳлили ҳолати воҳидҳои муассисаҳои олии касбиро талаб менамояд, ки бояд дигаргун карда шаванд. Сохтори технологии системаи идоракунии кластери илмию таълимӣ метавонад равандҳоеро дар бар гирад, ки фаъолияти таълимӣ, иттилоотӣ-методӣ, маънавию тарбиявӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасониро таъмин намояд (расми 3.1.3).




**Расми 3.1.3. – Сохтори технологии кластери илмию таълимӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Татбиқи чунин чорабиниҳои гуногун дар доираи кластери илмию таълимӣ эҷоди инфрасохтори васеъро дар бар мегирад, ки таркиби онро

дар расми 3.1.4 дидан мумкин аст. Хусусияти фарққунандаи он маҷмуи фаъолияти шабакаи марказҳои салоҳиятдор, марказҳои интиқоли арзишҳои маънавӣ ва табодули маҳсулоти илмӣ мебошад.




**Расми 3.1.4. – Инфрасохтори кластери илмию таълимӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муносибати байни сохтори низоми идоракунӣ ва шаклҳои ба он алоқаманд маҷмуи технологияҳои татбиқи идоракунии воҳидҳои эҳтимолии сохтори кластери илмию таълимиро муайян мекунад. Арзёбии онҳо имкон медиҳад, ки тағйирёбии ноил шудан ба ҳадафҳои кластери илмӣ ва таълимӣ пешгӯӣ карда шавад. Ҳамзамон, иқтидори идоракунии муассисаи олии касбӣ ҳамчун сохтори асосӣ дар ташаккули кластери илмию таълимӣ ва захираҳои идоракунии унсурҳои сохтории кластер муайян карда шуда, доираи фаъолияти мустақилонаи онҳо пешбинӣ мегардад. Он камбудиҳои ҷойдоштаи низоми идоракунӣ, ки дар натиҷаи баҳодиҳӣ муайян карда шудаанд, ислоҳи фавриро талаб мекунад, то ин ки ба нокомӣ дар фаъолияти кластер оварда нарасонанд.

Вобаста ба тахассуси худ кластери илмию таълимӣ чунин системаи маълумотҳои муайянро метавонад дар бар гирад.

1. Маълумот оид ба ташаккули оқилонаи идоракунии сохторҳо, ки ба кластери минтақавии илмию таълимӣ ва механизми муттаҳиднамоии молиявию иқтисодӣ зарур мебошанд.

2. Иттилооте, ки раванди диверсификатсияи (барои як корхонаи мушаххас) фаъолияти корхонаро барои васеъ намудани доираи маҳсулоти илмбунёд пешниҳод менамояд.

3. Маълумоте, ки бунёди иншооти инфрасохторӣ, ки фаъолияти ҳамаи унсурҳои сохтории кластерро таъмин менамоянд, асоснок менамояд, масалан, намояндагони тиҷоратӣ, маркази робита бо ҷомеа ва ВАО, маҷмааи намоишгоҳи молҳо ва ярмаркаҳо.

Ҳангоми асосноккунии стратегияи оқилонаи самарабахши ташаккули кластери минтақавии илмию таълимӣ бояд дастаҷамъона меъёри қабули дастурҳо муқаррар гардида, мақсади асосии он оид ба интихоби стратегия муайян карда шаванд.

1. Риояи мутобиқати ҳадафҳо;

2. Ҳаҷми зарурии сармояи ибтидоӣ дар сохторҳои мушаххас барои ташкили иштироки шарикӣ дар фаъолияти кластер;

3. Муҳлатҳои бозпардохти сармоягузории портфелие, ки барои фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ҷалб карда шудаанд;

4. Иқтидори ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳо;

5. Рақобатпазирии маҳсулот;

6. Самаранок истифода бурдани хусусиятхои ҳудудӣ ва иқтидори минтақавӣ (аз ҷумла иҷрои воқеии супоришҳои вилоятӣ ё шаҳрӣ, имтиёзҳои андозбандӣ, қарзҳои имтиёзнок ва ғайра).

Марҳилаи навбатӣ дар ташаккули кластери илмию таълимии минтақавӣ таҳияи консепсия ҳамчун маҷмуи систематиконидашудаи принсипҳо, қоидаҳо ва маҳдудиятҳое мебошад, ки барои ҳамаи иштирокчиёни раванд ҳатмӣ мебошанд. Пас аз қабули консепсия дар

асоси машварат марҳилаҳои ташаккули кластери илмию таълимӣ зина ба зина асоснок мегардад. Татбиқи стратегияи ташаккули кластери минтақавии илмию таълимӣ пайдарпайии амалҳоро талаб карда, раванди арзёбии рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияти кластери илмию таълимиро аз рӯйи меъёрҳои гуногун дар бар мегирад. Ҳар яки онҳоро ба таври муфассал дида мебароем.

Якум, низоми арзёбии рақобатпазирӣ дар доираи кластери илмию таълимӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми истифодаи ин вариант мушкилоти аососӣ дар он аст, ки низоми арзёбии рақобатпазирии фаъолияти тадқиқотӣ ва таълимӣ, ки дар як қатор муассисаҳои олии касбии Тоҷикистон мавҷуданд, пеш аз ҳама ба сифати раванди таълим баҳои баланд медиҳанд. Аммо арзёбии натиҷаҳои фаъолияти илмиро дуюмдараҷа меҳисобанд ё ҳамчун унсурҳои инфрасохтори ёрирасон ба ҳисоб мегиранд. Омили объективии маҳдудкунандаи баҳодиҳии рақобатпазирии натиҷаҳои кластери илмию таълимӣ ин мавҷуд будани бюрократизм дар татбиқи вазифаҳои назорат аз болои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Дар навбати худ имкониятҳои рушди онҳоро ба таври назаррас камтар намуда, ҳолати ҳавасмандсозии кадрҳоро паст мегардонад.

Дуюм, азбаски хусусияти натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ бо он муайян карда мешавад, рақобатпазирии онҳо бо ҳамкории зичи истеҳсолӣ, илмӣ ва таълимӣ, ки ба таъмини ҳадди аксар ба фазои иқтисодӣ ва саноатии минтақа нигаронида шудааст, таъмин карда мешавад. Дар ҳолате ки ташкилот-истеъмолкунандаи маҳсулот низоми сертификатсияшудаи баҳогузориро истифода намояд, он гоҳ арзёбии бартаридоштаи рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияти кластери илмию таълимӣ метавонад тахассусӣ бошад ва ба равандҳои такмили таҳия ва татбиқи онҳо боис гардад.

Самараноктарин вариант ин варианти сеюм ба ҳисоб меравад, ки рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияти кластери илмию таълимиро дар маҷмӯъ баҳогузорӣ менамояд, ки аз омезиши унсурҳои муайяни арзёбии

маҳсулоти илмталаб дар раванди таҳия ва озмоиши онҳо иборат аст. Вобаста ба муҳити институтсионалии минтақавӣ ҳангоми рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар доираи ин комплекс амалӣ карда мешаванд, варианти афзалиятноки арзёбии рақобатпазирии натиҷаҳои кластери мазкур интихоб карда мешавад.

Таъмини дараҷаи зарурии рақобатпазирии маҳсулоти илмталаб бо қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои пешбинигардидаи кластери илмию таълимӣ зич алоқаманд аст. Дар ин маврид модели консептуалии мониторинг ва арзёбии фаъолият дар робита ба фаъолияти кластери илмию таълимӣ метавонад ҳамчун воситаи ҳалли масъала хизмат кунад. Сохтори асосӣ ва функсионалии он принсипи ҷудо кардани се сатҳро дар сохтори низоми идоракунӣ (фаврӣ, тактикӣ ва стратегӣ) дар бар мегирад.

Ҳамин тавр метавон қайд намуд, ки ташкили кластерҳои илмию таълимӣ барои пешгирӣ аз такрор шудани ихтисосҳои якхела дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ равона гардида, иқтидори сармояи инсонии ҳудудҳои муайян доштаро тақвият мебахшад.

Дар доираи кластерҳо қабули тафриқавии донишҷӯён ва шунавандагон сурат гирифта, фазои таълимоти бефосиларо тавассути барномаҳои суръатбахши таълим ва механизми гузариш аз як зинаи таҳсилоти касбӣ ба зинаи дигар, аз як муассисаи таълимӣ ба муассисаи таълимии дигар содда ва амалӣ мегардонад. Кластерҳо дурнамои хуб доранд ва имкон медиҳанд, ки ҳамаи курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат аз марказҳои таълимӣ ба муассисаҳои таълимӣ гузаранд ва бо ин роҳ имкон фароҳам меоранд, ки сифат ва неруи таълимии кормандон назорат карда шаванд. Дар баробари ин, корфармоён барои бозомӯзӣ ё идомаи таҳсили мутахассисон маблағи иловагӣ сарф намекунанд.

Далели бартарӣ доштани ташкили кластерҳои илмию таълимӣ барои такрористеҳсолии иқтидори таълимӣ ин баланд бардоштани ҷолибияти муассисаҳои таълимӣ барои хатмкунандагони мактабҳо мебошад. Дар ин маврид кафолати тайёрии касбии донишҷӯён ва бо кор таъмин намудани хатмкунандагон имконияти гирифтани якчанд касб, ки

дастрасии ҳар як одамро ба намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ васеъ мекунад, ба вуҷуд меояд. Дар баробари ин муҳлатҳои таҳсилоти касбӣ кам гардида, хароҷоти молиявии хоҳишмандон барои таҳсил коҳиш ёфта, имкониятҳои бо кор таъмин намудани хатмкунандагон аз рӯйи ихтисосашон зиёд мешавад.

Таъмини дараҷаи зарурии рақобатпазирии маҳсулоти илмталаб бо қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои пешбинигардидаи кластери илмию таълимӣ зич алоқаманд аст. Дар ин маврид модели консептуалии мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият нисбат ба фаъолияти кластери илмию таълимӣ метавонад ҳамчун воситаи ҳалли масъала хизмат кунад. Асоси сохторӣ ва функсионалии он принсипи ҷудо кардани се сатҳро дар сохтори системаи идоракунӣ (амалӣ, тактикӣ ва стратегӣ) дар бар мегирад.

## 3.2. Хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Яке аз тамоюлҳои муҳим ва фарққунандаи ҷаҳони муосир инкишофи босуръат ва густариши фановариҳои рақамӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқон нишонаҳои асосии тамоюли мазкурро ҷудо карда истода онро иқтисоди рақамӣ унвон намуданд, ки дар шароити феълӣ ботадриҷ тамоми бахшҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро фаро мегирад. Таъсири иқтисоди рақамӣ ба сармояи инсонӣ баҳси муфассалест, ки перомуни он андешаҳо ва нуқтаи назарҳои мухталиф пешниҳод шудаанд ва то ҳоло дар маъразк баҳсу ихтилоф қарор дорад.

Хусусияти хоси иқтисоди рақамӣ дар он аст, ки навовариро бояд ҳамчун омили асосии рушд дарк намуд. Аз ин рӯ, дар иқтисодиёти рақамӣ корхонаҳои саноатӣ дар истеҳсолот ба рушди навоварӣ диққати махсус медиҳанд. Дар шароите ки татбиқи навовариҳо омили муҳимтарини

рақобатпазирии корхона мегардад, рушди босуръати технологии корхона ба амал меояд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи рушди технологӣ барои корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Истифодаи технологияҳои нав ба афзоиши фаъолонаи самараи истеҳсолот оварда мерасонад. Инчунин сифати маҳсулотро беҳтар гардонида, барои коҳиши арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад ва ҷиҳати кам кардани партовҳои зараровар мусоидат мекунад. Бинобар ин, мушоҳидаи тамоюлҳои рушди техника ва технологияҳои нав ҳамавақт муҳим аст, ки метавонад ҷолибияти маҳсулоти ниҳоиро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Рушди навоварии корхонаҳо ва шумораи зиёди навовариҳое, ки дар бозор ва иқтисодиёти рақамӣ пайдо шудаанд, аҳаммияти арзёбии таъсири рақамикунонии иқтисодиётро ба рушди навоварии корхонаҳо муайян мекунанд. Рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар аз тайёрӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навоварӣ вобаста аст.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки таъсири иқтисодиёти рақамӣ ба корхонаҳои саноатӣ, аниқтараш, паҳлуҳои навоварии рушди он ба таври муфассал омӯхта шаванд. Зеро навовариҳо ҳар лаҳза метавонанд дигаргун шаванд ва афзалиятҳои зарурирo корхонаҳо барои рақобатпазир гардидан бояд истифода баранд. Тавсифи тағйироте, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти рақамӣ таъсир мерасонанд, метавонад паҳлуҳои норавшани ин муамморо ошкор намояд.

Лозим аст, ки мафҳуми «иқтисоди рақамӣ»-ро муайян карда, ҷузъҳои асосии онро ҷудо намуда, инчунин таъсири онро ба корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ намоем. Иқтисоди рақамӣ дар кишварҳои ҷаҳони муосир босуръат рушд мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд дар канор нест.

Аввалин шуда кӣ истилоҳи иқтисоди рақамиро дар соҳаи илм ворид намудааст, маълум нест. Баъзеҳо бар ин ақидаанд, ки дар адабиёти иқтисодӣ бори аввал таърифи мафҳуми иқтисоди рақамиро олим Н. Негропонте соли 1995 дар Донишгоҳи Массачусетс пешниҳод карда буд.

Аммо Ю. Хохлов бар он назар аст, ки Дю. Тапскотт аввалин шуда ин истилоҳро дар асари худ бо номи «Ҷомеаи рақамии электронӣ» истифода кардааст[1]. Ҳоло олимон таърифҳои мухталифро дар ин бора пешниҳод мекунанд, ки яке аз дигаре тавофут дорад. Бо вуҷуди ин, қариб ҳамаи муаллифон қайд мекунанд, ки иқтисодиёти рақамӣ дар асоси инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташкил шудааст. Бонки ҷаҳонӣ иқтисодиёти рақамиро ҳамчун як системаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян мекунад, коршиносони Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Рушд бошанд, бар ин назаранд, ки иқтисодиёти рақамӣ бозорест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст[2], дар баробари ин мутахассисони ширкати машварартии Бостон муътақид бар онанд, ки иқтисоди рақамӣ – ин истифодаи имкониятҳои муошироти маҷозӣ (онлайн) аст[3].

Ҷаҳонишавии ҳаёти иқтисодӣ ва афзоиши нақши навовариҳои фановарӣ дар рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон нақши иттилоотро ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирӣ дар иқтисоди муосир ба таври ҷиддӣ афзоиш додааст. Айни замон барои мақомоти идоракунандаи соҳаи иқтисодиёт зарурати ташаккули ниҳодҳои асосӣ ба миён омадааст, ки дар доираи онҳо бояд самтҳои асосии рушди

---

[1]Чуланова О.Л. Компетенции персонала в цифровой экономике: операционализация персонала организации с учетом ортобиотических навыков и навыков / О.Л. Чуланова // Вестник евразийской науки. – 2019. Т.11. – № 2. – С. 12.

[2]Положихина М.А. Цифровая экономика как социально-экономический феномен / М.А. Положихина // Экономические и социальные проблемы России. 2018. – С. 16.

[3] Ильченко А.Н., Ильченко К.А. Цифровая экономика как высшая ступень развития инфокоммуникационных технологий / А.Н. Ильченко, К.А. Ильченко // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. 2018. – № 3 (55). – С.59.

иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шаванд. Иқтисоди рақамӣ дар марҳилаи гузариш ба рушди навоварии иқтисоди Тоҷикистон ин фаъолияти иқтисодӣ дар асоси технологияҳҳои рақамӣ буда, дар фазои рақамӣ, аз ҷумла бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат амалӣ карда мешавад.

Оид ба мафҳуми иқтисоди рақамӣ аз ҷониби олимони тоҷик андешаҳои гуногун пешниҳод гардидааст.

Масалан, М.М. Холматов мафҳуми иқтисоди рақамиро чунин шарҳ додааст: «Иқтисоди рақамӣ – фаъолияти иқтисодиест, ки дар натиҷаи васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар истеҳсолот, идоракунӣ ва дигар равандҳо бо мақсади таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла беҳтар намудани сифати зиндагӣ ва рақобатпазирии иқтисоди кишвар мебошад»[1]. Назари муаллиф дар ин аст, ки иқтисоди рақамӣ дар раванди идоракунӣ бештар истифода карда мешавад.

Таҳқиқотчиён Ш.Т. Қаюмова ва С.А. Азизов ташаккулёбии ҳукумати электрониро натиҷаи расидан ба иқтисоди рақамӣ мешуморанд. Бинобар ин моҳияти мафҳуми иқтисоди рақамиро чунин шарҳ додаанд: «Иқтисоди рақамӣ ин механизмҳои рақамии пешбурд, ки дар доираи он ҳисоботдиҳии байни вазорату идораҳо ва мақомотҳо тавассути пешниҳоди нишондиҳандиҳандаҳо бо мақсади беҳтаршавии мавқеи ҷумҳурӣ, дастрасӣ ба интернети фарохмавҷӣ ва мобилӣ, афзоиши трафикҳои байналмилалӣ, миқдори муассисаҳо ва корхонаҳои ба низоми ягонаи давлатии рақамӣ пайвастшуда, афзун намудани шумораи истифодабарандагони хизматрасонии рақамӣ, болоравии сифати хизматрасонӣ сурат гирифта, заминаи асосии онро татбиқи ҳукумати

[1] Холматов М.М. Цифровая экономика современного Таджикистана // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Душанбе, 2020. – № 1(69) – С.113.

электронӣ муайян месозад»[1]. Онҳо чунин ибрози андеша доранд, ки бавуҷудоии иқтисоди рақамӣ метавонад ба пешниҳоди хизматрасониҳои гуногун мусоидат намояд.

Таҳқиқотчии дигари ватанӣ М.Ф. Қосимзода дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдода андешаҳои худро оид ба иқтисоди рақамӣ чунин баён намудааст: «Иқтисоди рақамӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёт мебошад, ки дар он донишҳои субъектҳо ва истеҳсолоти ғайримоддӣ бартарӣ дошта нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи он ҷомеаи иттилоотӣ мебошад»[2]. Ӯ иброз медорад, ки иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба иқтисоди рақамӣ зарур мебошад.

Муҳаққиқони дигар С.С. Мавлоназаров ва Р.С. Одинаев иқтисоди рақамиро заминаи мусоид барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ташкили муҳити сармоягузорӣ арзёбӣ намуда, таърифи мафҳуми мазкурро чунин пешниҳод менамоянд: «Иқтисодиёти рақамӣ чун маҷрои нави рушди иқтисодӣ дар асоси мубодилоти далелҳо, иттилоот дар режими вақти воқеӣ пайваста бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, мувоффиқ бо ниҳодҳо, заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ сурат гирифта, ба беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагӣ ва муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд»[3].

Баъзе аз олимон чунин ақида доранд, ки барои рушди иқтисодиёти рақамӣ бахши хусусӣ низ мавқеи хоса дорад. Масалан, Д.У. Усмонов қайд менамояд, ки: «Баҳри рушди иқтисодиёти рақамӣ дар мамлакат дар

---

[1] Қаюмова Ш.Т., Азизов С.А. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи мусоид барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – № 4/1(48). – С.56.

[2] Қосимзода М.Ф. Ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2021. – № 2(51). – С.99.

[3] Мавлоназаров С.С., Одинаев Р.С. Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.194.

баробари иштироки мақомоти давлатӣ, инчунин ҷалби бахши хусусӣ низ муҳиммияти хосса дорад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки аллакай то ҷое иқтисодиёти рақамиро роҳандозӣ намудаанд, нишон медиҳад, ки бахши хусусӣ ва махсусан стартапҳо ва иштироки васеи ширкатҳои бахши технологӣ ва махсусан хусусияти фаромиллидошта ба рушди иқтисодиёти рақамӣ таккони ҷиддӣ мебахшад»[1]. Дар ҳамин ҷо Д.У. Усмонов қайд менамояд, ки дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ зарур аст.

Дар навбати худ Р.М. Species Бобоҷонов қайд менамояд, ки дар заминаи рушди иқтисоди рақамӣ асосҳои институтсионалиро метавон ҳамчун системаи муносибатҳо, шароит, қоидаҳо ва механизмҳое шарҳ дод, ки рушди динамикии худи иқтисоди рақамиро таъмин мекунанд[2]. Аз ин ҷо бармеояд, ки рушди иқтисоди рақамӣ аз омилҳои институтсионалӣ вобастагӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтисоди рақамӣ як фаъолияти иқтисодие мебошад, ки дар он омили асосии истеҳсолот – маълумот, дар шакли рақамӣ буда, коркарди маълумот дар ҳаҷми калон ва истифодаи натиҷаҳои таҳлили он дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии фаъолияти гуногуни намудҳои истеҳсолот, технология, таҷҳизот, нигоҳ доштан, фурӯхтан, молрасонӣ ва хизматрасониро таҷассум намояд.

Мафҳум ва таърифҳои гуногунро дар ин ҷода таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки иқтисодиёти рақамӣ тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъмин мегардад. Дар асоси маводи омӯхташуда, мо таърифи мафҳуми иқтисоди рақамиро чунин таҳия намудем: иқтисоди рақамӣ ин низоми истеҳсолӣ, тиҷорат,

---

[1] Усмонов Д.У. Роҳҳо ва имкониятҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – № 1. 2022. – С.133.

[2] Бабаджанов Р.М. Государственное управление институциональным развитием цифровой экономики Республики Таджикистан // Экономика Таджикистана. – № 2. 2021. – С. 94.

робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъмин ва дастгирӣ мешавад ва сатҳи баланди рушди сармояи инсониро дар ҷомеа тақозо менамояд.

Хусусиятҳои хоси иқтисоди рақамиро дар замони ҳозира, ки аз иқтисодиёти классикӣ фарқ мекунанд, баррасӣ менамоем:

- усули шабакавии ҳамоҳангсозии муносибатҳои иқтисодӣ, ки сатҳи баланди рушди сармояи инсониро талаб мекунад. Яъне танҳо кадрҳои баландихтисоси дорои малакаи корӣ бо фановариҳои нав метавонад усулҳои шабакавии ҳамоҳангсозии муносибатҳои иқтисодро истифода намояд;
- рушди босуръати соҳаҳои гуногуни фаъолият, ки омодагии кадрҳоро барои иҷрои вазифаҳои гуногун тақозо менамояд;
- шакли бартаридоштаи дониш – дониш дар соҳаи фановариҳои иртиботӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки танҳо дар сурати омодагии махсуси касбӣ ҳосил мешавад;
- навовариҳои ошкоро дар иқтисодиёт, афзоиши нақши онҳо, ки ба рушди сармояи инсонӣ замина мегузорад;
- манбаи асосӣ – иттилоот, ки барои инкишофи сармояи инсонӣ мусоидат менамояд;
- ба ғайр аз соҳаҳои анъанавӣ инкишоф додани соҳаҳои эҷодӣ, ки бевосита рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва навоваронаи сармояи инсониро тақозо менамояд.

Дар асоси таҳлили муқоисавии давраҳои гуногуни тараққиёти иқтисодиёт ва саҳми инсон дар ин марҳалаҳо, ки В. Кузнецов дар мақолаи «Иқтисоди нав ва консепсияи постиндустриалӣ» овардааст, метавон хулоса кард, ки дар иқтисодиёти рақамӣ шахсияти асосӣ мутахассисест, ки иттилоотро коркард мекунад ва навовариҳоро таҳия намуда иттилоот

ва донишро ба муҳимтарин манбаи даромад табдил медиҳад[1]. Иқтисоди рақамиро метавон дар панҷ самт – иқтисоди иттилоотӣ, иқтисоди хизматрасонӣ, иқтисоди инноватсионӣ, иқтисоди дониш, иқтисоди эҷодӣ (вобаста аз намуди захираҳо) муаррифӣ кард, ки омили асосии он самтҳое мебошанд, ки дар расми 3.2.1. нишон дода шудааст[2].




**Расми 3.2.1. - Унсурҳои иқтисодиёти рақамӣ**

**Сарчаша:** таҳияи муаллиф

Маълумот ва дониш имкон медиҳад, ки қарори дахлдорро зуд қабул намуда, талаботҳои истеъмолкунандагон пайваста мушоҳида карда шаванд, чунки талаботҳои истеъмолкунандагон метавонанд зуд тағйир ёбанд, ки сабаби асосиаш ин имкониятҳои рақамии интиқоли иттилооти аз ҷониби шабакаи ҷаҳонии «Интернет» пешниҳодшаванда мебошад.

[1] Кузнецов В.А. Новая экономика и постиндустриальное общество: сопоставление понятий / В.А. Кузнецов // Вестник Челябинского государственного университета. – 2009. – № 2 (140). – С.24.

[2] Заходякин И.В. Постиндустриальная экономика - что значит это понятие в современном мире? / И.В. Заходякин // Креативная экономика. – 2008. – № 1. – С.98.

Ба иқтисодиёти рақамӣ ҳаҷми зиёди хизматрасониҳо хос аст, ки дар баробари истеҳсолот даромад ба даст меорад. Соҳаи хизматрасонӣ ба соҳаи асосии иқтисодиёти рақамӣ табдил меёбад. Хизматрасонӣ фаъолиятеро дар назар дорад, ки барои фароҳам овардани шароите, ки дар он истеҳсолот ба роҳ монда мешавад ва одамон дар он кор мекунанд, равона шудааст. Дар чунин ҳолат хизматрасониҳо ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолотро пурра ҳамроҳӣ мекунанд (масалан, расонидани маҳсулот, таъмин, боркунӣ, борфарорӣ, хадамоти назорати сифат ва ғ.).

Аксар вақт хизматҳо дар асоси фаъолияти баланди зеҳнӣ ба миён меоянд, масалан, пешниҳоди хизматҳои машваратӣ ҳангоми таҳияи нақшаи рушди корхонаҳо ё нақшаи ҷорӣ намудани низоми нави рақамӣ, инчунин хизматҳои маркетингие, ки ҳангоми таҳия ва коркарди маҳсулот истифода мешаванд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи истеҳсоли маҳсулот таҳлили бозор ва аудит ниҳоят муҳим аст. Хизматрасониҳо ба мониторинги муайян кардани рафтор ва хоҳиши мизоҷон, мониторинги фикру мулоҳизаҳо ва қонеъ кардани ниёзҳои мушаххаси муштариён равона карда мешавад. Инноватсия ва татбиқи корҳои илмӣ як ҷузъи иқтисоди рақамӣ буда, сифати маҳсулот, самаранокии истеҳсолот ва самаранокии равандҳои муосирро таъмин мекунанд.

Сармояи инсонӣ инчунин як захираи калидӣ дар иқтисодиёти рақамӣ мебошад, зеро роботҳо дар аксари ҳолатҳо меҳнати муқаррарии инсониро иваз мекунанд ва ба шахс имкон медиҳад, ки танҳо ба кори зеҳнии эҷодӣ машғул шавад. Инчунин дараҷаи маълумотнокӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти омӯзиш ва эҷодкорӣ аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тариқ, сохтори иқтисоди рақамӣ дорои хусусиятҳои ба худ хосест, ки онро аз иқтисодиёти марҳилаи саноатӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар сохтори ширкатҳо саҳми калонро ширкатҳои фаромиллие ишғол мекунанд, ки инноватсияҳоро таҳия ва паҳн менамоянд. Бисёр ширкатҳои инноватсионии хурд (стартап) пайдо шуда, ба фаъолияти навоварӣ машғул мешаванд.

Дар ин ҳолат ба таври назаррас коҳишёбии ҷойҳои корӣ ба назар мерасад, зеро кормандонро дастгоҳҳои замонавӣ иваз менамоянд ва касбҳои нави марбут ба технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ пайдо мешаванд. Дар баробари ин, шаклҳои нави ҷалби сармоя ва шаклҳои саҳҳомии моликият ба вуҷуд меоянд. Истифодаи хизматҳои рақамӣ метавонад ба таври назаррас суръати фаъолияти корхонаро тезонда, самараи онро зиёд кунанд. Шумораи платформаҳои тиҷоратӣ дар шабакаҳои Интернетӣ бемаҳдуд гардида, захираҳои умумӣ барои ширкатҳои гуногун таъмин карда мешаванд. Ҳамзамон усули шабакавии иртибот тавассути системаи кластерӣ, ҳамкории зичи тиҷорати калон, хурд ва давлат – як низоми муттаҳидшударо ташкил намуда, сармоягузорӣ ба соҳаҳои эҷодкорӣ, талаботи шадиди муштариён ва тиҷорати электронӣ афзоиш меёбад.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ корхонаҳо бояд ба рушди кадрҳо ҳамчун як ҷузъи иқтидори инноватсионии корхона диққати махсус зоҳир намояд. Дар чунин низоми иқтисодӣ сохтор ва нақши кормандон тағйир меёбад ва ба туфайли автоматикунонии (компютерикунонӣ) ҷараёни истеҳсолот шумораи коргароне, ки ба фаъолияти зеҳнӣ машғуланд, афзуда шумораи коргароне, ки ба меҳнати ҷисмонӣ (дастӣ) машғуланд, баръакс кам мешаванд. Ҳамчунин маблағгузории рушди сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани ҳама гуна имкониятҳои омӯзишӣ барои кормандони корхона нақши махсус мебозад. Қобилияти асосии кормандон эҷодкорӣ, пешниҳоди ғояҳои нав ва навоварӣ ба ҳисоб меравад ва бинобар ин, зарур аст, ки ҳифзи ғояҳои пешниҳодшуда, яъне навсозии низоми моликияти зеҳнӣ таъмин карда шавад[1].

Барои бомуваффақият ва босамар анҷом додани корҳо дар корхона бояд муомилоти электронии ҳуҷҷатгузорӣ ҷорӣ карда шавад. Зеро ин равандҳои фаъолиятро метезонад, имкони интиқоли электронии ҳуҷҷатҳо

[1] Царегородцев Ю.Н., Башина О.Э., Карманов М.В Образование как основа формирования человеческого потенциала и человеческого капитала // Социальная политика и социальное партнерство. – 2019. – № 1. – С.15.

ва имзои электрониро таъмин менамояд. Воридшавӣ ба бозорҳо ва платформаҳои тиҷорати электронӣ имкон медиҳад, ки мизоҷон ва молтаъминкунандагон зуд пайдо шаванд. Чунин муносибати нав барои назорат кардани фаъолияти корхона низ истифода мешавад, ки он дар ҷамъоварии маълумоти ҳаҷман зиёд дар шакли рақамӣ ва дар истифодаи зеҳни сунъӣ мусоидат менамояд.

Истифодаи хизматҳои рақамӣ дар корхонаи саноатӣ метавонад имкониятҳои навро барои фурӯши маҳсулот, барои таҳлили лоиҳа ва эҷоди консепсия, инчунин барои баланд бардоштани дақиқии равандҳо ва назорат боз кунад.

Омилҳои асосии рушд инноватсия, иттилоот, дониш, моликияти зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ ба шумор мераванд. Албатта, дар иқтисодиёти рақамӣ инноватсия дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад, ки онро дар истифодаи низоми интеллектуалии пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар истифода мекунанд[1]. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои вазорату идораҳо раёсатҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сиёсати инноватсиониро таъсис дод, ки ба рушди соҳибкорӣ дар кишвар, аз ҷумла рушди соҳибкории инноватсионии истеҳсолӣ таъсири худро расонида истодааст.

Як қатор омилҳои рушди корхонаҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти баъдисаноатӣ мавҷуданд, ки ҳангоми арзёбии фаъолияти корхона бо мақсади муайян кардани самтҳои рушди он ба назар гирифта мешаванд[2]. Барои муайян кардани самтҳои дастгирии соҳибкорон таҳқиқоти илмӣ гузаронида, исбот карда шуд, ки кумаки молиявӣ барои пардохти музди меҳнати кормандон, ворид шудан ба бозорҳои нав, рушди технологӣ ва ё кумак дар қабул ва ҷустуҷӯйи кадрҳо дар мадди аввал меистад.

---

[1] Зайцев И.А., Гурцкой Л.Д. Влияние цифровизации экономики на инновационное развитие промышленных предприятий // Друкеровский вестник. – 2019. – № 6. – С.162.

[2] Коровин Г.А. Цифровизация промышленности в контексте новой индустриализации РФ // Общество и экономика. – 2018. – № 1. – С.19.

Барои ҳалли ин мушкилот се восита таҳия шудааст: ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ, боздид аз донишгоҳҳо ва ҳалли масъалаю санҷиш бо тариқи маҷозӣ (онлайн).

Ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ моҳе як маротиба дар майдони тиҷорати рақамӣ, муассисае ки ба ниҳодҳои давлатӣ тааллуқ дорад, баргузор мешаванд, ки дар он форумҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо дар самтҳои муайяни фаъолият баргузор мешаванд. Ба ярмаркаи ҷойҳои корӣ намояндагони ширкатҳо, инчунин донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии кишвар ва намояндагони донишгоҳҳо даъват мегарданд. Платформаи мазкур имконияти хуберо барои тамос байни ду ҷонибҳои манфиатдор фароҳам меорад ва натиҷаи ҳамкориҳо дар фарогирии шуғл ё баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ширкат мушоҳида мешавад.

Боздид аз донишгоҳҳо ва муаррифии барномаҳои инноватсионии ширкат ба шарикон ва соҳибкор имконият медиҳанд, ки маҳсулоти худро ба доираи васеи донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ намоиш диҳанд. Донишҷӯён имконият пайдо менамоянд, ки бо тиҷорати хурди электронӣ шинос шаванд ва дар бораи маҳсулоти инноватсионӣ маълумотҳои иловагиро дастрас намоянд. Дар чунин шакли вохӯриҳо масъалаҳои марбут ба барнома ва маҳсулот баррасӣ шуда, донишҷӯён инчунин имкони гузаштани таҷрибаомӯзӣ ё бо ҷойи кор таъмин шуданро пайдо менамоянд.

Воситаи сеюм, ки барои таъмини ҳамкории байни донишҷӯён ва соҳибкорон истифода мешавад, платформаи маҷозӣ (онлайн) аст. Соҳибкорон масъалаҳои гуногунро дар сомонаҳои худ ҷойгир менамоянд, то ин, ки донишҷӯён онҳоро ҳал карда, салоҳияти худро барои ҳалли масъалаи мушаххас исбот кунанд ва имконияти гузаштани таҷрибаомӯзиро ба даст биёранд ё бо ҷойи кор пурра таъмин шаванд. Лоиҳа барои ҳарду ҷониб имтиёзҳо фароҳам меорад. Дар ҷадвали 3.2.1 афзалиятҳои лоиҳаро барои «технологҳои оянда» ба соҳибкорон ва донишҷӯён пешниҳод мекунем.

Бояд қайд намуд, ки дар баъзе аз давлатҳои пешрафта барномаи «Технологҳои оянда» консепсияи худро тағйир дод, ки ҳадафи асосии барнома на ба кор дар ширкатҳои фановариҳои навоварӣ, ҳарчанд ин қисми барнома боқӣ мемонад, балки ҳалли мушкилоти тиҷорати корхонаҳо мебошад. Бинобар ин, бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ имконияти ҷорисозии чунин барнома дар Тоҷикистон ҷой дорад.

**Ҷадвали 3.2.1. – Манофеи муштарак аз татбиқи лоиҳаи «Технологҳои оянда» барои соҳибкорон ва донишҷӯён**

| Манфиат барои соҳибкорон | Манфиат барои донишҷӯён |
|---|---|
| – имконияти ба кор қабул кардани кормандони боистеъдод;<br>– имконияти ба таври оммавӣ намоиш додани маҳсулот, минҷумла, ба донишҷӯёни беҳтарин муассисаҳои олии касбӣ;<br>– имконияти муаррифии худ дар васоити ахбори омма;<br>– омузиши маркетингии бозор ва ғ. | – имконияти пайдо кардани кор дар ширкатҳои инноватсионӣ;<br>– имконияти таҷрибаомӯзӣ;<br>– имконияти муошират бо мутахассисони навовар ва менеҷерҳои ширкатҳои машҳур;<br>– гирифтани маълумот оид ба хусусиятҳои хоси тиҷорат ва соҳибкорӣ да шароити муосир. |

**Саррчашма:** таҳияи муаллиф

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки барои ҳарду ҷониб як қатор имкониятҳои хуби пешбурди фаъолияташон фароҳам мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза дар лоиҳаи мазкур 7 самт, яъне самтҳои фаъолияти ширкатҳо пешбинӣ шудаанд: тиб, саноат, маориф, экология, нақлиёт ва логистика, бахши молиявӣ ва бахши IT-технология. Барномаи технологҳои оянда ин як барномаи дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна буда, бо роҳи ҳалли мушкилоти тиҷоратии онҳо аз ҷониби донишҷӯён ва ҷалби таҷрибаомӯзон ба онҳо мебошад[1].

Барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ дар доираи барнома як қатор роҳҳои ҳалли проблемаҳо мавҷуданд. Сохтори барнома дар расми 3.2.2. чунин тасвир шудааст.

[1] Секерин В.Д., Горохова А.Е. Инновационная среда как фактор эффективности коммерциализации инноваций // Известия Московского государственного технического университета МАМИ. – 2014. Т.5. – № 2 (20). – С.41.




**Расми 3.2.2. – Сохтори барномаи «Технологҳои оянда»**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар расми 3.2.2. имконоти гуногуни иртибот байни корхонаҳо ва донишҷӯён нишон дода шудааст. Ин формати онлайн аст, ки дар он донишҷӯён метавонанд мушкилоти тиҷоратро дар муҳити бароҳат ҳал кунанд. Ин формати семинар аст, «Кейс» методҳо, ки дар он дастаҳо масъалаи додашударо дар вақти маҳдуд ҳал мекунанд, инчунин ширкаткунандагон барои ҳалли мушкилоти глобалии ширкат чанд рӯзро бидуни танаффус мегузаронанд. Дар доираи лоиҳа ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ ташкил карда шуда, маълумот дар бораи шарикони барнома дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешавад.

Мушкилии баҳодиҳии сармояи инсонӣ бо қобилияти истеҳсоли арзиш пеш аз ҳама дар он аст, ки воҳиди сармояи инсониро на худи коргар, балки дониш, малака ва маҳорати ӯ муаррифӣ мекунад ва ин сармояи инсонӣ берун аз барандаи он яъне шахс вуҷуд дошта наметавонад.




**Расми 3.2.3. – Афзоиши нақши инсон дар иқтисодиёти муосир**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бо дарназардошти он ки гузариш ба рушди инноватсионии иқтисодӣ талаботро ба хусусиятҳои сохтории сифатии сармояи инсонӣ ба таври назаррас тағйир медиҳад, маҳз нишондиҳандаҳои сифатии сармояи инсонӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Хусусиятҳои демографии

кишварро ба назар гирифта, ин вазъиятро танҳо бо роҳи зиёд кардани шумораи одамоне, ки дар соҳаҳои хоҷагии халқ кор мекунанд, ислоҳ кардан мумкин нест.

Аз ин лиҳоз, мушкилоти мавҷударо метавон дар натиҷаи таҳия, қабул ва татбиқи барномаи давлатии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар ҳама сатҳҳо – ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ бартараф намуд. Ҳадафи асосии ин барнома бояд ташаккули механизмҳои самараноки такрористеҳсоли сармояи инсонӣ тавассути ҳавасманд намудани корфармоён барои иштирок дар фароҳам овардани шароите, ки таълимро:

а) ба талаботи равандҳои истеҳсолӣ ҷавобгӯ мегардонад;

б) ташкили манбаъҳои маблағгузории равандҳои такрористеҳсолӣ нисбат ба сармояи инсонӣ;

в) ташаккул ва рушди шароити мусоид, ки барои ҷалби муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатию ғайридавлатӣ ба такрористеҳсолии сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд;

г) татбиқи институтҳо ва воситаҳои шарикии иҷтимоӣ дар такрористеҳсоли сармояи инсонӣ;

д) татбиқи танзими самарабахши қонунгузорӣ ва маъмурии ин равандҳои такрористеҳсолӣ ва ғ.

Хусусияти сармояи инсонӣ дар он аст, ки он моликияти корхона шуда наметавонад, аз ин рӯ, бо рафтани сармояи инсонӣ арзиши сармояи сохторӣ, ташкилӣ ва мизоҷӣ ба таври автоматӣ аз даст меравад.

Қобили зикр аст, ки арзиши сармояи миллии инсонӣ натиҷаи ҷамъбасти механикии сармояи инсонии ҷудогона ва ҷузъҳои он нест, балки дар асоси ҳамкории доимӣ ва пуррагии ҳамдигар ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад, яъне зуҳуроти таъсири мутақобила мушоҳида мешавад.

Проблемаҳои сармояи инсонӣ ҳамеша объекти таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқон мебошанд. Ҳамзамон, қаблан ҳадафи омӯзиши мушкилоти сармояи инсонӣ баланд бардоштани ҳосилнокӣ, самаранокӣ ва рақобатпазирӣ буд. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таваҷҷуҳи бештар

ба масъалаҳои мутобиқсозии сармояи инсонӣ, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои идоракунии захираҳои меҳнатӣ дода мешавад. Таъсири иқтисоди рақамӣ ба сармояи инсонӣ дар расми 3.2.4 оварда шудааст.




**Расми 3.2.4. – Таъсири иқтисоди рақамӣ ба сармояи инсонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз замони пайдоиши назарияи идоракунии кадрҳо сармояи инсонӣ дигаргуниҳои назаррасро аз сар гузаронидааст. Сабаби асосии ин тағйиротҳо дар сохторҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, инчунин тағйироти илми иқтисодӣ нисбат ба нақшҳо, мазмун ва муносибат ба захираҳои меҳнатӣ буд[1].

Ба ташаккули сармояи инсонӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Тағйироти босуръати технологӣ;
2. Амиқтар шудани қарорҳои технологии фардӣ;

[1] Шваб К. Четвертая промышленная революция: пер. с англ. /К. Шваб. – М.: Эксмо, 2016. – С.20.

3. Идомаи расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таълимӣ (дар муқоиса бо давраи саноатӣ, ки таҳсилот вазифаи давраи мушаххаси синнусолӣ буд).

Ҳамин тавр бояд қайд намоем, ки дар иқтисодиёти рақамӣ муҳаррики асосии рушди навоварии одамони дорои маълумоти олидошта мебошанд, ки шароити мусоиди зиндагиро таъмин менамоянд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари талабот ба донишҳои рақамии кормандон, менеҷерҳо нисбат ба чунин сифатҳои шахсии кормандон, аз қабили муносибати эҷодӣ ба ҳалли мушкилот, қобилияти мутобиқат кардан ва ҳалли мушкилоти мураккаб ва инчунин, малакаҳои роҳбарӣ талаботҳои баланд мегузоранд. Дар иқтисодиёти рақамӣ, малакаҳои кормандон, ки онҳоро мошинҳо дар худ надоранд, махсусан арзишманд мешаванд. Инҳо одатан малакаҳое мебошанд, ки бо пешбурди инноватсия алоқамандanд. Таҳқиқотҳои аз ҷониби муаллиф гузаронида-шуда нишон доданд, ки зиёда аз се ду ҳиссаи топ-менеҷерҳо ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ комёб шудаанд. Тақрибан ҳар панҷяки ширкатҳои бузургтарини ҷаҳон вазифаи муовини менеҷерро ҷорӣ кардаанд, ки татбиқи технологияҳои рақамиро назорат мекунад ва барои самаранокии татбиқи стратегияи рақамии корхона масъул мебошанд. Ин равандҳо коркарди консепсияи рушди сармояи зеҳниро дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсиониро тақозо менамоянд.

### 3.3. Консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сохтори рушди иқтисоди ҷаҳонӣ аз солҳои 1970-ум ба далели рушди босуръати технологияҳо, махсусан дар соҳаи алоқа, компютер ва техникаи биологӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Ҳамин тавр, арзёбии донишу малака ҷойи арзёбии сармояи пулӣ, сармояи замин ва ҷисмониро ҳамчун муҳимтарин ҷузъи баҳодиҳии худи сармоя, бахусус дар соҳаи рақобатпазири технологияҳои ҷадид гирифтааст. Мафҳуми

сармояи зеҳнӣ дар адабиёт васеъ истифода мешавад, аммо то солҳои наздик он қадар маъмул набуд. Дар ҳолати босуръат рушдёбанда гардидани сармояи зеҳнӣ ба як соҳаи ҷолиби таҳқиқотчиён табдил меёбад, хусусан вақте, ки барои баҳодиҳии дороиҳои ғайримоддӣ, сармояи зеҳнӣ манбаи асосии иттилоот мегардад, ки маҷмуи тамоми донишҳои кормандони ширкат ва воситаҳои созмонро муайян мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ шарҳи якхелаи мафҳуми «сармояи зеҳнӣ» вуҷуд надорад. Таъриф ва таҳқиқи моҳияти сармояи зеҳнӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар асарҳои Л. Эдвинсон, Т. Стюарт, Э. Брукинг, Т. Бузан, Р. Нельсон, Б.Б. Леонтьева, В.Л. Иноземцева, С. Ленской, К. Багриновский ва дигарон бахшида шудаанд. Ба андешаи мо, сармояи зеҳнӣ, маҷмуи хусусиятҳои сифатӣ, аз ҷумла маълумот, қобилият, дониш, малака, хусусан малакаҳои одамоне фаҳмида мешавад, ки тафаккури созандаро эҷод ва такмил медиҳанд ва дар навбати худ ба рушди устувори иқтисодӣ дар сатҳи куллан нав мусоидат мекунанд.

Аз нуқтаи назари стратегӣ, сармояи зеҳнӣ барои эҷод ва баланд бардоштани арзиши ташкилӣ истифода мешавад, ки дар он нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ якҷоя карда шуда, тахти таъсири иқтисодиёти дониш бодиққат инъикос карда мешаванд ва барои идоракунии он маълумоти дақиқтар пешниҳод мегардад. Арзёбӣ ва идоракунии сармояи зеҳнӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ нақши муҳим дорад, зеро он метавонад арзиш ва самаранокии ширкатро бодиққат ва дақиқтар андоза кунад. Ҷомеае, ки ба дониш асос ёфтааст, дониш қисми муҳимми арзиши аслии маҳсулот ва инчунин сарвати ширкатро ташкил медиҳад.

Усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба дороиҳои моддӣ ва иттилооти таърихии муомилот асос ёфтаанд, барои арзёбии сармояи зеҳнӣ, ки бузургтарин ва пурарзиштарин дороии бисёр корхонаҳост, кифоя нестанд.

Ҷойи шубҳа нест, ки рушди захираҳои инсонӣ омили рушди иқтисодии кишвар аст. Ҷаҳонишавии иқтисодиёти муосир ва тағйироти куллие, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XX ва ибтидои асри XXI ба амал

омадаанд, боиси марҳилаи сифатан нави муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра гардид, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба организми ягона табдил дод. Дар ин замина раванди ҷаҳонишавӣ суръат гирифта, иқтисодиёти доништалаб, технологияҳои ҷадид ва иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки дар он нақши инсон ба таври назаррас тағйир меёбад. Сармояи зеҳнӣ ба омили асосии рушди иқтисодӣ табдил меёбад ва бо таъсири он иқтисодиёти кишвар бештар самаранок ва рақобатпазир мегардад. Ҳамаи ин таваҷҷуҳи илми иқтисодиро ба масъалаҳои марбут ба омӯзиши сармояи зеҳнӣ ва нақши он дар иқтисодиёти инноватсионӣ зиёд мекунад.

Сармояи зеҳнӣ бевосита бо хусусиятҳои сифатии қувваи корӣ алоқаманд аст, ки ғайр аз сифатҳои табиӣ боз дорои хосиятҳои дар раванди тарбия ва таълим ба даст овардашуда мебошад, ки нақши муҳимми соҳаи маорифро дар ташаккул ва рушди неруи зеҳнӣ муайян мекунанд. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, кишварҳое (ба монанди ИМА, Япония, Чин ва ғ.), ки барномаҳои рушди захираҳои зеҳниро мақсаднок татбиқ мекунанд ва дар байни онҳо маориф дар низоми афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ва дигар самтҳо пешсаф мебошад, дар иқтисодиёт ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, боиси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар гардидааст. Самаранокии тараққиёти иқтисодии кишварҳои муосир аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки давлат ба аҳолии худ чӣ қадар маблағгузорӣ менамояд. Бе ин гуна роҳ тараққиёти илмию техникии давлатро таъмин кардан мумкин нест.

Ба ҳамин тариқ, дар ИМА аз рӯйи баъзе ҳисобот, ҳиссаи маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ бештар аз 17,5 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад, ки ин аз маблаггузории умумии «соф»-и сармояи хусусӣ ба корхонаҳо, таҷҳизот ва анборҳо зиёд аст[1]. Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки яке аз дараҷаи баландтарини маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ дар

[1] Джаримова М. А. Интеллектуальный капитал как доминирующий фактор развития экономики, развитие теории человеческого капитала // Известия ТРТУ. - Тематический выпуск. Раздел I. Инвестиции и инновации. – 2021. – С.80.

ҷаҳон бо дараҷаи баландтарини тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон алоқамандии зич дорад.

Аз ин рӯ, ташаккули низоми маорифи Тоҷикистон бо дарназардошти тамоюлҳои нави ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф, бешубҳа, бояд омили муҳимтарини рушд ва таҳкими сармояи зеҳнии миллат гардад. Дар баробари ин, заминаҳои рушди иқтисодии рақобатпазири кишвари моро фароҳам оварад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар тамоми кишварҳои ҷаҳон олимон ва коршиносон кӯшиш мекарданд, ки моҳият ва нақши инсонро дар ҷомеаи муосир, яъне дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ ва дигар соҳаҳо дарк намоянд. Дар ин бора дар адабиёти соҳавӣ истилоҳоти сершуморе ба вуҷуд омадаанд, ки ҷой ва аҳаммияти онро дар низоми мазкур тавсиф менамоянд. Бо чунин истилоҳот дучор шудан мумкин аст: «омили инсонӣ» – шахси ихтироъкор, баҳодиҳанда, «шахси сотсиологӣ», «шахси инсонпарвар» ва «шахси иҷтисодӣ». Дар назарияи иқтисодӣ ду самти бунёдӣ пайдо шудааст.

Якум – бо роҳи «инсондӯстии одами иқтисодӣ», омӯхтани ниёзҳои равонӣ, сотсиологӣ ва биотиббии инсон ба шумор меравад. Самти дуюм ба воситаи принсипҳои анъанавӣ зиёд кардани истеъмоли неъматҳои моддӣ асос ёфтааст.

Сармояи инсонӣ ё сармояи зеҳнӣ, ки дар солҳои охир ҳарчӣ бештар муайян карда мешавад, ҳамчун муҳимтарин манбаи рушди муваффақ, устувор ва бехатари ҳар кишвар эътироф шудааст. Пайдоиши мафҳуми назарияи сармояи инсонӣ дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX дар шароити инқилоби илмию техникӣ ва баланд гардидани аҳаммияти «омили инсонӣ» ба вуҷуд омадааст.

Таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда асоснок менамоянд, ки мафҳум ва моҳияти сармояи зеҳниро бори аввал олим Т. Стюарт таҳқиқ кардааст. Дар мақолаи худ, бо номи «Қувваи зеҳнӣ: чӣ гуна сармояи зеҳнӣ ба сарвати пурарзиши Амрико табдил меёбад», Т.Стюарт сармояи зеҳниро ҳамчун маҷмуи донишҳоеро, ки кормандони ширкат медонанд ва он чизе

ки ба ширкат бартарии рақобатпазирро дар бозор медиҳад «масалан патентҳо, равандҳо, малакаҳои идоракунӣ, истифода тавонистани технологияҳо, таҷриба ва маълумот дар бораи истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон» истифода карда буд. Дар маҷмуъ ҳамаи ин донишҳо сармояи зеҳниро ташкил медиҳад[1]. Иқтисодшиноси маъруфи амрикоӣ Л. Эдвинсон сармояи зеҳниро донише медонад, ки ба арзиш табдил ёфтанаш мумкин аст. Яке аз олимони рус В.С. Ефремов сармояи зеҳниро чунин шарҳ додааст: «сармояи зеҳнӣ донишест, ки ташкилоту корхонаҳо онро дар шакли возеҳ ва равшан, якхела ва ба осонӣ интиқол медиҳанд, ифода ёфтааст»[2]. Ақидаи ин олим ба он равона гардидааст, ки асоси рушди фаъолияти ташкилоту муссисаҳоро сармояи зеҳнӣ ташкил медиҳад.

Сармояи зеҳнӣ дар баробари дигар захираҳо дар эҷоди арзиш иштирок намуда, ҳамчун муҳимтарин захираи сармоягузорӣ ва омили истеҳсолот дар муносибаҳои хоҷагидорӣ ва тиҷоратӣ иштирок мекунад. Истифодаи он ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ асос ёфта, бо чунин омилҳо, ба монанди вақт, таваккал, пардохтпазирӣ, бозпардохт алоқаманд аст. Роҳбарияти ташкилотҳоро зарур аст, ки дар ҳалли ин мушкилот бояд аз омӯхтан ва баҳо додан ба «захираҳи кадрӣ» шуруъ намуда, баъдан бевосита ба идораи онҳо гузарад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки се ҷузъи сармояи зеҳнӣ вуҷуд дорад: сармояи инсонӣ; сармояи ташкилӣ; сармояи истеъмолӣ (нигаред ба расми 3.3.1).

---

[1] Глаз, Ю.А. Человеческий капитал как основная составляющая интеллектуального капитала организации // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации. Актуальные проблемы экономики. – 2010. – №1. – С.418.

[2] Ефремов, В.С. Бизнес-системы постиндустриального общества: О труде, капитале и прибыли коммерческого предприятия / В.С. Ефремов // Менеджмент в России и за рубежом. – 2009. – № 8. – С.49.




**Расми 3.3.1. – Сармояи зеҳнӣ ва ҷузъҳои асосии он**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар робита ба созмонҳои кооператсияи истеъмолӣ, сармояи зеҳнӣ метавонад ҳамчун тамоми захираҳои ғайрипулӣ ва ғайримоддӣ, ки барои эҷоди арзиши маҳсулот ё хизмат ҷалб шудаанд, муайян карда шавад. Маҳз ӯ суръати рушди ташкилотро муқаррар карда, хусусияти навсозии ташкилотро муайян мекунад, ки бартарии рақобатпазирии ширкатҳои истеъмолкунандагонро ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, дар он ҷое ки сармояи зеҳнӣ дуруст идора карда мешавад, бартариятҳои рақобатӣ ба вуҷуд меоянд ва даромад медиҳанд.

Сармояи инсонӣ арзиши асосии ташкилотҳои истеъмолӣ мебошад, зеро он дорои захираҳои дониш, маълумот, малакаҳои таҷрибавӣ, салоҳият, қобилияти эҷодӣ ва тафаккури кормандон, арзишҳои ахлоқии

онҳо, ҳавасмандӣ, сатҳи фарҳангӣ, муносибат ба меҳнат, робитаҳои шахсии истифодашаванда барои ба даст овардани даромад мебошад.

Сармояи инсонӣ ҳамчун ҷузъи функсионалии истеҳсоли маълумотҳои иттилоотӣ бо усулҳои махсус омӯхташуда, ба монанди фаъолияти зеҳнӣ тадриҷан афзоиш меёбад. Фаъолияти зеҳнӣ як шакли амалисозии қобилиятҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии шахс дар эҷоди донишҳои нави қаблан номаълум мебошад, ки гирифтани даромади зеҳнӣ ва бартариҳои гуногунро нисбат ба рақибон таъмин менамояд. Қобилиятҳои фаъолияти ақлӣ ба сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар марҳилаи муайяни инкишофи он дохил мешаванд ва шакли муттаҳидкунӣ ва такмили қобилиятҳои бевоситаи меҳнатӣ мебошанд. Маҳз ба шарофати фаъолияти зеҳнӣ қобилияти меҳнатӣ, эҷодӣ ва қобилияти иҷрокунии инсонро фарқ кардан мумкин аст. Фаъолияти зеҳнӣ сармояи инсониро аз меҳнати одӣ фарқ карда, хусусияти раванди «маблағгузории» қобилиятҳои меҳнатиро муайян мекунад.

Сармояи ташкилӣ бештар ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: якум, ҷамъ овардани дониш ҳамчун асоси фаъолияти арзишманд барои истеъмолкунанда; дуюм, суръат бахшидан ба ҳаракати иттилоот дар дохили ташкилоту корхонаҳо. Сармояи ташкилии корхонаҳо системаҳои иттилоотии корпоративӣ, пойгоҳи маълумотҳо, таҷҳизот ва нармафзор, сохторҳои ташкилӣ, иҷозатномаҳо, тамғаҳои молӣ ва фарҳанги корпоративиро дар бар мегирад. Он инчунин шумора ва сифати шарикони тиҷоратӣ, мавҷудияти шабакаи тиҷоратӣ, тартиби табдил додани донишҳои ноаён ба дониши равшан, сифати ҳамкории шабакавӣ, моликияти зеҳнӣ, бартариҳои ҷуғрофӣ, шартномаҳои таъминот, фурӯш ва таблиғро дар бар мегирад. Арзиши сармояи ташкилӣ ва умуман сармояи зеҳнӣ на аз рӯйи мавҷудияти он, балки аз рӯйи самаранокии истифодаи он муайян карда мешавад. Ин сармоя, бар хилофи сармояи инсонӣ, моликияти ташкилот аст ва дар баъзе мавридҳо метавонад объекти нисбатан мустақили хариду фурӯш бошад. Сармояи ташкилӣ бошад

инчунин барои чӣ гуна истифода бурдани сармояи инсонӣ дар низоми фаъолияти ташкилӣ барои мубодилаи иттилоот таъсир мерасонад.

Сармояи истеъмолӣ ҳамаи он муносибатҳое мебошад, ки ташкилоту корхонаҳо бо истеъмолкунандагон, мизоҷон, миёнаравҳо, таъминкунандагон, шарикон, рақибон, ҷомеа маҳаллӣ ва дигар хоҳишмандони мақсаднокро дар бар мегирад. Муносибатҳо бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути брендҳо, тамғаҳои молӣ ва обруи ташкилот муқаррар карда мешаванд.

Фаъолияти сармояи зеҳнӣ зуҳури принсипи мувозинатро, ки дар амалияи нархгузорӣ ба таври васеъ маълум аст, комилан равшан нишон медиҳад. Моҳияташ дар он аст, ки барои ноил шудан ба арзиши максималии бозории дороиҳо бояд таносуби муайяни ҳамаи унсурҳои он риоя карда шавад.

Ду хусусияти муҳимми сохтори сармояи зеҳнӣ бояд қайд карда шавад.

1. Агар яке аз ҷузъҳои сармояи зеҳнӣ беқурб шавад ё нопадид гардад, пас сармояи зеҳнӣ дар маҷмуъ беқурб мешавад. Масалан, корхонаи истеҳсолие, ки техникаи замонавӣ ва ё навовариҳоро дорад ва бозори худро пайдо намудааст, вале бинобар сабаби нодуруст фаъолият кардани роҳбарият метавонад меҳнати зеҳнии кормандонро аз даст дода ва дар натиҷа аз сармояи зеҳнӣ пурра маҳрум гардад.

2. Як қатор дороиҳои ғайримоддиро байни ҷузъҳои сохтории сармояи зеҳнӣ тақсим кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, масалан, технология ё ноу-хау ҳамзамон ба сармояи инсонӣ (одамон барандаи дониш мебошанд) ва сармояи ташкилӣ (патентҳо, ҳуҷҷатҳое, ки сирри тиҷоратӣ дорад ва ғ.) дахл дорад, шабакаҳои пайвастшавӣ бошанд, метавонанд ҳам ба мизоҷ ва ҳам ба сармояи инсонӣ алоқаманд бошанд, ки ин як хислати хуби шахсии роҳбар мебошад.

Рушди иқтисоди миллӣ бо роҳи инноватсионию таҷдиди истеҳсолот, эҷод ва татбиқи технологияҳои нав ва гузаштани кишвар ба технологияи наслҳои навро талаб менамояд. Моҳияти ин дигаргуниҳо эҷоди ба

истилоҳ «иқтисоди нав» аст, ки асоси онро дониш, малака, салоҳият, яъне фаъолияти фикрӣ ва эҷодӣ ташкил медиҳад. Маҳз сармояи зеҳнӣ бештар «иқтисоди нав»-ро ба вуҷуд меорад[1].

Моликияти зеҳнӣ ҳамчун ниҳоде ташаккул меёбад, ки тавассути он бисёр намудҳои донишҳо аз категорияи неъматҳои ҷамъиятии эҳтимолӣ ба категорияи хусусии амалишаванда интиқол дода мешаванд. Ҷомеаи имрӯза чунин мафҳумро бо ёрии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бошуурона амалӣ менамояд. Дар навбати худ, ин барои эҷоди дониш ва ихтироъоти нав хусусияти ҳавасмандкунанда дорад. Фаъолияти ихтироъкорӣ дар сурати мавҷуд набудани институти моликияти зеҳнӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ бесамар мегардад, зеро шахси эҷодкор наметавонад, ки меҳнати иҷрокардаи худро ҷуброн намояд. Бинобар ин, дар доираи фаъолияти инноватсионӣ зарурати ташаккули пояҳои ҳуқуқӣ ба моликияти зеҳнӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти ин, заминаи меъёрию ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ташаккул меёбад. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» ҳангоми ба шахсони воқеӣ додани ҳуқуқи онҳо ба натиҷаҳои фаъолияти равонӣ дар соҳаи илм, истеҳсолот ва ғ., ки дар асрҳои XVII-XVIII амалӣ мешуд, ба вуҷуд омадааст. Тибқи қарори конфронси Стокголм (соли 1976) Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ таъсис дода шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи моликияти зеҳнӣ асосан дар асоси муқаррароти Кодекси граждонӣ сурат мегирад. Муайян карда шудааст, ки моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи истисноии истифодаи натиҷаи фаъолияти эҷодии зеҳнӣ дар шакли таҷдиди объективии ихтироъ ё дар шакли асари бадеии дар ҳама гуна шакл сохташуда мебошад. Дар навбати худ он имкон медиҳад, ки дар натиҷа ин корҳоро барқарор намоянд. Пас аз ин, яке аз механизмҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқи патентӣ мебошад.

---

[1] Коваленко С.Ю. Интеллектуальный капитал как основа становления инновационной экономики // Инновационный менеджмент. – 2012. – № 3. – С.40.

Патент ҳуқуқи истисноие мебошад, ки ба ихтироот дода мешавад. Он метавонад маҳсулот ё усуле бошад, ки имкон медиҳад фаъолияте бо роҳи нав анҷом дода шавад ё ҳалли нави технологиро пешниҳод кунад. Патент ба соҳиби худ ҳифзи ихтироотро медиҳад. Бо вуҷуди ин, чунин муҳофизат ба муддати маҳдуд, одатан барои 20 сол дода мешавад. Бо ёрии ҳуқуқи патентӣ инҳисорот ба ин ё он навоварӣ ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Вале ҳар як инҳисорот, чи тавре ки маълум аст, ба иқтисодиёт зарари худро мерасонад.

Азбаски иқтисодиёти муосир асосан ба дониш ва технологияҳои пешрафтаи хеле гаронарзиш асос ёфтааст, ин асоси фаъолият ва рушди ҷомеаи муосир гардидаанд. Чунин омил ба арзиши молҳо ва хидматҳо таъсири назаррас мерасонад. Олимон чунин ақида доранд, ки тақрибан 70% арзиши мошини нав аз қисми ғайримоддӣ, яъне эҷодиёти зеҳнии он бармеояд. Ҳуқуқи патентӣ ихтироъкорони пуриқтидорро барои ҷустуҷӯи роҳҳои нав водор мекунад, ва бо ҳамин роҳ ба пешрафти илмию техникӣ, ки дар баланд шудани ҳосилнокии меҳнат зоҳир мегардад, мусоидат мекунад. Муҳлати амали патентҳо муҳим мебошад ва афзоиши он боиси барҳам додани фаъолияти инҳисороти дорандагони патент мегардад, ки ба манфиати ҷомеа мебошад. Дар ҳолате ки ин муҳлат кам карда шавад, пас ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ низ кам мегардад.

Барои мусоидат намудан ба рушди татбиқи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатӣ дар истеҳсолот, ба ақидаи мо, озодии фаъолияти илмӣ набояд маҳдуд карда шавад. Балки ба муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатӣ, сарфи назар аз он ки ба ихтирооти онҳо ҳуқуқи моликият дода шудааст, ин тадқиқотҳо бояд аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда шаванд. Мутаассифона, давлат на ҳама вақт соҳиби муассири моликияти зеҳнӣ аст. Масалан, дар солҳои 1980-ум маъмурияти ИМА соҳиби тақрибан 30 ҳазор патент буд. Бо вуҷуди ин, танҳо ба 5%-и шумораи умумии ихтироот барои истифодаи тиҷоратӣ иҷозатнома дода шуда буд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои оянда таҳия карда шавад ва он бояд ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ нигаронида шавад.

Бо рушди муносибатҳои бозорӣ моликияти зеҳнӣ объекти муомилоти молӣ мегардад, ва унсурҳои таркибии он дар бозори моликияти зеҳнӣ ҳамчун мол баромад мекунанд. Низоми одилона ва мукаммали патент, ки ба ихтироъкор эътироф ва неъматҳои моддӣ медиҳад, ба фаъолияти ихтироъкорӣ ва навоварӣ мусоидат мекунад. Бо шарофати кафолатҳое, ки чунин низом барои соҳиби патент фароҳам меорад, барои интиқоли технология низ шароити мусоид фароҳам меорад.

Андешидани чораҳои сахттар оид ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ метавонад боиси афзоиши тафовути сатҳи технологии кишварҳои саноатӣ ва рӯ ба тараққӣ, инчунин ба тамоюлҳои инҳисорӣ дар бозори нав оварда расонад. Аз ҷониби дигар, мавҷудияти низоми боэътимоди ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба фаъол шудани таҳқиқоти илмӣ ва заковати эҷодӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти чунин системаҳо ба фароҳам овардани бозори натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои хариду фурӯши навовариҳо ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузории кишвар, бахусус ҷалби сармоя ба бахши технологияҳои муосири иқтисодиёт замина мегузорад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳолати заиф будани ҳифзи моликияти зеҳнӣ бо сабаби дастрасии осонтар ба захираҳои зеҳнӣ, даромаднокии фаъолияти инноватсионӣ коҳиш меёбад. Ҳамзамон, имкони кам кардани хатарҳо коҳиш меёбад, зеро мавҷудияти захираҳои зеҳнӣ барои истеҳсол доираи иштирокчиёни давраи инноватсиониро васеъ намуда, объектҳои моликияти зеҳниро ба зарари субъектҳои хоҷагидоре, ки қаблан дар раванди инноватсионӣ оғоз гардида буданд, такрор мекунанд.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки истифодаи қалбакӣ аз ихтирооти дигарон то он даме, ки ҳифзи моликияти зеҳнӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ

судманд нагардад, ҳавасмандиро ба миён намеорад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар натиҷа, аз 3 то 6 % тиҷорати ҷаҳониро молҳои қалбакӣ ташкил медиҳанд. Дар асл бошад, ин дар як сол 120-240 миллиард долларро ташкил медиҳад. Барои кишварҳои дорои инфрасохтори заифи иқтисодӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад, низоми патентӣ бартариҳои назаррасро кафолат намедиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки проблемаи бунёд ва рушди бахши иқтисодиёт бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ин бахш бештар ба ҳалли масъалаи ҷанбаҳои тиҷоратии ҳимояи моликияти зеҳнӣ алоқаманд аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эъломия оид ба шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ аз 20 январи соли 1994 эътибори як қатор конвенсияҳо ва шартномаҳои байналмилалиро дар қаламрави худ эълон кардааст. Татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунҳои дар кишвар қабулшуда маънои онро дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ дар сатҳи пурра амал мекунад. Дар баробари ин, сарфи назар аз шароити мусоид ҳоло дар Тоҷикистон дараҷаи фаъолияти ихтироъкорӣ нисбатан паст буда, коэффитсенти фаъолияти ихтироъкорӣ ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна 1,5 фоизро ташкил медиҳад. Давлат бояд ба рушди институти моликияти зеҳнӣ ҳамчун омили асосии ҷараёни мунтазами равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт диққати махсус диҳад. Нақши давлат дар ташаккули институти моликияти зеҳнӣ дар се самт тақвият меёбад.

1. Дахолати давлат бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектҳое, ки натиҷаҳои аз ҷиҳати фаъолияти зеҳнӣ сифатан нав истеҳсол мекунанд, ба марҳилаи намунаҳои саноатӣ ҷамъбаст намудани натиҷаҳои илмию амалӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Барои баланд бардоштани иқтидори илмӣ-таҳқиқотӣ бо роҳи муттаҳид кардани равандҳои тадқиқотӣ дар ҳудуди кишвар бояд захираи иттилоотиро оид ба фаъолияти илмии ҳамаи категорияҳои ташкилотҳо, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад, таъсис диҳад. Барои ихтироот дар марказҳои илмӣ

шароити мувофиқ фароҳам овардан лозим аст, то ин ки кадрҳои баландихтисоси дорои қобилиятҳои навоварона ҷалб карда шаванд.

2. Барои ҳавасмандгардонии рушди институти моликияти зеҳнӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки аз тарафи давлат барои ширкатҳое, ки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар истеҳсолоти худ ҷорӣ мекунанд, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дода шавад. Инчунин барои содироти молу маҳсулоте, ки дар асоси истифодаи моликияти зеҳнӣ ва технологияҳои нав истеҳсол мешаванд, шароити махсус фароҳам оварад. Барои ташкилотҳои таҳқиқотӣ низоми махсуси андозбандӣ имконпазир аст. Барои ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба ташкилотҳои илмӣ озодии фаъолияти илмӣ, инчунин додани ҳуқуқи моликият ба ихтирооти онҳо афзалият дода мешавад. Ҳамаи ин боиси вусъат ёфтани ҳамкории институтҳои тадқиқотӣ-илмӣ бо корхонаҳои саноатӣ мегардад.

3. Барои танзими рушди институти моликияти зеҳнӣ дар маҷмӯъ заминаи меъёрии муосир зарур аст. Дар ин замина ҳамаи намуди муносибати субъектҳои фаъолияти зеҳнӣ танзим гардида, механизми ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо назардошти манфиатҳои субъектҳои моликияти зеҳнӣ такмил дода шавад. Кор карда баромадани тадбирҳои пешгирӣ намудани ба вуҷудоии монополистҳо дар соҳаи истифода бурдани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ аҳаммияти махсус дорад.

Низоми моликияти зеҳнӣ, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, дар ҳолати рушд ва такмилёбӣ қарор дорад. Ин низом ҳифзи дурусти ҳуқуқи моликияти зеҳниро таъмин намуда, қонунгузории амалкунандаро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ месозад. Таҳлили вазъи муосир имкон медиҳад, ки ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи давлат ноил гарданд. Воситаи асосии сиёсати давлатӣ дар самти истифода ва ҳифзи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки равандҳои инноватсиониро дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои соҳавӣ оид ба ҳифз ва истифодаи неруи зеҳнӣ танзим мекунанд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди низоми

моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони умумиҷаҳонии моликият зеҳнӣ, Созмони патентии Авруосиё ва Шурои байнидавлатии ҳифзи ҳуқуқ ва моликияти зеҳнӣ шудааст ва айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 25 созишномаҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамроҳ шуда, як қатор созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ низ ба имзо расонидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба салоҳияти як қатор мақомоти давлатӣ дода шудааст:

– моликияти саноатӣ (ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва хизматрасонӣ, номҳои истеҳсоли мол (нишондодҳои ҷуғрофӣ), топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ) – Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он – шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дастовардҳои селексионӣ – Комиссияи давлатӣ оид ба озмоиши навъҳои зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Точикистон.

Бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин барои ҳамоҳангсозӣ ва таъмини ҳамкории байни вазорату идораҳо Шурои миллии ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ таъсис дода шуд. Вазифаҳои Шурои миллии ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ аз таҳияи сиёсат ва стратегияи ҳавасмандгардонии моликияти зеҳнӣ, ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои муассири байниидоравӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва татбиқи он иборатанд. Барои таъмини дастрасӣ ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти истифодабарандагони маълумот дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ва моликияти зеҳнӣ,

истифодаи инноватсия ва технологияҳои нав интернет-портали миллии инноватсионӣ таъсис дода шудааст. Дар интернет-портал маълумот оид ба фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои нав, хизматрасониҳои вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмии соҳавӣ, ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ, соҳибкории хурду миёна мавҷуданд.

Яке аз мушкилоти асосии соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ баррасии баҳсҳо ва эътирозҳои соҳибони ҳуқуқи муаллифи моликияти зеҳнӣ ҳангоми бақайдгирӣ, поймолкунии ҳуқуқи онҳо ва рақобати носолим дар бозор мебошад. Дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи махсуси мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амал мекунад. Бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ бо соҳибкорон, муҳаққиқон ва омӯзгорон, инчунин бо ВАО барои пешбурд ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ фаъолиятро ҷоннок намудан лозим аст.

Айни ҳол ҳамоҳангсозии нокифояи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз чумла мавҷуд набудани нақшаҳои мушаххаси чорабиниҳо, маълумот дар бораи натиҷаҳои мубориза бар зидди маҳсулоти ғайриқонунӣ ва қалбакӣ, нарасидани мутахассисон мушоҳида гардида истодааст. Вазифаҳои асосии низоми моликияти зеҳнӣ, пеш аз ҳама, бояд ҳавасмандии эҷодкорӣ, тадқиқотӣ, сармоягузорӣ, интиқоли технология, рақобати одилонаро тавассути таҳияи заминаи муносиби ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд.

## Хулосаи боби 3

Бояд қайд намуд, ки самтҳои асосии рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ вобастагӣ дорад. Танҳо дар доираи муносибатҳои кластерӣ метавон ба таҳкими муҳити институтсионаливу инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ ноил гардид.

Ҳамчунин маълум мегардад, ки рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ аз рақамикунонии иқтисодиёт вобастагии калон дорад. Бинобар ин, консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ зарур мебошад.

Омили дигари таъминкунандаи муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ ин сармояи зеҳнӣ ба шумор меравад. Маълум мегардад, ки сармояи зеҳнӣ дар баробари дигар захираҳо дар эҷоди арзиш иштирок намуда, ҳамчун муҳимтарин захираи сармоягузорӣ ва омили истеҳсолот дар муносибаҳои хоҷагидорӣ ва тиҷоратӣ иштирок мекунад. Истифодаи он ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ асос ёфта, бо чунин омилҳо, ба монанди вақт, таваккал, пардохтпазирӣ, бозпардохт алоқаманд аст. Маҳз сармояи зеҳнӣ суръати рушди ташкилотро муқаррар карда, хусусияти навсозии ташкилотро муайян мекунад, ки бартарии рақобатпазирии ширкатҳои ватаниро таъмин менамояд. Дар ҳолате ки сармояи зеҳнӣ дуруст идора карда шавад, бартариятҳои рақобатӣ ба вуҷуд меоянд ва даромад ҳам ба даст меояд.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлилу хулосаҳо бояд қайд намоем, ки дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муҳаррики асосии рушди инноватсионӣ одамони дорои маълумоти олидошта мебошанд, ки рушди ташкилоту муассисаҳоро таъмин менамоянд. Таҳқиқотҳои анҷомдодаи мо нишон медиҳанд, ки дар баробари талабот ба донишҳои рақамии кормандон, менеҷерҳо нисбат ба чунин сифатҳои шахсии кормандон, аз қабили муносибати эҷодӣ ба ҳалли мушкилот, қобилияти мутобиқат кардан ва ҳалли мушкилоти мураккаб ва албатта, малакаҳои роҳбарӣ талаботҳои баланд мегузоранд. Дар иқтисодиёти рақамӣ бошад, малакаю истеъдодҳои кормандон, ки онҳоро албатта таҷҳизот иҷро карда наметавонад, махсусан арзишманд мегарданд.

Бинобар ин, муҳим аст, ки таъсири иқтисодиёти рақамӣ ба корхонаҳои саноатӣ, аниқтараш, паҳлуи навоварии рушди он ба таври

муфассал омӯхта шаванд. Зеро навовариҳо ҳар лаҳза метавонанд нав шаванд ва афзалиятҳои заруриро корхонаҳои саноатӣ барои рақобатпазир гардидан бояд истифода баранд. Тавсифи тағйироте, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти рақамӣ таъсир мерасонанд, метавонад паҳлуҳои норавшани ин муамморо ошкор намояд.

Таҳлил нишон дод, ки рушди иқтисоди миллии ҳар як давлат аз истифодаи дурусти сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, зарурат ба миён меояд, ки сармоягузориро ба сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ афзоиш диҳем. Ба фикри мо, барои иҷрои босифати ин мақсадҳо таҳия ва қабули барномаҳои махсуси соҳавию давлатӣ зарур мебошанд.

Дар иҷрои чунин корҳо саҳми давлат аз иҷрои вазифаҳои классикии он иборат мегардад. Ҳимоя, батанзимдарорӣ ва назорати равандҳои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ мутобиқи манфиатҳои стратегии миллии кишвар бояд амалӣ гарданд. Танҳо давлат тамоми имкониятҳои дорои хусусияти расмӣ ва ғайрирасмиро ба хотири як ҳадаф ва як самт бо ҳам муттаҳид намояд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва инкишофи рақобатпазирии он аз дараҷаи самаранокии татбиқи принсипҳои асосии гузариш ба модели инноватсионии иқтисодиёт вобаста мебошад. Дар шароити кунунӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ ҷалби сармоягузориҳо ба татбиқи принсипҳои инкишофи инноватсионӣ шуморида мешавад. Иқтисодиёт ҳамон вақт дар роҳи инноватсионии тараққиёт қарор мегирад, ки агар дар асоси кашфиёти илмӣ ва рушди нави сифатии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо таваҷҷуҳ ба истеҳсоли молу хизматрасониҳои нав ба пеш ҳаракат намояд. Омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ сармояи инсонӣ мебошанд, ки ба сифат ва миқдори дигар омилҳои рушди инноватсионӣ ва махсусан ба захираҳои иттилоотӣ, ташкилӣ ва маъмурӣ таъсири мустақим мерасонанд [1-М; 3-М].

2. Сармояи инсониро нисбат ба иқтисодиёти инноватсионӣ аз нуктаи назари илмӣ метавон ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои инфиродӣ, дониш, маҳорат ва фаъолияти эҷодӣ баррасӣ кард, ки дар муҳити махсуси ниҳодӣ ташаккул меёбад. Ҷустуҷӯи роҳҳои нави инкишофи сармояи инсонӣ боиси дарки фаъолияти инсон, табдили амали иҷтимоии он дар робита бо институтҳои иқтисодӣ ва умуман ҷомеа, ҳамчун муҳаррики рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инноватсионӣ мегардад. Сифатҳои шахс, ки сармояи умумии инсониро ташкил медиҳанд ва барои иқтисодиёти инноватсионӣ аҳамияти махсус доранд дар зери таъсири институтҳои муайян шакл мегиранд. Аз тарафи дигар, омилҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ низ аз сифати институтҳои меъёриву сохторӣ ва расмиву ғайрирасмии танзими он вобаста мебошанд [2-М; 9-М].

3. Нақши махсуси сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ бештар таваҷҷӯҳро ба масъалаҳои ташаккули он ҷалб мекунад. Ин, дар навбати худ, зарурати муайян ва омӯхтани принсипҳои бунёдии ташаккули сармояи инсониро, ки самаранокии

раванди такрористеҳсоли онро таъмин менамояд, ба миён меорад. Дар шароити муосир (шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ), дар баробари ба назар гирифтани принсипҳои умумиилмӣ ки дар адабиёти иқтисодӣ ба таври васеъ шарҳ дода шудааст, бояд ба ду гурӯҳи принсипҳои дигар низ таваҷҷуҳ кард: принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармоя инсонӣ ва принсипҳои марбут ба сармоягузорӣ ба таҳкими фар-ҳанги нововарӣ [4-М; 8-М].

4. Байни нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории ташаккули сармояи инсонӣ ва сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаи мустақим мавҷуд аст. Ин маънои онро дорад, ки рушди сармояи инсонӣ ба рушди институтҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа муҳити нави такрористеҳсолии сармояи инсонӣ ба вуҷуд меояд, ки сифатан аз пештара фарқ мекунад. Стратегияи такмили равандҳои такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бояд ба таъмини ҳамкории мутақобилаи институтҳо, ки ташаккули тафаккури инноватсиониро ба ҳомилини сармояи инсонӣ таъмин мекунад, равона карда шавад, ки он ба ташаккули низоми инноватсионии миллӣ мусоидат хоҳад кард [6-М; 15-М].

5. Дар раванди ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ба ғайр аз институтҳои иҷтимоӣ, институтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғ. иштирок мекунанд. Мушкилӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи институтҳои гуногун (расмӣ ва ғайрирасмӣ) дар ташаккули сармояи инсонӣ зарурати пешгирии оқибатҳои манфии марбут ба таъсири ҷараёни иттилоот ба ҷузъҳои маънавии унсурҳои сармояи инсониро муайян мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки хусусиятҳои самараноки тафаккури инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ на ҳамеша бо хусусиятҳои тарбияи ахлоқӣ ва фарҳангии кадрҳо дар ҷомеаи муосир мувофиқат мекунанд [7-М; 18-М].

6. Яке аз шартҳои асосии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ кластерҳои илмию таълимӣ мебошанд. Дар муҳити кластерҳои илмию таълимӣ муҳити хурди такрористеҳ-

солии сармояи инсонӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки ба ташаккули тафаккури инноватсионӣ дар байни ҳомилини он мусоидат мекунад. Дар охир омӯзиши мунтазами дигаргуниҳои институтсионалӣ дар низоми ҳамкории муассисаҳои илмию таълимӣ, ки ба ташаккули кластерҳои мувофиқ нигаронида шудааст, муайян мегардад [14-М; 15-М; 21-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Таҳлил нишон дод, ки муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи зарурии рушди сармояи инсониро, ки қодир ба рақобат дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ бошад, таъмин намекунад. Рушди мутаносиби институтҳои асосии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ (оила, низоми маориф, тандурустӣ, давлат ва ғ.) бо сатҳи пасти ҳамкории онҳо дар ташаккули тафаккури инноватсионии ҳомилини он монеъ мешавад. Вазъияти кунунӣ дахолати давлатро дар самти фароҳам овардани муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар ҷумҳурӣ тақозо менамояд [7-М; 11-М].

2. Тағйироти институтсионалии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар бо таъсири омилҳои беруна алоқаманд буда, ба зарурати таъмини молиявии муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати идомаи фаъолияти онҳо такя менамуд. Хусусияти хоси рушди соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ дар шароити мавҷуд набудани сиёсати мақсаднок оид ба ташаккули сармояи инсонии босифат, ки метавонад омили асосии рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисоди миллӣ гардад, муайян мегардад [6-М; 12-М].

3. Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити дигаргунсозии низоми таҳсилоти олӣ ба танзими тамоюлҳои демографӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ, гузаштан ба таълими якумра, ташаккули шахсияти эҷодкор, ташкили механизмҳои самарабахши танзими фаъолияти кадрҳо, таъмини ҳаракати касбии сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати муҳити зист, ҳифз ва такмил додани анъанаҳои фарҳангӣ, фароҳам овардани шароити бароҳати зиндагӣ, дастгирии

суроғавӣ ба аҳолӣ барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, таъмини таҳсилоти босифат ва дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ равона шудааст [4-М; 21-М].

4. Муҳити инноватсионӣ муҳити касбии эҷодкориҳо буда, шарти зарурии он мавҷудияти фарҳанги инноватсионӣ мебошад. Мушкилот ва мураккабии мафҳуми «муҳити инноватсионӣ» доир ба шарҳи он бо маъноҳо ва равишҳои гуногун доираи васеи андешаҳоро ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, фазои иҷтимоие, ки ба таври муайян ба вуҷуд меояд, рушди инноватсиониро бо таъмини манфиатҳои ҷамъият ва афроди ҷомеа тавъам месозад. Модели сохторӣ ва функсионалии ташаккули муҳити инноватсионӣ, ки дар кори диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, инъикоскунандаи дастрасӣ ба аҳдофи муҳимтарини ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ мебошад [6-М; 19-М].

5. Низоми ташаккул ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, дар ҳоли рушд ва такмилёбӣ аст. Ин низом ҳифзи дурусти ҳуқуқи моликияти зеҳниро таъмин намуда, қонунгузории амалкунандаро ба стандартҳои байналмилалӣ бояд мутобиқ созад. Таҳлили вазъи муосир имкон медиҳад, ки ба воситаи асосии сиёсати давлатӣ дар самти истифода ва ҳифзи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки равандҳои инноватсиониро дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои соҳавӣ оид ба ҳифз ва истифодаи нерӯи зеҳнӣ танзим мекунанд [7-М; 22-М].

6. Рақамикунонии иқтисоди миллӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои сифатии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ талаботи нав мегузорад. Иқтисоди рақамӣ таҷдиди низоми маорифро бо назардошти такмили ҳамкории он бо дигар институтҳои такрористеҳсолии сармояи инсонӣ, ки ба рушди ҷузъҳои зеҳнии он нигаронида шудааст, ҳамчун омили асосии ташкили низоми инноватсионӣ дар кишвар, тақозо мекунад [6-М; 12-М; 22-М].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдулло-заде, Н.Р. Особенности развития человеческого капитала в транзитивной экономике (на примере Республики Таджикистан) дисс. на соискание ученой степени к.э.н.: 08.00.01 [Текст] / Н.Р. Абдулло-заде. – Душанбе, 2020. – 155 с.

2. Абдулло-заде, Н.Р. Формирование инновационной экономики для активизации человеческого капитала в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Р. Абдуллозаде // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2018. – № 1. – С.13-20.

3. Абдулло-заде, Н.Р. Роль человеческого капитала в социально-экономическое развитие Республики Таджикистан [Текст] / Н.Р. Абдуллозаде, Х.Р. Хожиматова // Фотинские чтения. – 2018. – № 1 (9). – С.147-152.

4. Авдеев, Е.В. Воспроизводство индивидуального человеческого капитала [Текст] / Е.В. Авдеев // Московский экономический журнал. – 2020. – №5. – С.853- 864.

5. Акрамова, З.Б. Таҳлили ҳолати сармояи инсонӣ ва таъсири он ба фаъолнокии инноватсионии корхонаи соҳаи саноати сабук [Матн] / З.Б. Акрамова, М.Қ. Солиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 10-2. – С.112-121.

